ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОН ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД – 372.8:809.155.0+373
ТКБ – 74.261:81.2.тоҷ+74.2
А - 45

АЗИЗӢ МУЛЛОБОБО ҶОМЕЪИДДИН

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БО ҲАДАФҲОИ ИҶТИМОИШАВИИ БАЧАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси
5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти
фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Негматов С.Э.

ДУШАНБЕ - 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....3
Боби 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд.....23
1.1. Таҳсилоти фарогир – падидаи нави низоми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.....23
1.2. Тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ.....39
1.3. Вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд.....53
Хулосаи боби якум.....71
Боби 2. Муҳити инклюзивӣ – шароити мутобиқи таъмин ва татбиқи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.....76
2.1. Таҳсилоти фарогир масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ.....76
2.2. Таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир.....85
2.3. Вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир.....99
Хулосаи боби дуюм.....118
Боби 3. Дурнамо ва роҳу равиши рушди низоми таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ ва иҷтимоӣ.....122
3.1. Таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир – ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълим.....122
3.2. Мақоми омӯзгору волидон ва ҳамкории тарафайн дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд.....138
3.3. Роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави консепсияи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд.....149
Хулосаи боби сеюм.....193
ХУЛОСАҲО.....196
АДАБИЁТ.....205

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нави фазои таълиму тарбия аз масъалаҳоест, ки таваҷҷӯҳи донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро беш аз пеш ба худ ҷалб мекунад. Зиёда аз он, таҳсилоти фарогир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукмат дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона мегардад ва барои таъмини ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил, иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, имконияташон маҳдуд ва ноқис, дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд.

Чанд сол пеш бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯдакони имконияташон маҳдуд барои солҳои 2011-2015” ба тасвиб расида буд . Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми нав ва пешқадами фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Қабул ва татбиқи консепсия имкон медиҳад, ки бачагони дорои нуқсонҳои мухталифи ҷисмонӣ зеҳнӣ, ақлӣ, руҳӣ ва амсоли он бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шуда, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи консепсия аз волидон, муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, ҷомеа ва давлат бобати иҷтимоишавии бачагони носолим ва ба таҳсил талаботи махсусдошта таваҷҷуҳи ҷиддиро тақозо мекунад. “Таҳсилоти фарогир аз байн бурдани монеаҳоеро дар назар дорад, ки барои ҳар як кӯдак ба таври алоҳида барои таъмини зиндагии шоистаи ӯ метавонад вуҷуд дошта бошад” [7, с.109].

Тазаккур бояд дод, ки мафҳуми “таҳсилоти фарогир” моҳиятан ва мантиқан рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва амсоли он мебошад. Вазифа аз он иборат аст, ки муаммоҳои мавҷуда ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, ба марому низоми таълиму тарбия бомуваффақият ҳалли худро бояд ёбад.

Қобил зикр аст, ки таҳсилоти фарогир ҳамчун шакли муосири таълиму тарбияи якҷоя сарфи назар аз нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва умуман солимии кӯдакону бачагони мактабхон пазируфта шудааст. Ҷараёни ҷалби ашхоси дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кор ва таълимро масъалаи аввалиндараҷа меҳисобад. Аз ҷумла, фаъол намудани марказҳои ёрирасон дар самти кӯмак расонидан ба муассисаҳои таҳсилот, ки бо таълими инклюзивӣ машғул мебошанд.

Асолат ва рисолати таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром дар доираи бартараф кардани ҳама гуна ихтилофҳо, фарқият ва тафовут байни бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ташкил медиҳад. Муҳим он аст, ки барои бачагони дорои норасоиҳои дарк, ва зеҳн, узвҳои шунавоӣ, биноӣ, такягоҳӣ ва ҳаракат (даст, по, сутунмуҳра, ки ҳаракат ва идораи онро таъмин мекунанд) таъмини шарту шароитҳои махсуси таълиму таҳсил тақозо мегардад.

Ғояҳои бузурги башардӯстӣ ва инсонпарварӣ, дасти мадад ба афроди дорои эҳтиёҷ ба иҷтимоишавӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди пайваст шудани онҳо ба омузиши фанҳои мактабӣ, илму ҳунар аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат дар самти таҳсилоти фарогир мебошад.

Дар ин росто муттаҳидии неруҳои гуногуни ҷомеа: воситаҳои ахбори умум, ташкилотҳои некхоҳ ва хайрхоҳу мададрасон, сохторҳои

тиҷорат ва бизнес, созмонҳои ғайридавлатӣ аз ҳадафҳои муҳимми татбиқи таҳсилоти фарогир ва ба таълиму парвариш дастрасӣ пайдо кардани кудакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бояд гардад. Матлаби асосии чунин ташаббус ва иқдомот ташаккули шуури фарогир дар доираи ҷомеа, муҳити хонавода ва мактабу маориф маҳсуб меёбад.

Дар робита ба мавҷудияти мушкилот дар ташкили бонизом ва мураттаби таҳсилоти фарогир ҳали як силсила масъалаҳои муҳим зарур шуморида мешавад. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои асосӣ – ташкили инфрасохтори моддӣ мебошад, ки барои омӯзиши кудакони маъюб ҳамчун заминаи моддӣ-техникӣ ва марбут ба лавозимоти зарури таълимӣ ва чун воситаи таъмини раванди таҳсилоти фарогир хидмат мекунад.

Шиносоӣ бо вазъи воқеии таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ, таҳлили барнома ва нақшаҳои таълимӣ собит месозад, ки набудани имкониятҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони ин соҳа яке аз масъалаҳои умда буда, ба татбиқи амалӣ ниёзи калон дорад. Омӯзгори соҳибмаҳорат ва соҳибтаҷриба мебояд, ки аз технологияҳои педагогии муосир ва дастрас огоҳӣ дошта бошад ва дар раванди таълими бачагони дорои иллатҳои гуногундошта аз дастур, пешниҳод ва методикаи пешқадам истифода карда тавонад. Барои чунин афрод муҳити дилхоҳи таълиму тарбия бояд муҳайё кард, то худро хушбахт ва бенуқсон эҳсос карда бошанд.

Принсипҳои умдаи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон чунин қисматҳоро дарбар мегирад:

1. Ҳуқуқи баробарӣ доштан ба таҳсил ва парвариш сарфи назар аз вазъи солимӣ ва мамониатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он.

2. Таълим дар муҳити таҳсилоти миёнаи умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ҳамроҳ бо ҳамсолони худ.

3. Муносибатти инфиродӣ ба кудакони имкониятҳои маҳдуддошта. Аз лиҳоз барои онҳо омода кардани барномаҳои мутобиқшудаи таълимӣ, дастгирии руҳӣ (психологӣ ва педагогӣ) аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст.

4. Ба вуҷуд овардани муҳити бемонеа. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кудакони нуқсондор ҳама гуна имкониятҳои маиширо бо дарназардошти ҳучраҳои гигиенӣ, ҷойи қазои ҳоҷат, асбобу ашғоли заруру лозим ва амсоли он муҳайё бояд карда бошанд.

5. Кӯмак ва дастгирии омӯзгорон. Ба ин мақсад ҳайати педагогҳои мактаб бо тайёрӣ ва омодагии махсус мунтазам дар курсҳои такмили ихтисос сабақгардонӣ карда, барои ҳуқуқи кор кардан дар муҳити инклюзияро ба даст оранд.

Дар айни замон фаъолият дар самти таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон хелк хуб оғоз ёфтаву идома дорад ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошта ҳама гуна чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешида мешаванд, то кӯдакони ноқисиҳои гуногундошта сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда барои дастрасӣ ба таҳсили босифат муваффақ гарданд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ

Рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф буда, дар навбати худ аз масъалаҳои аз пажуҳиши илмӣ-амалӣ андаке дурмонда маҳсуб меёбад. Сарфи назар аз мавҷудияти базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва корбасти барномаҳои махсуси таълимӣ муносибати ҷиддӣ ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд танҳо солҳои охир ба доираи пажуҳишҳои муназзам ва мураттаб кашида шуд.

Дар илми педагогикаи ҷаҳонӣ таҳқиқи масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир шуруъ аз солҳои 70-уми асри гузашта ба миён омада, як зумра олимон ва муҳаққиқони олами Ғарб, аз ҷумла, М.Ванг (ИМА),

М.Айзенштейн (Фаронса), Н.Норвич (Британиё), донишмандони шинохтаи рус П.П.Блонский, Л.С.Виготский, В.П.Кащенко, С.Т.Щацкий, Н.Н.Малофеев, С.В.Алёхина, Т.Неретина, Е.Н. Кутепова, Т.В.Чиркова, И.А.Соловьёва, А.Г.Асмолов ва дигарон ҳамчун нахустин намояндагони ин соҳаи нави ҷадид ба майдони пажуҳиш қадам гузоштанд.

Дар асарҳои мондагори К.Д.Ушинский, П.Ф.Лесгафт, П.В.Каптерев махсус зикр шуда буд, ки шиносоӣ бо ҳаёти кӯдак дар муҳити хонавода, ҷомеа, новобаста аз синну сол, бохабар шудан аз вазъи саломатии ӯ ва бемориҳояш – вазифаи ҷонии мост. Аз ҷумла, В.П.Кащенко чунин гуфта буд: “Мо кӯдакро ҳатман ва ҳамаҷониба бояд дониста бошем, зиёдатар аз он, ки ин ё он қисмҳои мошинаи худро хуб медонем ва бо он сару кор дорем” [58, с. 24].

Дар Тоҷикистон бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои БМТ (бачагони талаботи махсус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” ба тасвиб расида буд [68]. Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми ҷадиди фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Дар партави татбиқи консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти унвони “Донишномаи таҳсилоти фарогир” [54] вожаҳо ва истилоҳоти махсуси таҳсилоти фарогирро нашр гардид, ки дар он миқдори зиёди мафҳумҳои ТФ аз назари тафсир, баён, шарҳ ва эзоҳ муҳтавои масъаларо дарбар мегирад.

Татбиқи ин падидаи нави таҳсилот дар қисмати дахлдори “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” [139] зикр ёфта, аз масъалаҳоест, ки донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро дар ҷалб кардан ва фаро гирифтани ашхоси дорои имконоти маҳдуд равона месозад.

Дар китоби донишмандони ватанӣ Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А. асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи боэътимод маълумотҳои дақиқ, сайри таърихӣ, заминаҳои густариш ва таҳаввули масъалаи мавриди назарро аз нигоҳи илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дарбар мегирад [6].

Дар китоби донишманди ватанӣ шодравон Байзоев А. “Масъалаҳои мубрами ислоҳоти маориф” [7] ва дастури дастаҷамъонаи “Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ): Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос (таҳти назари Байзоев Азим) и бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ рӯйи чоп омадааст [168], як силсила масъалаҳо, аз ҷумла, шарҳи муҳимтарин мафҳумҳо, мушахассоти умумии таҳсилоти фарогир, роҳу усулҳои имконпазири татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он мавриди баррасӣ ва ҳалу фасл қарор гирифтааст, ки қадами назаррас ҷониби муҳиммияти масъала дар самти таҳсилоти фарогир арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқи ватанӣ Р.Рамазонова дар дастури таълимӣ “Бозӣ воситаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар ташаккули қобилияти хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ” фикру ақидаи худро дар мавзуҳои бозиҳои серҳаракати миллӣ, фолклори хонандагони нуқсони нутқдошта, меъёри омодагии педагогӣ-психологии хонандагон ба таълими савод, хусусиятҳои бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ, бозиҳо барои маҳорати хондану навиштан, монандкунии овоз, ҳарф ба ашё, бозӣ воситаи асосии дарсҳои саводомӯзӣ пешниҳод намудааст [120].

Масъалаи истифодаи корҳои ислоҳӣ аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ Т.М.Ҳақназаров оид ба ислоҳи нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ [156], М.Дадабоева – вижагиҳои кор бо кӯдакони дорои норасоиҳои шунавоӣ [30], Д.Салямова - хусусиятҳои лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи

бартарафсозии он [128] мавриди пажуҳиш ва тавсияҳои ҷолиб қарор ёфтааст.

Соли 2019 дар Конфронси бонуфузе, ки дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ташаббуси ноиби президент, академик Каримова И.Х. таҳти унвони “Уфуқҳои таҳсилоти фарогир: мушкилот, муаммо ва дурнамо” баргузор шуда буд, мутахассисон аз мамлакатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (Русия, Беларус, Арманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон) ширкат варзиданд. Дар ҷараёни муҳокиву музокирот мутахассисони ба конференсия даъватшуда бо намоиш ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ (мастер-класс) оид ба таҷрибаи роҳандозии таҳсилоти фарогир дар кишварҳояшон маълумоти фасеҳ ва ҷолибро пешниҳод карданд.

Қобил қайд аст, ки муҳаққиқи ватанӣ Ҳакимова Ҷ.С. рисолаи номзадии худро оид ба проблемаи муҳимми рушди таҳсилоти фарогир дар мавзӯи “«Вижагиҳои дидактикии ташкили фаъолияти амалӣ дар шароити таҳсилоти фарогир» (дар пойгоҳи мактаб-интернат барои кӯдакони ношунаво) бомуваффақият дифоъ намуда, собит кард, ки ин самти то ҳол таҳқиқнаёфтаи илми педагогикаи муосир пешомадҳои ҷолиб дорад [155].

Рисолаи муҳаққиқи ватанӣ Мирзоева Д.С. дар мавзӯи “Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ” (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба фароҳам овардани шароитҳои педагогии фаъолгардонии усули ғайрианънанавӣ дар ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар дарсҳои забони модарии таҳсилоти ибтидоӣ бахшида шуда, усулҳои ғайрианъанавиро ҳамчун омили ислоҳ намудани нуқсони нутқ барои баланд бардоштани самаранокии таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [90].

Ногуфта намонад, ки дар заминаи Донишгоҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия, ҳамчунин колледжҳои омӯзгории ноҳияи Ҳисор ва шаҳри Турсунзода барномаҳои таҷрибавӣ (пилотӣ) оид ба таъсиси муҳити инклюзивӣ барои донишҷӯёни маъюбу маслух ва дорои имкониятҳои маҳдуд бо дастгирӣ ва ёрии созмонҳои байналмилалӣ (Япония, Русия, ЮНИСЕФ) амал мекунанд ва натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илм. Таҳқиқоти мазкур дар доираи иҷрои барномаҳо ва мавзуъҳои пажуҳиши илмӣ сурат гирифта, натиҷа ва хулосаҳои он дар таҳия, вусъат ва такмили низоми таҳсилоти фарогир мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент барои солҳои 2024-2028-ум тибқи «Масъалаҳои умдаи илми педагогикаи муосир ва равоншиносӣ”, аз ҷумла, “Дурнамои рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳии Панҷакент”, амалигардонии нуктаҳои муҳимми Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон (2010), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (2011-2015), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маъюбон (2018), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар ҶТ ба анҷом расидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисола тавсифи умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир бо ҳадафҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар он манбаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот дар самти фароҳам овардани шароити мутобиқи корбаст ва татбиқи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, асоснокии меъёрҳо, монеаҳо, вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мавриди баррасии комил ва ҳаллу фасл қарор гирифтаанд. Ҳамзамон робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ асоснок гардидааст.

Мақсади таҳқиқот. Коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, муайян намудани дурнамо ва роҳу равиши рушди муназзам ва мураттаби таҳсилоти фарогир дар заминаи таъсиси муҳити созгори инклюзивӣ, иҷтимоишавӣ, ҳамкории мактаб, хонавода ва ҷомеа дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1. Муайян кардани асосҳои бунёдӣ-методологии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия ва рушди хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо:

- тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ;

- баррасии вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда

дар таълим, тарбия ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳашон маҳдуд.

2. Гузориши масъала ва ҷанбаҳои асосии ташкили муҳити инклюзивӣ ҳамчун шароити мутобиқи таъмин ва татбиқи таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат:

- роҳандозии дигаргуниҳои ҷиддӣ ва таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир;

- ошкор кардани вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир.

3. Муқаррар кардани дурнамо ва роҳу равиши рушди босамари низоми таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир – ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таълим ва тарбия;

- таҳқиқи мақом ва рисолати омӯзгору волидон, ҳамкории тарафайн дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳашон маҳдуд;

- санҷиши роҳу равиши самараноки фаъолияти дастандаркорони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир дар ҷараёни санҷиш ва озмоиш;

- коркард ва пешниҳоди роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави Консепсияи таҳсилоти фарогир.

Объекти таҳқиқот - раванди ташаккул, таҳаввул ва рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, тарбия, рушд ва иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамчун ашхоси ба таҳсил талаботи махсусдошта.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот – асосҳои педагогии рушди таҳсилоти фарогир дар таълим, парвариш, рушд ва иҷтимоишавии хонандагони

дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ.

Фарзияи таҳқиқот – таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи тозаи низоми сиёсати давлат дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби бонизоми кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар сурате ба натиҷаҳои меоварад, ки **агар:**

- ҳамчун масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ аз нигоҳи арзишҳои инсонӣ ва умумибашарӣ рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд сарфи назар аз талаботу ниёзҳо, ноқисию иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, руҳӣ пазируфта шавад;

- муаммоҳо ва мушкилоти воқеии мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ва ҳалталаб дониста шавад;

- вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва муаммоҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир ошкор гардида, ҷалби чунин афрод ба таълиму тарбия истиқбол ва дастгирии комил ёбад;

- таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир чун ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълим ва тарбия корбаст гардад;

- ҳамкории омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва нуқсонҳои гуногуни бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар робита ба дастгирии муассисаҳои таҳсилот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои нерӯбахш таъмин карда шавад;

- роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо тавассути омода кардани маводҳои иловагии дидашаванда, расму

суратҳои гӯё ва равшану намоён, ҷадвалҳо, тахтаҳои электронии иртиботӣ (коммуникативӣ), дастгоҳҳои электронӣ, таҷдиди назар кардани нақшаҳои таълим, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадам ва муосири таълим, омодагии ёварони ашхоси маъюбу махлус, кӯмаки мураббиён ҳангоми иҷрои супоришҳои хонагӣ ба ҳукми иҷрою амал ворид карда шавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии педагогҳои барҷастаи ватанӣ оид ба ташаккул ва таҳаввулу рушди таҳсилоти фарогир (Каримова И., Сулаймонӣ С., Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А., Байзоев А., Неъматов С.Э.), олимони барҷастаи рус (К.Д.Ушинский, П.Ф.Лесгафт, П.В.Каптерев, В.П.Кащенко, П.П.Блонский, Л.С.Виготский, С.Т.Щацкий, Н.Н.Малофеев, С.В.Алёхина, Т.Неретина, Е.Н. Кутепова, Т.В.Чиркова, И.А.Соловьёва, А.Г.Асмолов), муҳаққиқони хориҷӣ (М.Ванг, ИМА; М.Айзенштейн, Фаронса; Н.Норвич, Британиё), ҷомеаи илмии педагогӣ, равоншиносӣ ва мутахассисони соҳаи тиб (логопедҳо, сурдопедагогҳо) ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи маълумот: Асарҳо, монографияҳо, рисолаҳои илмии педагогӣ, психологӣ (равоншиносӣ) оид ба масъалаҳои мухталифи ташкил ва такмили низоми таҳсилоти фарогир, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», №1004 аз 22 июли 2013 (моддаи 4**:** Принципи асосӣ – баробарии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат ва дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ; моддаи 6: Ҳукумат кафолат медиҳад, ки шаҳрвандон, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқод, вазъи иҷтимоӣ ва молӣ, ҳуқуқ ба таҳсил доранд); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», ки татбиқи амалии сиёсати давлатӣ ва асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва

иҷтимоии таҳсилоти иловагӣ маҳсуб меёбад; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи кӯдак» – таъмини масъулияти хонавода (оила) ва муассисаҳои таҳсилот дар раванди таълим ва тарбияи фарзандон; Стратегияи миллии рушди маориф дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва омӯзгорони ватанию хориҷӣ.

Заминаҳои эмперикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар заминаи омӯзиш, мушоҳида, санҷиш, таҳлил, ҷамъбаст, ҳамкорӣ бо объекти таҳқиқшаванда, минҷумла, барномаҳои таълимӣ бобати таҳсилоти фарогир, ташкил ва гузаронидани санҷиш-озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ, тасниф ва хулосаю ҷамъбаст бо истифода аз усулҳои арзёбӣ, муқоиса, таҳлил, синтез; дар асоси натиҷаҳои бадастомада асоснок кардани далелҳои илмӣ тавассути корбасти нишондиҳандаҳои сифатӣ, маълумоти оморӣ рӯйи кор омадаанд. Тазаккур медиҳем, ки ҳамчун заминаи эмперикӣ “Барномаи асосии мутобиқшудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” (БАМТМУ) - стандарти умумии таълим барои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ, инчунин “Барномаи махсуси инфиродии рушд” (БМИР) барои бачагони дорои вазъи ногувори рушди инфиродӣ дар роҳи мутобиқгардонии раванди таълим ва омода шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мавриди истифода қарор дода шуданд.

Пойгоҳи таҳқиқотро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии Панҷакент (МТМУ №№ 4, 6, 12, 13, 24, 35, 39, 41), ки ба ҳайси муассисаҳои асосии санҷишӣ-озмоишӣ интихоб шуда буданд, ташкилоти ҷамъиятии Маркази дастгирии «Нури умед» дар шаҳри Панҷакент (Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Чимқалъа), Маркази тавонбахши “Рахшон” дар шаҳри Панҷакент ташкил доданд. Дар раванди таҳқиқот

таҳсили фарогири беш аз 182 нафар хонанда ба манзари мушоҳида ва таҳлил қарор гирифта шуда, иштироки 24 нафар омӯзгор ва 32 нафар падару модар дар раванди санҷиш-озмоиш тавассути пурсишнома аз назар гузаронида шуд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ асосҳои бунёдӣ-методологии таҳсилоти фарогир чун проблемаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд;

- тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ фарохтар ва амиқтар мавриди баррасӣ ва таҳлилу ҷамъбаст қарор гирифт;

- вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда бо асосҳои илмии бартарафсозии монеаҳо ва сабабҳо ибрози назар гардид;

- роҳандозии дигаргуниҳои ҷиддӣ ва таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир ҳамчун рукни боэътимоди ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба раванди иҷтимоишавии фаъол корбаст гардид;

- вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир равшан ва мушаххас карда шуд;

- андешаҳои асосноки илмӣ дар робита ба таҳлили ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи ғояҳои таҳсилоти фарогир: таъсиси мактаби фарогир ва синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таҳаввули ҷалби бачагони

дорои имконияташон маҳдуд ба таълим, тарбия ва иҷтимоишавӣ ба миёни гузошта шуд;

- дар рафти таҳқиқот ду усул/равиши педагогии “мейнстриминг” (ҳамгирой ва фаъолияти якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бачагони солим) ва “синфҳои ресурсӣ” мавриди таҳлили комил ва пешниҳодҳои мушаххас қарор гирифт;

- тавассути лоиҳаи “Муҳити дастрас” барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ бо ташаббуси барномаи иклюзивии муаллифи рисола ва ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” барои кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногуни саломатӣ, ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, руҳӣ, маъюбу маслух кӯмак ва ёрии доимӣ ташкил карда шуд;

- собит карда шуд, ки робитаи пайвастаи омӯзгорону волидон дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ҳамчун омили пешбарандаи раванди таҳсилоти фарогир мусоидат мекунад;

- коркарди технологияи самаранок ва арзёбии натиҷаҳои фаъолияти санҷишӣ-озмоишӣ салоҳиятмандии омӯзгоронро оид ба омодагии инклюзивӣ бобати фаро гирифта шудани кулли бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳию равонӣ ба таълиму тарбия мушаххас гардонд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳқиқот маълум сохт, ки таҳсилоти фарогир дар замони муосир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукмат дар низоми соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона мегардад. Ин нуктаи муҳим барои таъмини имкону ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил ва иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим ва дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавой, нобиной, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд.

2. Маълум гардид, ки вазифаи асосӣ дар ин самт - мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити

мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

3. Таҳқиқот нишон дод, ки таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва рукни таркибии тақозои ҷомеа мебошад. Маълум шуд, ки дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои марбут ба ташкили муҳити таҳсилоти фарогир дар робита ба имкониятҳои фаровони мавҷуда бояд матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардад.

4. Муайян гардид, ки иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд раванди ногузири дарк ва қабули меъёрҳо, арзишҳо, малакаҳои рафтору муносибат ва муошират дар доираи ҷомеа мебошад. Он имкон медиҳад, ки бачагони дорои иллатҳои гуногун, аз ҷумла, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва идроки ноқис ба воқеияти олами беруна ва муҳити мактабу хонавода пайваста мутобиқ шаванд, бо атрофиён муомила, муносибат ва муошират карда тавонанд, ба қобилияти фикр кардан фурӯ раванд.

5. Аз омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти масъала ошкор гардид, ки ҳамкории омӯзгор ва волидон, муносибати бошуурона ва оқилона нисбати бачагони ба таҳсил ниёздошта, таълим ва тарбияи фарзандони нуқсондор аз масъалаҳоеанд, ки дар таъмини босифати низоми таҳсилоти фарогир нақши хеле муҳим ва барҷаста доранд.

6. Муқаррар карда шуд, ки дар роҳи татбиқи ҳадафҳои асосӣ масъалаҳое ҳали худро меёбанд, ки дар таъмини инфрасохтори муҳити таҳсил барои кӯдакон ва бачагони дорои эҳтиёҷоти махсус имконият ва шароитҳои мусоидро фароҳам оварад. Дар ин росто омодасозии мутахассисони соҳаи педагогикаи фарогир, таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ (барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, технологияи муосири иртиботӣ-иттилоотӣ), саҳми вазоратҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, Марказҳо, Ҷамъиятҳо, волидон ва ҷомеа муассир буда,

барои ҷалби кӯдакону бачагон ба таҳсилоти фарогир ва фаъолияти иҷтимоии онҳо саҳми арзанда мегузорад.

7.Собит гардид, ки дар раванди таҳсилоти фарогир татбиқи амалии ғояи гузариш аз амсилаи “тафриқа” ба модели “фарогирӣ” ҳамчун масъалаи асосӣ рӯйнамо мегардад. Ин амсила тавассути равиши “сегрегативӣ”, ки таъсиси мактабҳои махсуси фарогирро дар назар дорад, амалӣ мегардад ва ҳусни гуманистӣ-башардӯстӣ дорад, зеро ҳар як кӯдак, сарфи назар аз вазъи саломатӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он ҳуқуқи комили таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ дорад.

8. Мушоҳида ва таҳлилҳо асоснокӣ ва самаранокии низом ва амсилаи пешниҳодшударо, ки ба такмил ва таҳаввулу рушди низоми таҳсилоти фарогир нигаронида шудааст, собит намуданд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:

- дар рисола дар робита ба мазмун ва моҳияти таҳсилоти фарогир мафҳуми “инклюзия” амиқу мушаххас гардида, ба маънои васеъ, яъне на танҳо ба бачагони дорои иллатҳои ҷисмонӣ ва маъюбият, балки нисбат ба кулли ашхоси ба таҳсил талаботи махсусдошта ба истифода меравад;

- таҳия ва коркарди асолатҳои таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи нодиру мӯъҷиза ва бозёфт (феномен) дар самти таъмини баробарҳуқуқии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд собит гардида, арзишҳои умумибашарӣ, инсондӯстӣ, рушди зеҳну маърифат, эҷодкорӣ, риояи тавозуни хусусиятҳои этникӣ, омилҳои эҳсосу ҳиссиёт ва физиологии шахсият ба қатори вазифаҳои муқаддас гузошта мешавад;

- дар рисола ғоя ва идеологияи умдаи таҳсилоти фарогир ҳамчун унсури таҳаммул ва эҳтиром нисбат ба ашхоси дорои имконияташон маҳдуд бидуни мавҷудияти нуқсонҳою норасоиҳои солимӣ шарти муҳимми иҷтимоишавии онҳо мавриди эътибор ва қабул гузошта шудааст;

- собит гардид, ки рушди муосири технологияҳои замонавӣ, аз ҷумла, “ассистивӣ” (ёрирасон) ҳамчун барномаи махсус барои кӯдакон

ва бачагони нобино ва камбино тавассути клавиатураҳои мутобиқшудаи компьютер, аудио ва видеокитобҳо барои омӯзиш ва раванди иртибот (муошират) шароити мусоид фароҳам меорад;

- дар рисола татбиқи амалии гузариш аз ғояи “тафриқа” ба амсилаи “фарогирӣ” ҳамчун нерӯи пешбарандаи модели сегрегативӣ (таъсиси мактабҳои махсуси фарогир) ба миён гузошта шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот:

Рисолаи илмӣ дар роҳи ҳаллу фасли муаммоҳо ва мушкилоти мутобиқшавии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсилоти фарогир (муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия) ҳамчун масъалаҳои ҳаётан муҳим ва ҳалталаб андешаҳои ҷолиб ва равиши корбастро пешниҳод мекунад. Муҳимтар аз ҳама вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва муаммоҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир ошкор гардида, ҷалби чунин афрод ба таълиму тарбия равшан ва мушаххас карда шудааст. Истифодаи натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот баррасишуда ва санҷидашуда дар робита ба таҳлили ду модели ба ҳам тавъам ва муносиби татбиқи ғояҳои таҳсилоти фарогир: таъсиси мактаби фарогир ва синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) ҳамчун сарчашмаи боэътимоди таҳаввули ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таҳсил ва иҷтимоишавӣ ба миёни гузошта шудааст. Низом ва роҳу равиши пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки таҳаввул ва рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави омӯзиш, таҳлил ва такмил қарор дода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро асосҳои бунёдӣ ва методологии проблемаи мазкур тавассути омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла, педагогӣ, равоншиносӣ, тиббӣ,

истифодаи роҳу усулҳои пажуҳиш, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада ҳангоми корҳои санҷишӣ-озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва ҳайати дастанадаркорон ва мутахассисони дар корҳои таҷрибавӣ иштирокдошта таъмин кардаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мазмун ва муҳтавои рисолаи илмӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Саҳми шахсии довталаб дар омӯзиш ва таҳлилу барасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбути пажуҳиш, хоса, ҳини коркарди самтҳои бунёдӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили мавод; дар истифодаи силсилаи роҳу равиш ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маводи таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори мақолаву дастури таълимӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Муаллиф оид ба мазмун ва муҳтавои рисола дар семинарҳои илмӣ-методӣ, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи

омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, конференсияҳои илмӣ-амалии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ (солҳои 2019-2026) иштирок ва баромад намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар дастури таълимии “Дурнамо ва масъалаҳои рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна”, дар матбуоти даврии тавсиякардан КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Паёми ПРМ ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (3 мақола), Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1 мақола), маводи конфронсҳо (4 мақола) нашр шуда (дар маҷмуъ – 1 монография ва 9 мақола), аз санҷиши зарурӣ гузаштаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт, дар маҷмуъ аз 220 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ТАЪЛИМ, ТАРБИЯ ВА РУШДИ ХОНАНДАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТҲОИ МАҲДУД

1.1. Таҳсилоти фарогир – падидаи нави низоми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳсилоти фарогир аз падидаҳои наву тозаи фазои таҳсилот дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта, аз масъалаҳоест, ки таваҷҷӯҳи донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро беш аз пеш ба худ ҷалб мекунад. Ҳарчанд бархе аз муҳаққиқон иддао доранд, ки он аз Аврупо иқдом гирифтаву интиқол ёфтааст, назари мо чунин аст, ки проблемаи мазкур, ки бо таълими “ашхоси (кӯдакон, хонандагон, бачагон) имконияташон маҳдуд” рабт дорад, аз андешаҳои ҷолиби мутафаккирону донишмандони форсу тоҷик бармеояд.

Таҳсилоти фарогир дар замони муосир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукмат дар низоми соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона мегардад. Татбиқи ин падидаи нави таҳсилот дар қисмати дахлдори “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” [139] зикр ёфта, аз масъалаҳоест, ки донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро дар ҷалб кардан ва фаро гирифтани ашхоси дорои имконоти маҳдуд равона месозад.

Муҳаққиқони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бобати ба таҳсил фаро гирифта шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд андешаҳои худро саҳеҳ ва равшан баён кардаанд. Аз ҷумла, Абдурашитов Н.Ф. чунин ибрози ақида мекунад: “Ғояи фарогирӣ (инклюзия) дар раванди тағйирёбии фаҳмиши ҳуқуқҳои инсон, шаъну шараф ва эҳтироми шахсияти он, инчунин равандҳои иҷтимоию фарҳангие, ки мақоми инсонро муайян намуда, ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои он таъсир мерасонанд, тавлид ёфтааст. Яке аз тағйироте, ки дар фаҳмиши ҳуқуқҳои

инсон рӯй доданд, тағйир ёфтани муносибати одамон нисбат ба шахсони дорои маъюбият мебошад. Тасодуфӣ нест, ки Эъломияи Саламан ва чаҳорчӯбаи амалиёт оид ба таҳсили шахсони дорои талаботи махсус (с. 1994) ва Эъломияи Умумии ЮНЕСКО дар бораи гуногунфарҳангӣ (с. 2001) аз лиҳози санаи қабулшавӣ ба якдигар наздиканд: ҳар ду ҳуҷҷат на фақат гуногунии ҷомеа ва фарҳанги онро, балки дигар шудани муносибати аҳли ҷомеаро нисбати ин гуногунии фарҳанг ва эҳтиёҷон – дарки арзишҳои он, дарки арзишҳои фарқияти байни одамонро эътироф менамояд” [1;, с.17].

Устод Рӯдакӣ ҳазор сол пеш танин андохт: “Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ”. Ин ишорат бар он аст, ки узви ҳар як ҷомеа сарфи назар аз ноқисиҳои фикрӣ, ҷисмонӣ, руҳӣ ва маҳдудлиятҳои гуногун аъзои узви ҷудонашавандаи ҷамъиятанд. Онҳо низ хондан, пеш рафтан, зиндагӣ ва орзу кардан мехоҳанд ва набояд хоҳишу интизироҳояшон ба ноумедӣ расида бошад. Аз ин лиҳоз, таҳсилоти фарогир чунин шиорро ба худ касб кардааст: “Таҳсил барои ҳама!”. Яъне таҳсил ба ҳама сарфи назар аз имкониятҳо, мушкилотҳо, маҳдудиятҳо ва тангиҳои доираи дониш, ҷаҳонбинӣ, зеҳн, ақл, ҷисму ҳаракат ва амсоли он бояд дастраси умум бошад.

Ин нуктаи муҳим барои таъмини имкону ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил ва иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, қудраташон маҳдуду ноқис ва дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд.

Хушбахтона, бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои БМТ (бачагони талаботи махсус) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ба тасвиб расида буд [68]. Дар он самтҳои асосии таҳсилоти фарогир ҳамчун низоми ҷадиди фаъолияти педагогӣ бо бачагони талаботи махсусдошта

муқаррар ва муайян гардида, дар роҳи эътибор ва эътирофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ қадами нек ва хайрандеш гузошт.

Муҳаққиқи ватанӣ, шодравон Азимҷон Байзоев барҳақ мегӯяд: «Қабули ин консепсия саривақтӣ буда, татбиқи он барои бачагони талаботи махсусдошта имкон медиҳад, ки бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи консепсия натанҳо аз падару модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат низ масъулияти зиёд ва таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Бо вуҷуди он ки тамоми ҳадафҳои консепсия ба даст наомадаанд, он дар рушди таҳсилоти фарогир ҳамчун қадами аввалин нақши муҳим бозид” (7; саҳ.102-103).

Дар ҳошияи гуфтаҳои муҳаққиқ Азимҷон Байзоев афзуданием, ки консепсия ҳадафҳои наҷиби фарогирии кӯдакону бачагони имконоти маҳдуддоштаро дар қатори ҳамсолон дар муассисаҳои таҳсилоти гуногунзина дарбар мегирад. Барои татбиқи ин ташаббуси нодир вазифаи муҳим он аст, ки таъсиси муассисаҳои махсуси тахсил барои ашхоси талаботи махсусдошта ба нақша гирифта шуда, ниёзҳои мустақими онҳо дар таълиму тадрис ва омӯзишу парвариш таъмин гардад.

Ба андешаи академик Каримова И.Х., “дар роҳи татбиқи ин иқдомот ва ташаббуси фарох зарурати созмон додани муассисаҳои махсуси таҳсилу таълим ба миён меояд, то кӯдакони норасоиҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ ва шунавоию биноидошта ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Ғояи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ, ҳисси шафқат ва эҳтиром ба ҳама гуна ашхоси норасоҳои гуногундошта ташкил медиҳад” [55, с. 4].

Чунин гузориши масъала ва ғояи пешниҳодшуда аз он дарак медиҳад, ки ҳамаи кӯдакон ва бачагон, аз синну соли барвақт то хатми мактаб ҳуқуқи озоди гирифтани таҳсили босифатро доранд. Махсусан

онҳое, ки узви ҳассосу нозуки ҷомеа буда, ба дастгирии давлату мамлакат, мактабу хонавода ниёз ва эҳтиёҷ доранд.

Дар робита ба мазмун ва моҳияти таҳсилоти фарогир зарур мешуморем, ки моҳияти худи мафҳуми “инклюзия” мушаххас карда шавад. Бино бар шарҳу эзоҳи конвенсияҳои байналмилалӣ истилоҳи мазкурро бо таҳсили бачагони маъюб алоқаманд медонистанд. Чуноне ки муҳаққиқ А.Байзоев изҳор медорад, “инклюзия ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад” (7; с. 103).

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои гуногун, ки ба мавзуи зикр сару кор доранд, яқин мегардад, ки таҳсилоти фарогир ҷанбаи иҷтимоии масъаларо ба муҳокима мегузорад. Маънӣ дар он аст, ки ятимон, бачагони хонаводаҳои камбизоат, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ низ ба гуруҳи ашхоси талаботи махсус ва ниёз ба таҳсили озоду дастрас дохил мешаванд. Яъне таҳсилоти фарогир низоми тавоно ва одилонаи ба таҳсил воридшавии ашхоси ниёзманди ҷомеаро ба маркази диққат ва таваҷҷӯҳ гузошта, халли проблемаи муҳимми ҷамъиятиро тақозо мекунад.

Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи ҷавон Абдурашитов Н.Ф. аст, ки мегӯяд: "Сиёсати фарогирӣ идомаи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар дар замони истиқлолият мебошад. Ислоҳоти мазкур талаб менамуд, ки кӯдакони маъюб якҷоя бо кӯдакони солим дар як синфи мактаби ҷои истиқомат таҳсил кунанд. Мушкилоте, ки ҳангоми амалӣ намудани ин ислоҳот ба миён омад, аз он иборат буд, ки ҳамгироӣ (интегратсия) аксар вақт чун мутобиқгардонии фард ё гурӯҳи шахсони ба таълими махсус эҳтиёҷманд ба шароити мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ баррасӣ карда мешуд. Азбаски фарогирӣ ба тағйир додани шароитҳои таълиму тарбия дар мактаб равона гардидааст, худи ин шароитҳо низ бояд барои ҳамаи категорияҳои талабагон бидуни истисно мутобиқ гардонда шаванд. Бо

ин мақсад зарур аст, ки барои ба ҷараёни таълим ҷалб намудани ҳар як кӯдак бо назардошти хусусиятҳои ӯ ҳамаи шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда, дар байни педагогикаи махсус ва мактаби оммавӣ «пули мустаҳкам» бунёд карда шавад” [1; с. 18].

Ба андешаи мо, мафҳуми таҳсилоти фарогир ҳам моҳиятан ва ҳам аз нигоҳи вазифаю асолати хеш рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯхӣ ва амсоли он мебошад. Дар ин росто муаммоҳо ва проблемаҳои воқеии мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Одатан, кӯдакону бачагони имконоти маҳдудиятдошта дар фазои руҳафтодагӣ қарор доранд ва аз дарки нотавонию камқудратии хеш нисбат ба ҳамсолонашон худро дар изтиробу ҳаяҷон ва беқарорӣ эҳсос мекунанд. Мутаассифона чунин ҳолат онҳоро ба вазъи рӯҳии фурӯ рафтан ба олами тасаввуроту хаёлоти танҳоӣ, ҷудогардӣ аз ҳаёти ҷомеа ва олами берунӣ мегузорад, ки онро олимони соҳаи равоншиносӣ (психология) аутизм меноманд.

Аз як тараф вазифа аз он иборат аст, ки кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои зеҳниву ҷисмонӣ ва дар вазъи мураккаби иҷтимоӣ ва рӯҳӣ қарордошта ба таҳсил фаро гирифта шаванд, аз тарафи дигар, муносибати бетарафонаи хонаводаҳо ва беташаббусии кӯдакону бачагони гирифтори ин ё он иллат ба таври сунъӣ проблемаи табъизро эҷод мекунад (вайрон шудани ҳуқуқҳои баробарии узви ҷомеа). Ҳол он ки Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд сол пеш Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбонро дар қатори зиёда аз 175 кишварҳои дунё имзо карда буданд ва он ба тасвиб расида буд.

Созмонҳои барӯманди байналмилалӣ, аз қабили ЮНЕСКО, таҳсилоти фарогирро ҳамчун падидаи нодир, мӯъҷиза, бозёфт (феномен) дар самти таъмини баробарҳуқуқии кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд эълом дошта, арзишҳои умумибашарӣ, инсондӯстӣ, рушди зеҳну маърифат, эҷодкорӣ, риояи тавозуни хусусиятҳои этникӣ, омилҳои эҳсосу ҳиссиёт ва физиологии шахсиятро ба қатори вазифаҳои муқаддас мегузоранд.

Дар кулли қарорҳою ҳуҷҷатҳои ба расмият даровардашуда таҳсилоти фарогир ҳамчун шакли муосири таълиму тарбияи тавъам сарфи назар аз вазъи зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва умуман солимии кӯдакону бачагони мактабхон пазируфта шудааст. Ҷараёни ҷалби ашхоси дорои талаботи махсус дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кор ва таълимро масъалаи аввалиндараҷа меҳисобад. Аз ҷумла, фаъол намудани марказҳои ёрирасон дар самти кӯмак расонидан ба муассисаҳои таҳсилот, ки бо таълими инклюзивӣ машғул мебошанд.

Дар марказҳои ёрирасон фаъолияти босамари мутахассисони касбии педагогӣ, тиббӣ, омӯзгорони соҳаи дефектология, офтальмология, логопедия ва амсоли он дар таъмини низоми таҳсилоти фарогир нақши муҳимро ба иҷро мерасонанд. Дар ин росто омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам, асарҳои мутахассисони варзидаи педагогикаи инклюзивӣ, илмҳои психология ва физиология дар густариш ва роҳандозии роҳу усули таълими кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аҳаммияти беназирро ба худ касб мекунад.

Дар яке аз Конфронсҳои бонуфузе, ки соли 2019 дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ташаббуси ноиби президент, академик Каримова И.Х. таҳти унвони “Уфуқҳои таҳсилоти фарогир: мушкилот, муаммо ва дурнамо” баргузор шуда буд, мутахассисон аз мамлакатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ (Русия, Беларус, Арманистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон) ширкат варзиданд. Дар ҷараёни

муҳокиву музокирот мутахассисони ба конференсия даъватшуда бо намоиш ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ (мастер-класс) оид ба таҷрибаи роҳандозии таҳсилоти фарогир дар кишварҳояшон маълумоти фасеҳ ва ҷолибро пешниҳод карданд.

Хушбахтона, дар конференсия мутахассисони кишвари Тоҷикистон низ ҳини дарсҳои кушод бо иштироки бевоситаи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд муваффақиятҳои хешро дар ҷодаи ба таҳсил фаро гирифтани онҳо ба маърази муҳокима, омӯзиш ва ибрат гузошта, мустақиман дарсҳои кушодро дар ин самти ҳаётан бахайр рӯйнамо (презентатсия) карданд. Яқин гардид, ки кӯдакону бачагони дорои норасоӣ ва иллатҳои гуногуни зеҳнию ҷисмонӣ қудрату тавоноии бузурги эҷодӣ, эҷодкорӣ ва таҳсилу парваришро соҳиб мебошанд.

Дар мавриди зикри марказҳои ёрирасон метавон гуфт, ки бори нахуст чунин марказҳо тавассути кӯмак ва дастгирии намояндагии ЮНИСЕФ ва Бонки ҷаҳонӣ дар шаҳри Душанбе дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 28, 72, 92 ба фаъолият шуруъ карданд. Тайи чанд соли охир ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва хоҳиши бачагони дорои имконоти маҳдуд дар самти таълим, омӯзиш ва парвариш бо ташаббуси падару модарон ва грантҳои созмоҳои байналмилали бунёд ва фаъол гардида, дар татбиқи консепсияти таҳсилоти фарогир саҳми арзанда мегузоранд.

Яке аз чунин ташкилоти ҷамъиятӣ, ки дар ин самт фаъолият мебарад, ОО “Ирода” – ассотсиатсияи падару модарони фарзандонашон маъюб маҳсуб меёбад. Ташкилоти мазкур тариқи иштирок дар тендерҳои аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ, Вазорати меҳнат, Вазорати тиб ва ҳифзи иҷтимоӣ эълоншуда иштирок намуда, аз ҳисоби ғолибият ва соҳиб шудан ба маблағҳои муайян ба рушди таҳсилоти фарогир саҳми арзанда мегузоранд.

Ба зумрае аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҷудо кардани синфхонаҳо дасти ёрӣ дароз мекунанд, то

падару модарон бо фарзандони худ ба таълиму парвариши онҳо роҳ кушоянд ва ба ҷараёни таҳсили якҷоя бо ҳамсолонашон замина гузоранд. Мутаассифона чунин фаъолияти пурмаҳсули муассисаҳои таҳсилот ва хонаводаҳо мушкилоти гуногуни ташкилӣ, таълимӣ ва методию озмоишӣ низ эҷод мекунад.

Аз ҷумла, на ҳамаи мактабҳо синфхонаҳои холӣ ва озод доранд, на ҳамаи омӯзгорон бо кӯдакону бачагони дорои ноқисию имконоти маҳдуд маҳорати кор бурдан, омӯзондан ва таълим доданро доранд. Яке аз мушкилоти душвор – пардохти музди меҳнати мутахассисон ва омӯзгорони мактабҳо аст, ки онро сарфи назар гузоштан чандон салоҳ нест. Дар ин росто ҳалли масъалаҳои молиявӣ ва ташкили таълиму парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар заминаи қабули қонуни мушаххас зарур шуморида мешавад.

Идеологияи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром дар доираи ҳалли ногузири ҳама гуна фарқият ва тафовут байни инсонҳо ташкил медиҳад. Бобати ин масъала муҳаққиқи рус Д.В.Зайцев чунин андеша меронад: “Муҳим он аст, ки барои бачагони дорои норасоиҳои дарку зеҳнӣ, узвҳои такягоҳӣ ва ҳаракат (даст, по, сутунмуҳра, ки ҳаракат ва идораи онро таъмин мекунанд) таъмини шарту шароитҳои махсуси таълиму таҳсил ба миён меояд. Албатта он аз шароите, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи афзалиятҳои комили ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, маърифатӣ-идрокӣ, ки ба хонандагони солиму тавоно фароҳам оварда шудааст, фарқ мекунад [38, с. 36].

Вале чунин вазъият ва овардани баҳонаҳои гуногун дар самти ташкили таълиму таҳсил на бояд садди роҳ ва аз мадди назар дур афтодани бачагони дорои имконоти маҳдуд шуда бошад. Ғояҳои бузурги башардӯстӣ ва инсонпарварӣ, дасти мадад ба афроди ниёз ба иҷтимоишавидошта, фароҳам овардани шароити мусоиди пайваст

шудани онҳо ба омузиши фанҳои мактабӣ, илму ҳунар аз масъалаҳои асосии сиёсати давлат дар самти таҳсилоти фарогир мебошад.

Дар ин росто муттаҳидии неруҳои гуногуни ҷомеа: воситаҳои ахбори умум, ташкилотҳои некхоҳ ва хайрхоҳу мададрасон, сохторҳои тиҷорат ва бизнес, созмонҳои ғайридавлатӣ аз ҳадафҳои муҳимми татбиқи таҳсилоти фарогир ва ба таълиму парвариш дастрасӣ пайдо кардани кудакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бояд гардад. Матлаби асосии чунин ташаббус ва иқдомот ташаккули шуури фарогир (инклюзивное сознание) дар доираи ҷомеа, муҳити хонавода ва мактабу маориф маҳсуб меёбад.

Дар конференсия, ки зикраш дар боло рафт, академик Каримова И.Х. оид ба фаъолияти босамари ОО «Бачахои ношунаво» (роҳбараш Қувватов Саттор) маълумоти хеле ҷолибро иброз дошт. Аз ҷумла, қайд гардид, ки “мутахассисон ва омӯзгорони ташкилоти ҷамъиятии мазкур як қатор китоби махсуси дарсиро оид ба забони имову ишора омода карданд ва аз он ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул ва дастгирӣ қарор ёфт” [56, с.6]. Китоб дар самти таълиму парвариши бачагони гӯшашон вазнин (кар) ва ношунаво хизмати бузурги холисона ва ибратона гардид ва то ҳол тавассути он кору фаъолияти омӯзгорони соҳаи таҳсилоти фарогир дар ин бахши фаъолият танзим ва такмилу роҳандозӣ мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мунтазам семинарҳои махсус оид ба бозёфт ва ҷустуҷӯйи роҳҳои босамари таҳсилоти фарогир доир мегардад. Донишгоҳ таҷрибаи бузурги тайёр ва омода сохтани кадрҳои болаёқатро дар самтҳои гуногун: коррексионӣ (ислоҳкунӣ, муолиҷаи норасоиҳои гуфтору идрок), логопедия (норасоиҳои нутқи кӯдакон ва бачагон), педагог-олигофренолог (ислоҳи норасоиҳои фаъолияти идрокӣ (зеҳнӣ), сурдопедагог ва амсоли он роҳандозӣ мекунад.

Дар яке аз семинарҳо ва ҳамоишҳои илмӣ дар робита ба консепсияи таҳсилоти фарогир пешниҳод шуд, ки забони имову ишора ҳамчун забони расмии мутахассисон ва бачагони ношунаво қабул карда шавад ва дар ин росто барои фаъолияти сурдопедагогҳо шароити мувофиқи таълиму тадрис муҳайё гардад. Чунин ташаббус ва дарки масъалаи ҳаётан зарур ба рушди яке аз самтҳои таҳсилоти фарогири роҳи васеъ кушод ва алъон дастуру воситаҳои таълимӣ-методӣ омода ва рӯйи чоп омаданд.

Дигар масъалаи муҳим, ки ба таҳсилоти фарогир робитаи ногусаста дорад, муқаррар намудани кори таълиму таҳсил бо бачагони маъюбу маслух (дар гуфтугӯ – маслуқ) аст. Аз рӯйи маълумотҳо бармеояд, ки дар Тоҷикистон ба даст овардани факту рақамҳои мушаххас оид ба миқдори кӯдакону бачагони маъюб душвор аст, зеро он ҷараёни ҳамеша тағйирёбанда аст ва ҷамъ кардани маълумоти саҳеҳ имконнопазир аст. Танҳо дар сурате он имконпазир мегардад, ки қайди расмии ҳолатҳои маъюбӣ мавҷуд бошад. Дар ин бобат гуфтанием, ки имконияти роҳ гашта натавонистан, қудрати шунавоӣ ва ё биноӣ надоштан, ҳаёти комилро аз сар гузаронида натавонистан барои бачагони маъюб проблемаи вазнин буда, ба таҳсил фаро гирифта шудани онҳо аз корҳои хайр ва савоб шуморида мешавад.

Дар робита ба мавҷудияти мушкилоти воқеӣ дар робита ба ташкили бонизом ва мураттаби таҳсилоти фарогир ҳали зумрае аз масъалаҳои муҳим зарур шуморида мешавад. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои асосӣ – ташкили инфрасохтори моддӣ мебошад, ки барои омӯзиши кудакони маъюб ҳамчун заминаи моддӣ-техникӣ ва марбут ба лавозимоти зарури таълимӣ ва чун воситаи таъмини раванди таҳсилоти фарогир хидмат мекунад.

Махсусан мавҷудияти синфхонаҳои махсус барои кӯдакони маъюб бо таҷҳизоти ёрирасон, амсоли лампаҳои равшаникунанда, микрофон (асбоби махсуси барқӣ-акустикӣ, ки барои садои баланди овоз мусоидат

мекунад), курсӣ ва мизҳои ба вазъи ҷисмонии кудакони имконияти маҳдуддошта мувофиқ ва мутобиқ, қаламу ручкаҳои рангин ва монанди ин.

Мақоми пуразиш ва аҳаммияти хосро мавҷудияти воситаҳои техникӣ, аз қабили брайл-саҳифаҳо (барои хондан ва навиштани кудакони нобино), асбобҳои шунавоӣ (аудио) ва намоишӣ (видео) мебозанд, ки дар даврони муосир ба кудакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд шароити мувофиқи таълим ва омӯзишро бо ёрии омӯзгор - мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир ки дар зинахои таҳсилоти олии касбӣ ба камол расидааст, фароҳам меоранд.

Ташаббус ва ибтикороти дигаре, ки низоми таҳсилоти фарогирро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мураттаб месозад, мавҷудияти китобҳои дарсии ба талаботи кудакони имкониятҳои маҳдуддошта ҷавобгӯ мебошад. Дар ин бобат гуфтан мехоҳем, ки на ҳар кас қудрати омода кардани китобҳои дарсии мувофиқро барои кудакони дар муҳити инкюзия қарордошта дошта метавонад.

Мутаассифона, кадрҳои омӯзгорӣ дар ин самт миқдоран ва сифатан хеле каманд. Ягона мактаби олие, ки дар самти фарогирии кудакони дорои имкониятҳои маҳдуд саҳми пууразиш дорад, Донишгоҳои давлатии омӯзгории Тоҷикистон аст, ки дар зерсохторҳои он мутахассисони варзида аз ҷумлаи сурдопедагогҳо, тифлопедагогҳо, логопедҳо барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактабҳои тамоюли таълими фарогир (инклюзия) омода мегарданд.

Шиносоӣ бо вазъи татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон, барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ собит месозад, ки набудани имкониятҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони ин соҳа яке аз масъалаҳои умда буда, ба татбиқи амалӣ ниёзи калон дорад. Омӯзгори тавоно ҳамонест, ки аз технологияҳои педагогии муосир ва дастрас огоҳӣ дошта бошад ва дар раванди таълими кудакони иллатҳои

гуногундошта аз дастур, пешниҳод ва методикаи пешқадам истифода карда тавонад.

Чунончи, барои кудакони нобино барномаи “Сухан ба шрифти Брайл” мавҷуд аст, ки матнро дар як лаҳза барои дарки кудаки қудрати биноинадошта пешниҳод мекунад. Магар омӯзгоре, ки чунин технологияи арзон ва мутобиқу мувофиқро намедонад, оё метавонад шавқу завқи хоанади худро бедор кунад ва ӯро ба ҷониби омӯзиш ва парвариш раҳнамун созад.

Омӯзгори даврони имрӯзи таҳсилоти фарогир имкониятҳои фаровони ташкили машғулиятҳои шавқоварро бо кудакони маҳдудиятҳои гуногундошта метавонад ташкил кунад. Масалан, **б**арои кӯдакони дорои нуқсонҳои зеҳнӣ кортҳои рангоранг бо расмҳои содда ёрии хеле калон бобати дарк кардани мавзӯъ ё масъалаи фарогири дониш мерасонанд.

Ақидаи ҷолибе ҳаст, ки тибқи он ҳама гуна ташаббус ва ибтикорот аз қадами нахуст шуруъ мешавад. Имрӯз аз як технология, фардо аз дигараш, бо чунин суръат омӯзгор метавонад ба дили шогирдаш роҳ ёфта бошад, дили ӯро гарм кунад ва дар самти таҳсилу омӯзиши ӯ (хонанда) пайваста амал кунад.

Таҳлили масъала ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот нишон дод, ки “яке аз проблемаи муҳимтарин - иҷтимоишавии кудакони дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ мебошад. Онҳо ба низоми танҳо нишастан, машғул шудан, омӯхтан, пурсидан ва амал кардан одат кардаанд. Шомил шудан ба ҷомеаи умумии таҳсилотро, ки аз имкониятҳои зеҳнӣ, ақлӣ, ҷисмонӣ бартар мебошанд, барояшон қобили қабул ва ризоият нест. Онҳо дар ҷомеаи мактабиён ва онҳое, ки ҳамарӯза ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, худро кӯчак ва қафомонда эҳсос мекунанд. Тааҷҷубовар аст, ки аксари волидон низ ба фикр розӣ шуда, боз чунин мешуморанд, ки бачаҳои солиму тавоно намехоҳанд бо

ҳамсолони маъюб ва ноқисиҳои гуногундошта дар як синф таҳсил карда бошанд” [136, с. 503].

Воқеан, ҷалби волидон дар ҳали мусбии ин қазия муҳим арзёбӣ мегардад. Онҳо бобати дилгарм кардани фарзандонашон ба таҳсили умумӣ ва байни ҳамсолон бояд саҳм гузошта бошанд. Кӯдакони имкониятҳои маҳдудшдошта андаке зудранҷ, дилтанг, инҷиқ ва нозуктабиатанд. Онҳоро фаҳмидан мумкин, лекин муҳимтар аз ҳама ҷалби онон ба омӯзиш, ворид шудан ба ҷомеаи мактабхонон аз корҳои хайр ва савоб низ маҳсуб меёбад. Яъне волидон дар роҳи татбиқи таҳсилоти фарогир чун ашхоси моил ва ҳавасманд ба ҳайати раёсат ва омӯзгорон мададрасон бошанд, манфиатҳои иҷтимоии фарзандони худро ҳифз карда тавонанд. Ҳатто дар сурати пурра таъмин набудани шароити таҳсил, норасоии омӯзгорон дар самти инклюзия ёрӣ ва кӯмаки волидон барои сафарбар шудани фарзандон ба таҳсил аз вазифаҳои ногузир маҳсуб меёбад.

Тазаккур бояд дод, ки барои ба низоми комил ворид кардани таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, махсусан, Ӯзбекистон ва Қазоқистон шоистаи ибрат аст. Дар кишварҳои номбурда таъсиси марказҳои ресурсӣ (захиравӣ) хеле хуб роҳандозӣ шудааст, давлат ва ашхоси саховатманду хайрандеш бобати ба таҳсил фаро гирифта шудани кудакони имкониятҳои маҳдуддошта саъю талоши шоиста ба амал меоранд ва иқдомҳои башардӯстона мекунанд.

Бино бар маълумотҳое, ки ба даст овардем, дар кишвари Русия дар мактабҳои инклюзивӣ, ки рӯ ба рушд овардаанд, кӯдакони дорои нуқсонҳои аутистӣ (бемориҳои майнаи сар) ба воситаи “дафтарчаҳои коммуникатсионӣ” (PECS) дар таҳсилоти умумӣ ширкат меварзанд. Аз таҷрибаи кории ҳамсоякишварҳо дар Осиёи Марказӣ бармеояд, ки се роҳи ҳали амалии таҳсилоти фарогирро санҷидан ва татбиқ кардан мумкин аст.

Қабл аз ҳама волидонро ба ин таҷриба омода кардан манфиатовар аст. Аз ҷумла, тавассути модели махсус таълими сеҳафтаинаи ройгон барои волидон дар мавзӯи ”Чӣ гуна ба кӯдаки нобино кӯмак кардан мумкин?” аз санҷиш ва озмоиш гузаронида шуд. Чунончи, дар шаҳри Фарғона ҳафтод фоизи волидон пас аз иштирок ва омӯзиш дар ин курсҳо ба фарзандони нобинои худ роҳи таълиму омӯзиш ва таҳсилро дар муҳити мактабҳои амалкунанда муваффақ шуданд.

Шарт нест, ки кӯдаки имкониятҳои маҳдуддошта бе омодагӣ ба мактабхонҳо шомил гарад. Онҳоро дар ин самт бо тайёрии пешакӣ омода бояд кард. Дар ҳали ин масъала омӯзгори мактаб ва мутахассиси маркази инклюзивиро тавассути видео ва тариқи Онлайн пайваст кардан мумкин аст.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон ташаббуси ба таҳсил фаро гирифта шудани кудакони имконоти маҳдуддошта бо роҳҳои гуногун шурӯъ шудааст. Аз ҷумла, дар ноҳияи Исфара 15 омӯзгор ҳар ҳафта дарсҳои худро бо роҳнамоии мутахассиси соҳаи тифлопедагогика мегузаронанд. Гуфтан ба маврид аст, ки солҳои охир иқдоми волонтёрҳо аз ҳисоби донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар ва психологҳои ҷавон дар самти кор ва омода шудан ба раванди таҳсили кӯдакони имконоти маҳдуддошта густариш ва равнақ мегирад.

Имрӯз бо боварии том гуфтан метавон, ки таҳсилоти фарогир роҳи оқилона ва одилонаи ба таҳсил фаро гирифта шудани кӯдакону фарзандони ноқисиҳои гуногундошта дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Аҳаммияти башардӯстона ва инсондӯстона доштани ин иқдомро бо якчанд сухан адо кардан имконнопазир аст, зеро ба ифодаи Саъдии Шерозӣ “Банӣ одам аъзои якдигаранд” ва “Дар офариниш зи як гавҳаранд”.

Инсонҳо, махсусан, кӯдаконро аз ҳам ҷудо кардан, аз мадди назар дур гузоштан, ба тақдири онҳо бетафовут мондан гуноҳ аст. Ба ин табақаи узви ҷомеа вазифадорем дасти мадад, ёрӣ, ғамхорӣ ва

парастириро дареғ надорем, то онҳо низ баробари кулли аъзои ҷомеа таҳсил кунанд, парвариш ва рушд ёбанд.

Принсипҳои умдаи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон бояд чунин қисматҳоро дарбар гирифта бошад:

1. Ҳуқуқи баробарӣ доштан ба таҳсил ва парвариш сарфи назар аз вазъи солимӣ ва мамониатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он.

2. Таълим дар муҳити таҳсилоти миёнаи умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ҳамроҳ бо ҳамсолони худ.

3. Муносибатти инфиродӣ ба кудакони имкониятҳои маҳдуддошта. Аз лиҳоз барои онҳо омода кардани барномаҳои мутобиқшудаи таълимӣ, дастгирии руҳӣ (психологӣ ва педагогӣ) аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст.

4. Ба вуҷуд овардани муҳити бемонеа. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои кудакони нуқсондор ҳама гуна имкониятҳои маиширо бо дарназардошти ҳучраҳои гигиенӣ, ҷойи қазои ҳоҷат, асбобу ашғоли заруру лозим ва амсоли он муҳайё бояд карда бошанд.

5. Кӯмак ва дастгирии омӯзгорон. Ба ин мақсад ҳайати педагогҳои мактаб бо тайёрӣ ва омодагии махсус мунтазам дар курсҳои такмили ихтисос сабақгардонӣ карда, барои ҳуқуқи кор кардан дар муҳити инклюзияро ба даст оранд.

Дар боло зикр кардем, ки дар Тоҷикистон рушди таҳсилоти фарогир аз солҳои 2015-2016 шурӯъ шуд ва барои суръат гирифтан ва ба мақсад равона кардани он ба тасвиб расидани конвенсияҳои байналмилалӣ, ки ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсилро кафолат медиҳад, мақоми арзанда пайдо кард. Ба дигар маънӣ, ҳуқуқи кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта ба таҳсилоти фарогир ва якҷоя ҳукми қонунӣ пайдо кард.

Дар назар аст, ки солҳои наздик маблағгузорӣ дар самти рушди таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои миёнаи умумӣ меафзояд, тайёрӣ ва

омодагии омӯзгорони варзидаи соҳаи таҳсилоти фарогир дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ сифатан ва миқдоран рӯ ба беҳбудӣ меорад.

Сарфи назар аз таваҷҷӯҳ ва комёбиҳо дар самти таҳсилоти фарогир мушкилотҳои гуногун дар самти таълиму тарбияи насли наврас алъон мавҷуданд. Махсусан омодагии касбии ҳайати омӯзгорон ва диққати волидон, базаи моддӣ-техникии бархе аз муассисаҳои таҳсилот, китобҳои мутобиқшудаи дарсӣ ва амсоли он боиси нигаронӣ аст.

Мехоҳем як нукта баланд садо дода бошад:

1. Таҳсилоти фарогир қабл аз ҳама барои таъмини шароити мусоид ба рушди ҳаёти кӯдаконест, ки ноқисӣ ва камбудиҳои мушаххаси ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ақлӣ, шунавои ва биноӣ доранд. Барои онҳо муҳити дилхоҳи таълиму тарбия бояд муҳайё сохт, то худро хушбахт ва бенуқсон эҳсос карда бошанд.

2. Кор дар самти таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон оғоз ёфтаву идома дорад ва барои расидан ба ҳадафҳои гузошта ҳама гуна чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешида мешаванд, то кӯдакони ноқисиҳои гуногундошта сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда барои дастрасӣ ба таҳсили босифат муваффақ гарданд.

Барои таъмини бонизоми таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон шароит ва имкониятҳо, бешубҳа, мавҷуданд. Пеш аз ҳама, омода кардани кадрҳои болаёқат бо дониши фароху амалҳои ибратбахш, ки ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони имкониятҳои маҳдуддошта алоқаманд аст. Масъалаи дигари муҳим - дӯст доштани кӯдакону бачагоне, ки норасоиҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, шунавоӣ, биноӣ доранд ва маъюбу маслуханд. Мутахассис ва омӯзгори ин самти таълиму парвариш соҳиби дили бузург, ҳиссиёти наҷиби инсонӣ ва нерӯи бузурги инсонӣ бояд бошад. Ва ба гуфтаи пурҳикмати шоири бузургамон Саъдии Шерозӣ:

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро гар тавонӣ, дил ба даст ор!

1.2. Тавзеҳ ва шарҳу тафсири вожаҳо, истилоҳот ва мафҳумоти марбут ба таҳсилоти фарогир дар адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ

Тавассути кӯшиш ва пажуҳишҳои муҳаққиқон, мутахассисон ва донишмандони соҳаи илмҳои гуногун, аз ҷумла, педагогика, психология, ҳуқуқшиносӣ, фалсафа ва амсоли он таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд, ки моҳиятан ба принсипҳои ташкили таҳсилоти фарогир ва табиати омӯзишии ашхоси дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ бахшида шудаанд. Принсипҳо ба он нигаронида шудаанд, ки тағйири шуури ҷамъиятӣ нисбат ба афроди маъюб ва имкониятҳои маҳдуди солимӣ, тандурустӣ ва нуқсондошта парварида шавад. Ҳадаф созмон ва таъсиси ҷомеаи инклюзивӣ мебошад.

Матлаби зикршуда аз нигоҳи арзишҳои баланди умумибашарӣ ва ахлоқӣ-инсонӣ аҳаммияти калонро молик аст, зеро фароҳам овардани шароити хубу мусоид барои таҳсилоти фарогир ва табодули афкори ҷомеа нисбат ба ашхоси дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, ақлию зеҳнӣ ва равонӣ барои аз байн рафтани мухолифатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ, рафторҳои дур аз таҳаммул ва шикебоӣ саҳми пуразриш мегузорад.

Бино бар гуфтаи муҳаққиқон ва донишмандони соҳа кишварҳое, ки низоми баробарҳуқуқии аъзои ҷамъиятро риоя намекунанд, аз имкониятҳои мавҷудаи кӯмак ва дастгирии махсусан кӯдакони дорои нуқсонҳои муайян (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ) истифода намебаранд, рӯзе мерасад, ки ангушти хиҷолат мегазанд. Ю.Л.Загумённов изҳор дорад, ки “мавҷудияти нобаробарӣ байни кӯдакон дар ҷодаи таҳсилот, ҷудо кардани мактабхонҳо дар заминаи вазъу мақоми иҷтимоӣ-иқтисодии волидон, қобилияти руҳӣ ва ҷисмонӣ, фарқиятҳои забонӣ, фарҳангӣ, этникӣ, динӣ ва амсоли он ба хурӯҷ ёфтани низою мухолифат, муноқишаю ҷанҷол оварда мерасонад” [37, с. 84].

Дар идомаи таҳқиқи масъала ба тафсиру ташреҳи мафҳумҳои марбут ба таҳсилоти фарогир таваққуф менамоем ва оид ба зумраи кӯдакони нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ дар робита ба

хусусиятҳои норасоӣ, иллат ва камбудии узвҳо аз нигоҳи илми тиб ва сифатҳои иҷтимоӣ ҳарф мезанем. Аз ҷумла, модели тиббии арзёбии нуқсонҳо ва иллатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон қудрат ва қобилияти кору ҳаракат, ичрои ҷисмонии ин ё он амалро ба пуррагӣ надорад ва ба вай парастору мададгоре лозим аст.

Агар ба дигар маънӣ гуфта шавад, ашхоси дорои нуқсону норасоиҳо, хоса, кӯдаки мактабхон аз ҳамсоли худ бо мавҷудияти камбуду иллатҳои гуногун фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки "ба тоифаи ашхоси маъюб, нобино, ношунаво ва нотавон тавассути сафарбар шудани онҳо ба муассисаҳои махсуси таҳсилот кӯмак расонида шавад, то онҳо низ дар қатори дигарон таълим гиранд, ба омӯзиш машғул гарданд, парвариш ёбанд ва рушд кунанд" [71, с. 19)].

Дар ҳолати зикршуда кӯдак ҳамчун дорои ин ё он беморӣ, иллат ва камбудӣ намоён мегардад ва ба зумраи онҳое тааллуқ дорад, ки аз худро аз ҷамъият дур ва ҷудо мегиранд. Мутаносиб ба ин иллат ва норасоиҳо ашхоси маъюб аз нигоҳи илми тиб ҳамчун бемор пазируфта мешаванд. Аз ин лиҳоз, истилоҳи маъмули илми тиб – "маъюб" ("инвалид") шарҳу эзоҳи хоси худро дорад.

Агар ба таҳлили этимологии "*инвалид*" назар андозем, пас чунин ҷавоб бармеояд: пешчаспаки **«in»** (префикс) **"не"** ва решаи калима ба маънои "истодан" буда, дар маҷмӯъ "инвалид" (маъюб) ашхоси *"заиф", "нотавон"*-ро бо сабаби беморӣ, осебу ҷароҳати вазнин, садама ифода мекунад *(корношоям, қобилияти корӣ надоштан*). Бино ба маълумотҳои иттилоотӣ истилоҳи "инвалид" (маъюб) нахуст дар Русияи асри 18 дар замони салтанати Пётри якум пайдо шуда, дар навбати аввал ба инсонҳои солхӯрда, пиру нотавон, осебдида ва қудрати хидмати ҳарбӣ надошта мувофиқ дониста мешуд.

Бархе аз муҳаққиқони ватанӣ (А.Байзоев) ба ҷойи ибораи *"бачагони маъюб"* ифодаи "*бачагони дорои маъюбият*"-ро пешниҳод кардаанд ва он нисбати онҳое тааллуқ дорад, ки бо сабаҳои гуногун

фаъолияти қисме аз узви худро муваққатан ва ё ба пуррагӣ аз даст додаанд. Таҷриба собит месозад, ки истеъмоли ибораи "*бачагони маъюб"* ҳарчанд маъмул аст, аммо барои ашхоси зерин малоли хотир ва номақбул мебошад.

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи "маъюб"чунин тафсир ёфтааст: *"айбнок, маиб, касе, ки ягон нуқсони узвӣ дорад"* [151, с. 667]. Аҳмади Дониш дар асарҳояш вожаи "маъюбӣ"-ро кор фармудааст ва онро чунин шарҳ медиҳад: *маъюб (маиб) будан, айбнок будан*: "Ва онҳо касоне бошанд, ки қодир бар иктисоби қути явмия нестанд, ба воситаи аҷз ва пирӣ ва маъюбӣ бар ҷо мондаанд" [151, саҳ. 667].

Дар таҷрибаи тафсир ва ташреҳи кишварҳои хориҷи кишвар, аз ҷумла, Русия муносибатҳои анъанавӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ ба мафҳуми *"маъюбият"* дар робита ба талаботи махсуси муҳити таҳсилот сурат гирифтааст. Чунончи дар иқтибосе, ки аз "Қонону қавоид барои хонандагони коллеҷхои халқӣ" (асри 18) оварда шудааст, "вожаҳои *"маъюбӣ"ва "маъюбият"* ба хонандагоне нисбат дода мешавад, ки норасоиҳои узвӣ доранд: *букрӣ, кӯзпушт (хамида, пуштхамида), ланг, чӯлоқ* ва ҳоказо. Таъкид мегардад, ки нисбати ашхоси маъюб нарму мулоим рафтор кардаву ҳифз намуд ва ба доираи муносибатҳои хуби рафиқона ва дӯстона ҷалб бояд кард" [118, с. 41].

Чунонки дида мешавад, ҷомеаи мактабӣ ба ашхоси дорои нуқсонҳои узвӣ бо нишонаҳои маъюбият ғамхор ва эҳтиёткор бояд бошад, то онҳо низ ба ҷараёни таълиму парвариш фарогир шуда бошанд, ки он мувофиқ ва мутаносиб ба принсипҳои муосири таҳсилоти инклюзивӣ (фарогир) гардад. Воқеан, дар шароити кунунии рушди таҳсилоти фарогир ҳадафи асосӣ дар он аст, ки муносибати муассисаҳои таҳсилот ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, аз ҷумла, маъюб ва бонуқсон меҳрубонона ва ғамхорона бошад.

Дар адабиёти педагогӣ ва психологӣ тамоюли нави муносибат ба истеъмоли вожаи "маъюб" (инвалид) тавассути ташреҳи зерин ба чашм

мерасад: “ашхосе, ки эҳтиёҷ ва ниёзи махсус ба таҳсилот доранд”. Воқеан, мутобиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “маъюб” (инвалид) шахсест, ки солим нест, бемориаш имкони фаъолияти комилро надорад, фаъолнокиаш маҳдуд буда, ҳифзи иҷтимоии ӯ зарур дониста мешавад.

Е.Ю.Заблоцкис мегӯяд: «мафҳуми маъюб (инвалид) на танҳо шахси нуқсонҳои узвӣ доштаро ифода мекунад, балки ӯро чун ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ муаррифӣ мекунад” [36, с.79]. О.А. Парягина дар мақолааш «Инвалиды: дискриминация и занятость» “ашхоси маъюбро ҳамчун шахсоне зикр мекунад, ки онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ ва зиндагӣ маҳдудият ва эҳтиёҷоти зиёд доранд” [108, с. 64].

Дар робита ба гуфтаҳои муҳаққиқони номбурда чунин мешуморем, ки ҳам шарҳи аввал ва ҳам сонӣ тахминан як матлабро ифода мекунад ва гуруҳи махсуси бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва узвиро пеши назар меорад. Дар ин росто гуфтан ба маврид аст, ки то ҳол дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои ифодаи ашхоси дорои чунин норасоиҳо вожаҳою истилоҳот аниқият ва шарҳи амиқу аниқро тақозо мекунад.

Дар дастури таълимии “Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)”, ки бо қарори Шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ рӯйи чоп омадааст [144], хушбахтона, як силсила масъалаҳо, аз ҷумла, шарҳи муҳимтарин мафҳумҳо, мушахассоти умумии таҳсилоти фарогир, роҳу усулҳои имконпазири татбиқи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли он мавриди баррасӣ ва ҳалу фасл қарор гирифтааст, ки қадами назаррас ҷониби муҳиммияти масъала дар самти таҳсилоти фарогир арзёбӣ мегардад.

Дар ҷамъияте, ки гузариш ба ҷониби модели иҷтимоӣ дар назар аст, мавҷудияти норасоиҳои узвӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ, аз ҷумла, маъюбӣ ҳамчун монеа, халал расонанда дар роҳи таҳсил, яъне иштироки кӯдакону бачагон дар раванди таълиму тарбия қабул гардад, на чун омили ҷудо ва дур шудани онҳо аз муҳит ва фазои таҳсилот. Дар ин

росто ҷомеаи инсонӣ ва муассисаҳои таҳсилоти зинаҳои гуногун, махсусан, волидон саҳми арзанда бояд дошта бошанд.

Самти тиббии мафҳумҳои инклюзия ба таъкиди норасоиҳои гуногуни солимӣ ва тавоноии кӯдакони соҳибнуқсон ва соҳибиллат, рафъи камбудиҳои мавҷуда, ба таҳсилот фаро гирифта шудани онҳо бо дахолати тиббӣ ва унсурҳои табобат саҳм мегузорад, то аз ҳамсолони худ қафо намонанд. Тамоюли иҷтимоии таҳсилоти фарогир дар навбати худ баробарҳуқуқии ҳамаи кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро барои гирифтани таҳсилот яқин медонад ва тарғибу ташвиқ ҳам мекунад.

Мутаассифона, мафҳумҳои “маъюбӣ” (маъюбият) ва “шахси дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ (саломатӣ)” аксар ҳамгуна дарк гардида аз ҳам ҷудо карда намешаванд. Ба дигар маънӣ, он ҳар ду мазмуни умумӣ пайдо кардааст ва барои ашхоси дорои чунин норасоӣ ва иллатҳо шароит ва имтиёзҳои махсус пешбинӣ нашудааст. Дар кулли кишварҳои дунё ҳуқуқи таҳсил ва ба нақшагирии шароитҳои меҳнатӣ дар заминаи ба эътибор гирифтани вазъи психологӣ-равонии шахс ва дигар монеаҳои марбути масъала ба инобат гирифта мешавад.

Проблемаи ба як маънӣ дарк кардану фаҳмидани мафҳуму истилоҳоти вобастаи таҳсилоти фарогир, хоса, аз ҷониби ҷомеа надоштани хоҳиши эҳсоси мушкилоту душвориҳои ашхоси имкониятҳои маҳдуди солимӣ ва тавоноӣ сабаҳои гуногуни воқеӣ низ дорад. Солҳои охир бинобар дар дунё паҳн шудану шиддат ёфтани бемориҳои гуногуни сироятӣ, аз ҷумла, пандемия афзуншавии бемориҳои мухталиф байни аҳолӣ ва махсусан кӯдакон ва бачагони ноболиғ ба чашм мерасад. Дар натиҷа ба гуруҳи истилоҳоти тиббии марбут ба маъюбият (инвалидность) вожаҳои нави ҳаммаъно пайдо шудааст. Аз қабили шахсе, ки нуқс дорад ва ҳовии инҳироф аст (каҷ шудани рӯй, каҷбин, аҳвал ва ҳоказо), ки аз мавҷудияти беморӣ ва иллати ҷисмонӣ дарак медиҳад.

Олими барҷастаи рус Л.С.Выготский мегӯяд: “Нуқсон (дефект) нишони мусбӣ (эҷобӣ) надорад, он маҳдудият, заифӣ, нотавонӣ ва садди роҳи рушд мебошад” [24, с. 9]. Донишманди номдор намудҳои гуногуни нуқсонҳои ба инсон мансубшударо таҳқиқ мекунад. Мувофиқи таснифоте, ки пешниҳод кардааст, нуқсонҳо ба вазъу ҳолати ҷисмонӣ, руҳӣ, узвӣ алоқаманд буда, асоси илми дефектологияро ташкил медиҳад. Зикр бояд кард, ки таснифоти Л.С.Выготский ва истилоҳоте, ки пешниҳод кардааст, дар кишварҳои гуногуни дунё дар соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ истифода мешаванд.

Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи мазкур моро водор кард, ки ба чанд суоли худ ҷавоб пайдо кунем. Аз ҷумла, барои чӣ кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ барои ҷалб шудан ба фазои таҳсилоти умумӣ чандон майл ва рағбат надоранд? Ҳатто волидон нуқсон ва иллатҳои воқеии фарзандонашонро пинҳон мекунанд. Онҳо намехоҳанд, ки нуқсонҳо ошкор гарданд ва ба вазъи руҳӣ ва равонии кӯдакон зарба расида бошад.

Дар робита ба ин матлаб мо яқин кардем, ки “аз нигоҳи илм нуқсонҳо ба ду намуд: аёну падидор ва пинҳону нонамоён ҷудо мешаванд. Чунончи, дар ҳолати аён ва равшан будани ноқисӣ иллатҳои вобаста ба ҳаракат, ҷунбидан, роҳ гаштан, қобилияти ҳифзи узвҳои дарунии кӯдакон ва бачагон маълум мегардад. Дар чунин ҳолатҳо имкони баровардани эҳтиёҷи онҳо кори душвор нест” [24, с. 12].

Дар ҳолати пинҳон ва нонамоён будани нуқсонҳо муаммоҳои зиёд пешорӯ мегардад. Аз ҷумла, чӣ гуна кӯмак лозим аст, чӣ гуна шароитҳое бояд фароҳам овард, ки кӯдакон ба таҳсил фаро гирифта шаванд, кадом вазъи муҳити таълим ва муносибати омӯзгор ҷавобгӯи матлабу мароми онҳо шуда метавонад, то раванди мутобиқшавиашон сабуктар ва осонтар гардад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди андеша, тахайюл ва хулосаҳои амиқ қарор мегирад, он аст, ки истилоҳоти иҷтимоии гунаҳои (вариант)

марбут ба мафҳуми маъюбият ва имкониятҳои маҳдуди саломатӣ, ки дар айни замон дар ҷомеа мушоҳида мешавад, ба ташвиқу тарғиби иттилоотии таҳсилоти фарогир ишора мекунад. Барои ин қаблан лозим меояд, ки таҳлили амиқу равшани кулли вожаҳо ва истилоҳоти мавҷудаи соҳаи таҳсилоти фарогир мавриди назар қарор ёбад. Ва пеш аз ҳама - мазмуну мундариҷаи раванди инклюзия (фаро гирифта шудани кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ ба ҷараёни таълим, омӯзиш, парвариш ва рушд).

Дар истеъмоли вожаҳо ва истилоҳоти марбут ба иллатҳои гуногуни кӯдакон ва бачагон эҳтиёт бояд шуд, то малоли хотир ва озурдагии равонии онҳо нагардад. Чунин гуруҳи кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд намехоҳанд, ки дар тасаввур ва шуури ҷомеа иллатҳои онҳо боиси муҳокима, таҳлил ва муҳокимаю таҳқир қарор ёбад. Агар ба кӯдаки нобино "кӯр" гуфта муроҷиат кунанд, ранҷидахотир мегардад. Хуб медонад, ки тақдираш чунин аст, вале агар варо ғамхорона аз дасташ гирифта, ба мактабу синфхона бурда шароити омӯзишу таҳсили махсусро фароҳам оварем, дилаш лабрези шодӣ мегардад ва ифтихор мекунад, ки ба сабақомӯзӣ пардохтаасту хондану навиштанро ёд мегирад.

Мусаллам аст, ки забон шуури ҷомеаи инсониро инъикос ва идора мекунад. Замоне академик Д.С.Лихачёв гуфта буд, ки "забони мо рукни ҷудононашавандаи рафтору аъмоли мо дар раванди зиндагӣ ва ҳаёт аст" [76, с. 41]. Дар ин гуфтаҳои донишманди варзида нуктаи муҳимме изҳор шудааст. Гап дар сари он аст, ки таъсири вожаю мафҳумҳое, ки дар нутқ истифода мебарем, ба шуур ва афкори ҷомеа муассир мегардад, зеро моҳияти шуури инсонӣ дар инъикоси таҷассум меёбад.

Чаро ин тавр аст? Чавоб чунин аст: "аслан воқеият аз ҷониби инсон тавассути маънии калима, мазмуни сухан, ҳусни баён ва аломату ишораҳо дарк мегардад. Бесабаб нест, ки забонро шуури воқеӣ низ мегӯянд" [72, с.114].

Истилоҳ ва мафҳуми «бачагони талаботи махсусдошта» (БТМ) бори нахуст тавассути унвони конференсияи Саламан, соли 1994 (Саламанская конференция) ва матни “Чаҳорчӯбаи амалҳо оид ба принсипҳо, сиёсат ва фаъолияти амалӣ дар самти таҳсилоти бачагони талаботи махсусдошта” мӯҷиби истифода қарор гирифт. Вале аввалин падидаҳо ва мавҷудияти проблемаи мазкур ба охри солҳои 70-уми асри сипаришуда мувофиқ меояд. Аз ҷумла, соли 1978 консепсия ва мафҳуми «бачагони талаботи махсусдошта» дар Британияи кабир дар маърузаи кумитаи Уорнокс пешниҳод гардид ва баъдтар “Қонун дар бораи маориф” (1981) онро мавриди қабул ва амал арзёбӣ кард. Ғояи муҳимми ин консепсия чунин аст: Кӯдак ба талаботҳои махсуси таҳсил ниёз дорад ба шарте, агар эҳтиёҷ ба таълиму омӯзиш дошта бошад. Аз ин лиҳоз, барои баровардани ниёзҳои ӯ шароитҳои мусоиди таҳсилу омӯзиш фароҳам бояд оварда шавад.

Дар “Чаҳорчӯбаи амалҳо оид ба принсипҳо, сиёсат ва фаъолияти амалӣ дар самти таҳсилоти бачагони талаботи махсусдошта” (конференсияи Саламан) дар мавриди гузариш аз мафҳуми «бачагони талаботи махсусдошта» ба таҳсилоти фарогир қадами калоне гузошта шуд. Мувофиқи ҷамъбаст ва хулосаи ақидаҳои изҳоршуда ва маводҳои конференсия истилоҳи «талаботи махсуси таҳсилот» нисбат ба кулли бачагон ва наврасони дорои маъюбият ва душвориҳои таълиму омӯзиш дахл дорад. Донишмандон ва иштирокчиёни конференсия ба чунин хулоса омаданд, ки ба бачагону наврасони дорои талаботҳои махсус чораю тадбирҳои зарур оид ба таҳсилу рушди онҳо муҳайё карда шавад. Ҳамин таъкид ва ормон боис гардид, ки консепсияи ҷадиди мактаби инклюзивӣ (фарогир) тавлид ёбад.

Муҳаққиқони педагогикаи ватанӣ Б.Маҷидова, Н.М.Юнусова ва Г.Қурбонова тавассути таҳлили адабиёти илмӣ изҳор медоранд, ки “тарзи ташкили таҳсилоти инклюзивӣ ва мактаби инклюзивӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Сохтори онҳо модулҳои нави ташкили

кори таълиму тарбиявӣ, технологияи пешқадам ва истифодаи роҳу усулҳои нави таъсиррасониро ба бачаҳо, волидон ва аҳли ҷомеаро ба худ қабул карда метавонанд. Онҳо метавонанд халқу миллатҳо ва аққалиятҳои гуногуни этникиро муттаҳид намоянд. Масалан, дар наздикии ш. Нью Йорки ИМА мактабе фаъолият дорад, ки фарзандони намояндагони кишварҳои Аврупо, Африқо, Осиё, Америкаи Лотинӣ, муҳоҷирон, гурезаҳо ва худи америкоиҳо ба таҳсилот фаро гирифта шудаанд. Дар Португалия, Англия ва дигар кишварҳо низ чунин мактабҳо вуҷуд доранд, ки дар онҳо фарзандони намояндагони фарҳангҳои гуногун дар якҷоягӣ бо ҳамсолони имконияти маҳдуддоштаи худ таҳсил менамоянд. Асоси фаъолияти ин мактабҳоро ҳамкорӣ, баҳисобгирии арзишҳои маънавӣ, имконияту тавоноии бачаҳо ташкил менамоянд" [88, с. 32].

Дар робита ба масъалаи мавриди пажуҳиш донишмандон, аз ҷумла, Дэвид Митчелл дар осори педагогии худ мафҳуми "бачагони соҳибмонеа ба таълим" ва "ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд"-ро кор мефармояд. Аммо ӯ афзалияти бештарро ба истифодаи мафҳуми "ашхоси талаботи махсуси ба таҳсил ниёздошта» медиҳад (person with special educational needs), зеро, ба ақидаи муҳаққиқ чунин тавсифи истилоҳ бештар ба моҳият ва объекти таҳсилоти фарогир мувофиқ меояд [4, 138].

Муқоисаи истилоҳоти адабиёти хориҷи кишвар оид ба таҳсилоти фарогир собит месозад, ки муаллифон бештар мафҳуми "ашхоси дорои талаботҳои махсус ба таҳсил доштаро" истифода мебаранд. Ба андешаи мо чунин иқдом ва қарор дар он аст, ки дар истилоҳи пешниҳодшуда дарк ва эҳсоси иҷтимоии маъюбият ба назар мерасад ва он пеши роҳи поймолгардии ҳуқуқи чунин ашхосро гирифта, ҳамраъйии ҷомеаро ҷониби онҳо равшан месозад.

Таҳқиқоти мазкур собит мекунад, ки истифодаи вожаҳо ва истилоҳоти таҳсилоти фарогир дар нутқи ҳамарӯза, аз ҷумла, тавассути

воситаҳои ахбори умум, адабиёти публицистӣ ва илмӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ нисбат ба ашхоси маъюб ва дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва зеҳнӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Модели тиббии истилоҳоти “маъюб”, “ашхоси дорои нуқсонҳо ва айбу иллатҳои гуногун” симои манфии шахсро рӯйнамо карда, заифӣ, нотавонӣ, беморӣ, бекудратӣ барин иллатҳои бачагон ва наврасонр бо таъкиди мансуб будан ба нуқсонҳо афзун ва дилгир мегардонад, ки ба он набояд роҳ дод. Вақте бачагон ба чашми худ камбудиҳои хеш ва бартариҳои ҳамсолонро мебинанд, бе ин ҳам ғамгин мешаванд. Дар сурате, ки истифодаи вожаю истилоҳоти фалону беҳмадон пайваста ба истифода меравад, бори вазнини ашхоси имкноиятҳояшон маҳдуд вазнинтар ва гаронтар мегардад ва иҷтимоишавии онҳо душвор мешавад.

Барои нарму беозор гардонидани ҳусни муроҷиат, муносибат ва муомила нисбат ба бачагону наврасони дорои иллатҳо, нуқсонҳои табиӣ ва ё бо сабабҳои гуногун рухдода модел ва гунаҳои сабук ва малолнооварро, амсоли “ашхоси дорои фаъолияти ҳаётан маҳдуд”, “шахси дорои талаботи махсус”, “афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсил”- ро бояд кор фармуд, зеро чунин муносибат симои шахси маъюб ва дорои дигар аёбу иллатҳоро рӯйпӯш ва каме бошад ҳам пинҳон мекунад. Бо ин тарзи рафтору муомила ҷомеа гуруҳи ашхоси дорои имкониятҳои маҳдудро ба доираи хеш бо риояи ҳуқуқу муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, хоса, ба ҷалби фарохи онҳо ба таҳсил, таълим ва тарбият осон ва сабук мегардонад. Дар маҷмӯъ чораву тадбирҳои муаасир ба рушди сатҳи таҳаммулпазирӣ ва кушод будани ҷомеа нисбат ба кулии инсонҳо, сарфи назар аз маҳдудиятҳо ва камбудиҳои эшон, роҳи васеъ ва хушбин мекушояд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саъю талошҳо ба рушди тамоюли иҷтимоишавии бачагону наврасони талаботи махсусдошта тавассути таъсиси муассисаҳои махсуси таълимӣ (мактаб-интернатҳо, марказҳои солимӣ) беш аз пеш меафзояд. Афзалияти барҷастаи

муассисаҳои зикршуда дар он аст, ки омӯзгорони омодаи кор бо ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд бо барномаҳои махсуси таҳияшуда бо онҳо машғул мешаванд, таълиму тарбият ва рушди чунин категорияи бачагону наврасонро ба уҳда мегиранд.

Таҷриба нишон дод, ки ҳар қадар воридшавии бачагони талаботи махсусдошта ба раванди таҳсилоти умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои мухталифи тарбиявӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, саёҳату экскурсияҳо пайваста ва муттасил гардад, ҳамон қадар ташаккули зеҳнӣ, маърифатӣ ва имкониятҳои ҷисмонии онҳо пойдору устувор шуда, дар роҳи фаъолона омӯхтану амал кардан роҳи васеъ мекушояд.

Кулли бачагону наврасони дорои нуқсу иллатҳои зеҳнӣ ва ҷисмонӣ (хоҳ модарзод ва хоҳ бо сабабҳои гуногуни тақдиру сарнавишт) хуқуқи фарогирӣ ба таҳсилот доранд. Онҳор аз ҷомеа дур мондан, ба назари эътибор нагирифтан, аз одаму олам ҷудо кардан ба принсипҳои умумибашарии инсондӯстӣ, инсонпарварӣ ва таҳаммулу ғамхорӣ мувофиқ намеояд.

Принсипҳои умдаи консепсияи таҳсилоти фарогир ҳуқуқи ҳар як шахс (кӯдакон, бачагон, наврасон, ҷавонон)-ро ба таҳсил ва омӯзишу парвариш таъкид ва муайян кардааст. Мувофиқи он ҳар кас қудрати дарку эҳсос ва қобилияти фикр карданро дорад ва ниёзу эҳтиёҷи ӯ ба омӯзиш ва рушд қобили дастгирӣ бояд гардад. Кӯдакону бачагон ва наврасону ҷавонони дорои имкониятҳои маҳдуд ва нотавон ба ҳамраъйӣ ва ҳамдилии ҷомеа ва атрофиён ниёзи калон доранд ва онҳори ҷузъи ҷудонашвандаи ҷамъият бояд эътироф кард.

Дар ин росто мухимтарин корҳо ва иқдомҳо омода кардани заминаҳои қонунгузорӣ, ҷустуҷӯ ва идораи таҳсилоти фарогир, танзим ва такмили муқаррароти Конвенсия, манбаъҳои маблағгузорӣ, тайёр кардани кадрҳои болаёқат ва салоҳиятманди педагогӣ мебошад, ки ҷанбаҳои муҳимми талаботи Конвенсияро бобати фарогирии бачагону наврасони ниёз ба таълими махсусдошта комилан риоя хоҳад кард.

Ба ин муносибат месазад аз таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла, Япония истифода бурд. Муҳаққиқи ватанӣ, донишманди хушкор, шодравон Азимҷон Байзоев дар монографияи хеш “Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам” изҳор медорад, ки барои муваффақ шудан ба дарёфти роҳу усулҳои пешқадами ин самти таҳсилот як силсила корҳо бояд ба анҷом расида бошад.

Хушбахтона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд барои солҳои 2011-2015 таҳия гардида, қадами устуворе ҷониби татбиқи амал ёфтани кулли чорабиниҳо оид ба ташкил, танзим ва такмили низоми таҳсилоти фарогир гузошта шуд. Ташаббуси мазкурро муҳаққиқ А. Байзоев хушбинона арзёбӣ намуда, аз ҷумла мегӯяд: “Мо онро замоне қабул кардем, ки дар Қонуни ҳамонвақта “Дар бораи маориф” мафҳуми таҳсилоти фарогир вуҷуд надошт. Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи маориф”, ки соли 2013 дар таҳрири нав қабул гардид, ин истилоҳ дар боби 1, моддаи 1, вақте ки сухан аз истилоҳот ва мафҳумҳои асосӣ меравад, ба тариқи зайл муайян шудааст: таҳсилоти фарогир – барои кӯдакон, новобаста ба ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ муҳайё кардани шароити мусоид ҷиҳати гирифтани таҳсилот” [8, с.26-27].

Ҳарчанд чунин нукта муҳим арзёбгардид, вале баъзе нозукиҳои масъала аз нигоҳи муҳиммият ва зарурати ҳаётан муҳим аз мадди назар дур афтодааст. Дар конвенсияҳо байналмилалӣ дар робита ба таҳсилоти фарогир ғояи асосӣ ва рисолати пайвандӣ дар он зикр мегардад, ки дастрасии таҳсилот ба кӯдакону бачагони дорои иллатҳо ва имкониятҳои зеҳнию ҷисмонӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дар маҳалли зист муҳайё мегардад.

Яъне сухан дар бораи тартиб ва роҳу равиши ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир меравад. Алъон мо намедонем, ки дар шаҳру

ноҳияҳои ҷумҳурӣ, деҳоту ҷамоатҳо чӣ қадар (аниқан ва миқдоран) кӯдакону бачагони дорои талаботи махсус ба ҷараёни таҳсилоти умумӣ сафарбар гардидаанд? Ҳамчунин маъюбият, тавлиду ба камолрасии кӯдакони дорои иллатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва равонӣ муттасил тағйири миқдорӣ ва сифатӣ пайдо мекунад. Ба ин маънӣ, таъсиси шуъба ва ё маркази махсус дар фаъолияти идораҳои маорифи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз масъалаҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад.

Қобили зикр аст, ки “бо мақсади беҳдошт ва рушди таҳсилоти инклюзивӣ бо мададу дастгирии Институти Ҷомеаи Кушод «Бунёди мадад» дар Тоҷикистон дар назди факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Маркази таҳсилоти инклюзивӣ ташкил гардид. Он вазифадор карда шуд, ки дар доираи лоиҳаи муайян ба ташкилу гузаронидани тренингу семинарҳои омӯзишӣ барои донишҷӯёну муаллимон оид ба барномаи «Таҳсилоти инклюзивӣ» мадад расонад, дар асоси баҳисобгирии адабиётҳои илмӣ – методӣ ва таҳлили таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя мутобиқ ба шароити кишвар дастури таълимии мазкурро таҳия ва дастраси хонандагон гардонад. Маркази таҳсилоти инклюзивӣ бо адабиёти лозимӣ, техникаи компютерӣ, алоқаи интернет таъмин карда шудааст ва он ба эҳтиёҷмандон ёрию мадади худро дареғ намедорад [88, с. 37].

Чораҳо ва мушаххас намудани вазифаҳо дар самти татбиқи бонизоми таҳсилоти фарогир собит месозад, ки он ҷузъи алоҳидаи низоми таҳсилот набуда, ба ҳамаи зинаҳо: томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ баробар тааллуқ дорад. Таҳсилоти фарогир аслан ва мантиқан ҷараёни дарозмуддати фаъолияти муассисаҳои таҳсилот буда, идораҳои маорифи кишварро водор месозад, ки дар самти ташкили босифати таълиму тарбияи бачагони дорои талаботи махсус ба раванди таҳсилоти умумӣ саҳми арзанда гузошта бошанд.

Дар ин росто ҳиссаи волидон низ дар самти фарогирии бачагони дорои талаботи махсус ба раванди таҳсилоти умумӣ аз рӯзи валодат бояд

дар назар дошта шавад. Тақдири фарзандони дорои иллат, маъюбият ва имконоти маҳдудро ба ихтиёри худашон гузоштан хатои маҳз ва муносибати дурушт аст. Дар робита ба ин масъала таҳия ва қабули асноди меъёриву ҳуқуқӣ, маблағгузорӣ ва як силсила чораҳои дигари ботадбир барои роҳандозии таҳсилоти фарогир роҳи васеъ мекушоянд. Ин ҷараён ҳамчунин кафолати ҳамаҷонибаи мақомотҳои давлатиро низ тақозо мекунад, ки тавассути пайгирии идораҳои дахлдор, аз ҷумла, Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сохтори махсуси Маркази таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми ҶТ амалӣ мегардад.

Дар фароварди сухан оид ба фасли зикршуда нуктаеро зикр накардан мумкин нест. Тоҷикистон дар самти таҳсилоти фарогир, хоса, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаи фаровон дорад. Чунончи, “дар кори дастрас намудани маълумоти олӣ ба маъюбон таҷрибаи андӯхтаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сазовори дастгирӣ мебошад. Ба донишгоҳ маъюбон на танҳо тибқи квота, инчунин мувофиқи хоҳиш ва имкониятҳои донишомӯзии худ барои таҳсил ва касбомӯзи дохил мешаванд. Раёсати донишгоҳ, роҳбарони факултетҳо, мудирони кафедраҳо ва ҳамаи устодону шарикдарсон нисбати маъюбон, ятимон ва донишҷӯёни аз оилаҳои камбизоат муносибати хайрхоҳона намуда, мададу дастгирии моддию маънавии худро дареғ намедоранд. Масалан, дар соли хониши 2009-2010 дар донишгоҳ 418 нафар донишҷӯёни ятиму инвалид таҳсил намуданд, ки 32 нафари онҳо маъюб, 28 нафар ятимони бепадару модар, 6 нафар аз сағирхона ва хона интернатҳо буданд. Ин гуруҳи донишҷӯён мувофиқи хоҳиш дар навбати аввал ба хобгоҳ, идрорпули ва ёрии иловагии пулакӣ таъмин карда мешаванд” [88, с. 44].

1.3. Вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд

Аз таҳлили ду қисмати боби якуми диссертатсия маълум шуд, ки дар ҳамаи кишварҳои пешрафта, аз ҷумла, дар Тоҷикистон солҳои охир ба таҳсилоти фарогир таваҷҷӯҳи махсус ба чашм мерасад. Бесабаб нест, ки барои расидан ба ҳадафҳои татбиқи таҳсилоти фарогир ва ба таҳсил ҷалб гардидани бачагон ва наврасони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва равонӣ Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир ба тасвиб расид [68].

Дар қисмати навбатии рисола сухан оид ба вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меравад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар ин самт ҳам пешравӣ ва ҳам душвориҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо ногузир буда, ба татбиқи Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Қаблан изҳор медорем, ки масъалаи таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурии азизамон саривақтӣ буда, татбиқи принсипҳои гуманистии таълим, аз мадди назар дур намондани таълиму тарбияи бачагони дорои талаботи махсус ба таҳсил, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ғояҳои инсондӯстӣ, бародарӣ ва баробарии кулли инсонҳои рӯйи заминро талқин месозад. Масъали зерин беш аз ҳама ва пеш аз ҳама масъулияти иҷтимоии ҷомеа: аз хонавода то муассисаҳои таҳсилоти гуногунзинаро ба маърази таваҷҷӯҳ ва татбиқ мегузорад.

А.Байзоев чунин ибрози назар мекунад: “Дар шароити муосир татбиқи амалии таҳсилоти фарогир дар ҶТ ба зинаи фаъоли худ ворид шудааст. Он таҳсили якҷояии БТМ (бачагони талаботи махсус) ва дигар бачагонро дар шароити мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар назар дорад. Вале, тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар ҷараёни татбиқи он

ҳам барои падару модарон, ҳам барои омӯзгорон ва роҳбарнои муассисаҳои таълимӣ мушкилоти зиёде ба миён меоянд” [144, с. 7].

Дар поён якчанд масъалаҳоро дар заминаи таҳқиқоти мазкур ва мушоҳидаю таҳлил, ки муяссар гардид, изҳор карданием. Мушкилоти аз ҳама вазнин муносибати на ҳамеша мусбӣ ва воқеъбинонаи волидон ба таҳсили фарзандони дорои талаботи махсус мебошад. Чунончи, онҳоро тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои мансуб ба таълиму тарбия дар шароити кунунии таҳсилоти фарогир ба шубҳа мегузорад. Махсусан, сатҳи сифатан коста ва омодагии касбии омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба таълиму тарбияи якҷояи хонандагон ва бачагону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуд.

“Таҳлили вазъи мактабҳои инклюзивӣ, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи”Таҳлили вазъи маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир дар ҶТ аз ҷониби мутахассисони Маркази дастгирии ислоҳоти маориф “Пулс” анҷом дода шуд, дурустии ин андешаро собит намуд. Мутаассифона, на ҳамаи омӯзгорон барои кор дар шароити нав омода ҳастанд” [144, с. 7-8].

Ҳарчанд ғояи таҳсили ҳамроҳ ва яҷояи бачагону наврасони дорои талаботи махсус ба таълиму омӯзиш боиси хушнудӣ ва пазироист, он, мутаассифона, бачагону наврасони дорои талаботи махсусро ба вазъи маҳдуди донишандӯзӣ қарор медиҳад ва пайваст шудани онҳоро ба ҳайати хонандагони солиму хушзеҳн ва бомаърифат зери изтиробу ҳаяҷон мегузорад.

Яке аз монеахои дигар дар татбиқи таҳсилоти фарогир муштарак набудани барномаҳои таълим ва бомуваффақият амалӣ гардидани он дар шароити кунунии ташаккул ва густариши таҳсилоти фарогир дар Точикистон мебошад. Ба ақидаи муҳаққиқ А.Байзоев, “синфҳо бо дарназардошти меъёри муқарраршуда (на камтар аз 25 нафар) ташкил мешаванд. Дар чунин шароит таъмини таваҷҷуҳи зарурӣ ба бачагони талаботи махсус (БТМ), ки ба он сахт эҳтиёҷ доранд, бе расондани осеб

ба бачагони дигар, ки дар марҳилаҳои гуногуни азхудкунии маводи таълимӣқарор доранд, хеле мушкил аст [144, с. 8].

Мавриди зикр ва ёдоварист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас ва тадбирҳои оқилонаро ҷиҳати ҳалли проблемаҳои мавҷуда дар самти таҳсилоти фарогир тарҳрезӣ намуда, барои рушди он тамоми имкониятҳоро истифода мебарад. Махсусан дар самти ҷалби ҷонибҳои тарафдор ва хайрхоҳу пуштибони татбиқи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон. Омода шудани омӯзгорон, раёсати идораҳои дахлдор, мактабу маориф ба татбиқи таҳсилоти фарогир дар робита ба ҳалли масоили марбут ба тайёрии мактабҳо, волидон, ҷомеа, дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва амсоли он аз масъалаҳоеанд, ки роҳу равиши ин самти ҷадид ва хеле муҳимми таълиму тарбияро дар замони муосир муайян мекунанд.

Дар навбати худ монеаҳои асосӣ дар татбиқи таҳсилоти фарогир сарфи назар аз таваҷҷӯҳ ба ин масъалаи хайрхоҳу хайрандеш пайваста ба вуҷуд меоянд. Аз ҷумла, норасоии мутахассисони босалоҳият, омӯзгорони омодаи фаъолият дар самти таҳсилоти фарогир, муносибати на ҳамеша ботадбир ва андешамандонаи волидон, маблағгузории номутаносиб ва ноқисиҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна, номукаммалии қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, монеаҳои ҷамъиятӣ дар шакли боварию эътимод нисбат ба бачагону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва қудрату тавоноӣ.

Проблемаҳои зикршуда барои мутобиқшавии муҳити таҳсилот, татбиқи нақшаҳои инфиродӣ ва тадриҷан ҳамгиро шудани бачагони ба талаботи махсус ниёздошта мушкилоти зиёд ба бор меорад. Дақиқан ва мушаххасан мулоҳиза фармоем, мушкилоти асосӣ ва монеаҳо дар самтҳои зерин зуҳур меёбанд:

1. **Норасоии кадрӣ ва дараҷаи пасти кордонии ҳайати омӯзгорон**. Ин чунин маъно дорад, ки мутахассисони болаёқат ва баландпоя дар самти педагогикаи коррексионӣ (ислоҳпазирӣ) ва психологияи махсус

миқдоран кам буда, омодашавии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба кор бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва зеҳнӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст.

2. **Норасоии базаи моддӣ-техникӣ**, мавҷуд набудани муҳити дастрас ва қобили қабул дар мактабҳо, ки барои пурра шомил шудани бачагони дорои маъюбият ва иллатҳои гуногуни ҷисмонӣ ва зеҳнӣ имконият намедиҳад.

3. **Омода набудани ҷомеа ва волидон**. Дар шароити кунунии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ андешаҳои маҳдуди волидон нисбати фарзандони дорои норасоиҳои ҷисмонӣ ва солимӣ сабаби асосии фарогир нашудани онҳо ба ҷараёни таҳсил мегардад. Мутаассифона, ҷомеаи педагогӣ ҳам чандон хоҳиши ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро надорад. Таъсиси гуруҳҳои махсуси инклюзивӣ бошад айни ҳол бо сабабҳои гуногун рӯ ба таъхир овардааст.

4. **Ба такмил ниёз доштани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ**, ки аз омилҳои боэътимоди ташкили босифати таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Мавҷудияти базаи қонунгузорӣ имкон мебахшад, ки таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва саломатӣ мутобиқи нақшаҳои инфиродӣ татбиқи амал гардад.

5. **Номувофиқатии барномаҳои таълим ва стандартҳо**, ки наметавонанд ҷавобгӯи ниёзҳои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди омӯзишӣ бошанд.

6. **Номуназзамии таҳқиқотҳои илмӣ** дар самти таҳсилоти фарогир, ки мӯҷиби дастрас шудан ба натиҷаҳои ниҳоии таҳсилоти фарогир, такмил ва таҷдиди низоми таълим мегардад.

7. **Норасоии молиявӣ.** Воқеан, норасоии молиявӣ ба таъсиси муассисаҳои таҳсилоти фарогир ва таҳияи барномаҳои нави таълим монеа ва мушкилот ба бор меорад.

Кулли проблемаҳои дар боло зикршудаи таҳсилоти фарогир дар шароити кунунии соҳаи мактаб ва маорифи кишвар барои ҳалли

масъалаҳои умда ва ҳаётан зарури ҷалби бачагону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва саломатӣ ба ҷараёни таҳсил шароити мусоид фароҳам меорад.

Тазаккур бояд дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фарогирро ҳамчун самти афзалиятноки рушд ва такмили низоми таълиму тарбияи бачагони дорои талаботи махсус эътироф кардааст. Чунин хулоса ва ташаббуси оқилона дар сатҳи таваҷҷуҳи пайвастаи ҳукумату давлат дар вазъи беш аз пеш афзун ёфтани миқдори бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва саломатӣ ба вуқӯъ омадааст.

Воқеан, “тамоюли мазкур дар тамоми минтақаҳои олам ба назар мерасад ва бино бар маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (ВОЗ) соли 2019 миқдори бачагони дорои норасоӣ ва иллатҳои ҷисмонию зеҳнӣ 12 миллион нафарро ташкил медод, ки аксари онҳо аз ҷараёни таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дур мондаанд” [48, с. 72].

Яке аз масъалаҳои муҳимми таҳсилоти фарогир дар шароити кунунии Тоҷикистон зарурати наздик кардани асосҳои таълим, тарбия ва руш дар заминаи талаботи педагогикаи умумӣ ва хусусӣ мебошад, ки ба таҳсили якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва хонандагони пешқадам роҳ мекушояд. Чунин ақидаи солимро ҳануз дар оғози асри 20-уми сипаришуда олимон ва донишмандони маъруфи советӣ ва Русия Л.С. Выготский, Г Я. Трошин, В.П. Кащенко ва дигарон пешниҳод карда буданд.

Мутаассифона, “таҷриба ва ғояҳои олимони номбурда аз ҷониби ҷомеаи педагогӣ дастгирии ҳамаҷониба пайдо накард. Танҳо сонитар тамоюле сар зад, ки таҳаммули ин масъалаи ҳаётан зарур дар раванди таҳсилот таҷриба ва санҷида шуд” [9, с. 48]. Маълум гардид, ки таҳсилоти фарогир таъмини баробари бачагонро ба таълиму омӯзиш бо дарназардошти ниёз ва талаботи махсус ва имкониятҳои фардии онҳо пеши назар меорад.

Таҳлили вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва воқеан ҳам муҳим мутобиқ гардонидани талаботи кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, вазъи солимӣ мебошад. Дар сарчашмаҳои илмӣ тарзу намуди гуногуни мутобиқатсозии бачагони талаботи махсусдоштаро манзури муҳокима ва татбиқи амал пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла, мутобиқати рафтор, мутобиқати малакаҳои ташкилӣ, мутобиқати талаботи ҳиссӣ ва амсоли он.

Таҳлили кулли шакл ва намудҳои мутибиқатсозии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, вазъи солимӣ собит месозад, ки омили асосии татбиқи таҳсилоти фарогир дараҷа ва вусъати ҳавасмандии ашхоси ба таълим шомилгардида мебошад. Хислати баргузидаи кӯдак сарфи назар аз истеъдод, кӯшиш, рағбат, ҳаракат ва амалҳои мушаххас диққат додан ба маълумот, иттилоот, сухани ҳамсуҳбат, омӯзгор, шарикдарсон, волидон мебошад.

Махсусан тамаркузи диққат дар роҳи иҷрои супориш, хоҳиш, амр, дастур ва монанди ин таваҷҷуҳ, рағбат ва ҳисси азхудкунии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро бедор мекунад. Дар ин бобат донишмандони шинохтаи ҳам ватанӣ ва ҳам бурунмарзӣ аз нигоҳи асосҳои илми педагогика ва психология андешаҳои судманд иброз намудаанд (Л.С.Выготский, А.А.Леонтьев, А.Н.Леонтьев, Р.Лурия, Н.М., В.Ҳ.Солибоев, Юнусова, Б.Маҷидова, А.Байзоев, Н.Абдурашидов ва дигарон).

Чунончи, мутобиқ гардонидани талаботи ҳиссии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо роҳу равиши гуногун метавонад татбиқи амал гардад. Одатан тоифаи бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта мушкилоти ҳиссии худро метавонанд тавассути василаҳои гуногун: асбобҳои шунавоӣ, намоишӣ, айнакҳои махсус, воситаҳои техникӣ, маводҳои аниматсионӣ ва ҳоказо барои суҳбат, муошират, муомила,

муносибат, робита бартараф намоянд. Таҷриба собит месозад, ки бачагон бо хоҳиши тамом намудҳои гуногуни расонаи иҷтиморо қабул ва дарк менамоянд.

Проблемаи ҷиддӣ ва масъалаи ҳалталаб таҳияи барномаҳои махсуси таълим барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад. Аз ҷумла, барномаҳое бояд таҳия гардад, ки мазмун, мундариҷа ва ҳаҷми маводи омӯзишӣ мӯҷаз, мухтасар ва ҳамзамон дастрас бошад. Дар илми педагогика ва методика мафҳуми "интихоби илмии маводи таълим" мавҷуд аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои таҳсил мухтасар кардани маълумотҳои заруриро тақозо мекунад, то хонанда онро бе душворӣ азхуд кунад.

Чунин усули пешниҳоди маводди таълим ба бачагону кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва талаботи махсусдошта бағоят муҳим аст, зеро аксари онҳо на ба ҳамаи дарсҳо иштирок мекунанд ва на ҳамаи мавзӯҳои пешниҳодшударо азхуд карда метавонанд. Чизи аз ҳама муҳим - ба таҳсил фаро гирифта шудани кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд буда, принсипи умумибашарии "Таҳсил барои ҳама" (Образование для всех) татбиқи амалии худро пайдо мекунад ва кӯдакону бачагони дилшикастаро аз вазъи танҳоӣ, ноумедӣ ва фикру хаёлҳои ғамовар озод мегардонад.

Яке аз роҳҳои ба мақсад мувофиқ ва ҳамзамон бамантиқ кам кардани маълумот ва иттилооти таълимӣ барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аст. Табиист, ки онҳо аз уҳдаи иҷрои супоришҳои вазнин бо сабаҳои гуногун баромада наметавонанд. Аз онҳо талаб мегардад, ки қисме аз супоришоти додашударо ба иҷро расонанд ва муҳим, ки ба мазмуну муҳтавои он сарфаҳм раванд.

Мушкилоти дигари назаррас такмили роҳу равиши идоракунии мактаб (тайёр кардани он ба раванди таҳсилоти фарогир) маҳсуб меёбад. Мактаб низ дар ин росто масъулияти калонро ба уҳда мегирад. Аз ҷумла, дар таъмини сифати таълим, ҳамкорӣ бо волидон, ҷомеа,

назорати фаъолияти омӯзгор дар самти таъмини ҳамкории педагогии омӯзгор ва толибилм (хонанда), муҳити солими таълим ва ҳоказо. Аз мушоҳидаҳо яқин гардид, ки мушкилоти аз ҳама назаррас мавҷуд набудани омодагии комил ва касбии омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир мебошад.

Алъон мо бобати норасоиҳо дар бахши кофӣ набудани василаҳои таълим, таҷҳизоти зарурӣ, методикаи таълими фарогир, бетафовут будани бархе аз устодон дар самти кор бо бачагони дорои талаботи махсус ба таҳсил зиёд намегӯем. “Он чо, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест”. Аммо таъкид ба маврид аст, ки барои омода намудани муассисаҳои таълимӣ ба таҳсилоти фарогир чи дар шакли идоракунӣ ва чи мазмуну тартибу низом аз доираи масъалаҳоест, ки масъулияти умумро дар ҳалли мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда тақозо мекунад.

Чораҳое, ки андешида мешаванд, осмонӣ нестанд. Фақат кӯшишу рағбат, ҳиммату азамат лозим аст, ки ҷустуҷӯ, дарёфти воситаю захираҳоро дар ташкили таҳсилоти фарогир, ба омӯзиш ва донишу малака ҷалб кардани бачагону кӯдакони дорои талаботи махсус ва имкониятҳои маҳдуд фароҳам меорад. Унсури дигари муҳим - таъмини фазои дастрас ва муҳити солими таълим аст, ки он дар шароити робитаҳои хайрхоҳона, дӯстона ва беғараз роҳандозӣ мегардад ва баробарҳуқуқии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро тақвият мебахшад.

Ҳини таҳқиқоти мазкур мо аз таҷрибаи якчанд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии Панҷакент дидан кардем. Аз ҷумла, дар мактабҳои қаламрави Панҷакент тибқи маълумоти оморӣ миқдори кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, маъюбӣ ва солимӣ 82 ададро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 50 нафар маъюб, 6 нафар нобино, 9 нафар ношунаво, 19 нафар дорои иллатҳои гуногуни зеҳнӣ, маърифатӣ ва равонӣ мебошанд. Бино бар гуфтаи мутасаддиёни идораи тандурустии шаҳри Панҷакент тағйиротҳои

миқдорӣ ва сифатӣ тез-тез ба амал меоянд, зеро ҳар рӯз кӯдаке тавлид мешавад бо ин ё он иллат, дигаре аз олам мегузарад ва ё тамоман “хонагӣ ва бистарӣ” мешавад ва ҳоказо.

Аз ин миқдор теъдоди хеле ками кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва солимӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар ҷустуҷӯйи сабаб ва чароҳои гуногун бо бархе аз мутасаддиёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, волидон, собиқадорони меҳнат дар арсаи мактабу маориф суҳбат ва суолу ҷавоб доштем.

Яқин гардид, ки масъалаи таҳсилоти фарогир барои ҳамсуҳбатонам, хосса, волидон мавзӯи мушкил ва мавриди баҳсу мунозира мебошад. Баъзе аз волидон ба умқи масъала мерасиданд, бархе шунидан ҳам намехостанд (гӯё фарзандони дорои иллатҳои гуногун аз мактаб худро канор мегиранд, ё намехоҳанд, наметавонанд, шарм медоранд ва ҳоказо).

Ақидаи баъзе аз омӯзгорон шоистаи эътибор қарор гирифт, зеро онҳое, ки бо мо суҳбатҳои тӯлонӣ доштанд, қариб ҳама тарафдори ба таҳсил фаро гирифта шудани тоифаи кӯдакону наврасонанд ва чунин амали некро мӯҷиби хайру савоб ва эҳтироми олами бачагони ба таҳсил ниёздошта меҳисобанд.

Дар навбати худ афзудан мехоҳем, ки проблемаи дигари намоён доираи хеле пасти фаъолмандии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба дарсҳо, душвориҳои дарку фаҳмиш, баёни матлаб ва муошрати озод мебошад. Аз меъёр зиёд будани миқдори умумии хонандагони синфҳо низ барои ба таҳсил бемалол фаро гирифта шудани кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ садди роҳ мегардад. Омӯзгор наметавонад танҳо бо тоифаи хонандагони норасоидошта машғул гардад. Омили зикршуда зарурати дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кушодани гуруҳҳои махсусро бо ҳадафҳои ташкили босамари таҳсилоти фарогир ба миён мегузорад.

Дар марҳилаи кунунии рушди таҳсилоти миллӣ ва мавҷудияти стратегияи он дар давраи то соли 2030 таҳсилоти фарогир на танҳо таҳаввули низоми таълиму тарбия, инчунин тақвияти принсипҳои инклюзияро дар ҷомеа тақозо мекунад. Дар ин росто таҳсилоти фарогир ҷалби кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонию солимиро дар байни ҳамсолони солиму тавоно ва ҷамъият пешбинӣ менамояд. Бо чунин усулу тарзи пешбарии раванди таҳсилоти фарогир робитаҳои мутақобилаи хонандагон зуҳур ёфта, муносибати онҳо ҳангоми дарс, фаъолияти беруназдарсӣ, ҷараёни муошират ташаккул меёбад.

Муаммои дигаре, ки дар заминаи ҷалби бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта дар раванди таҳсилоти фарогир ба амал меояд, ҷанбаи ҳуқуқии масъала аст. Мусаллам аст, ки кулли бачагон хуқуқи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилотро доранд. Барои онҳо набояд монеа ва садди роҳ эҷод гардад. Ба ҷуз ин, ҳар як бача ҳуқуқи комили иҷтимоишавӣ ва рушдро дорад ва аз ин лиҳоз ӯ метавонад фаъолияти дарсхонӣ ва омӯзиширо бевосита дар иҳотаи ҳамсолони солими худ идома диҳад.

Вале проблема ва муаммо дар он аст, ки барои бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ ва ҷисмонӣ ҳадафҳои рушд ва иҷтимоишавӣ дар замина ва муҳити таҳсилоти фарогир бештар муҳим мебошад. Аммо татбиқи иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавии ашхоси ба таҳсил ниёздошта дар муҳити муштараки таҳсил мушкилоти худро нгиз долроад. Ба ҳам пайвастану дарки мафҳумҳои зикршуда мушкилоти зиёдро барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва солимӣ ба бор меорад.

Аз омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ ва нуқтаи назари мутахассисон чунин бармеояд, ки бунёди муҳити бемонеа маънои онро надорад, ки имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва солимӣ яку якбора бартараф мешуда бошад. Бартарӣ дар он аст, ки муҳити созгори таълиму омӯзиш

(бемонеа) барои комёб шудани бачагони имконияташон маҳдуд ба арзишҳои маърифатию фарҳангӣ ва ҳарчи бештар ва зиёдтар иҷтимоишавию рушди инфиродии бачагони дорои талаботи махсус ба таҳсил шароити мусоид фароҳам меорад.

Дар боло зикри бархе аз мушкилот ва душвориҳои ташкили таҳсилоти фарогирро гуфта гузаштем. Дар баробари мавҷудияти мушкилоту муаммоҳо роҳу ҳамчунин усулҳои босамари дарёфти низоми чандир мавҷуд аст, ки пайваста мутобиқшавии ҷараёни таҳсилоти фарогирро дар шароити кунунии соҳаи маориф танзим ва мураттаб месозад. Дар ин росто шиори пешқадами “Бачагон ба таҳсил баробар бояд фаро гирифта шаванд” пойдор ва устувор мемонад.

Таҷрибаи омӯзиш ва таҳлили вазъи роҳандозии таҳсилоти фарогир проблемаҳои дигарро низ ба маърази муҳокима мегузорад, ки он, мутаассифона, бештар ҳалли зоҳирии масъалаҳоро пайгирӣ менамояд. Яъне таваҷҷуҳ бештар ба ҷанбаҳои моддӣ-техникӣ, тиббӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ равона гардида, асосҳои назариявӣ ва педагогии ташкили таҳсилоти фарогир вазифаи дуюмдараҷа шуда мемонад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи инҷониб мутобиқсозии шаклу мазмуни фаъолияти педагогӣ меҳвари асосии раванди таҳсилоти фарогир бояд қарор ёбад.

Мазмун ва мундариҷаи таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ самти афзалноки ҷараёни таълиму омӯзиш буда, дар ин росто пажуҳиш ва таҳқиқотҳои илмӣ чи аз нигоҳи гузориши масъала ва чи аз назари дарёфти роҳу усулҳои самарабахш аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ташкили таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Дар бобат таҷрибаи пешқадам ва афкори педагогии солим шаҳодат медиҳад, ки таҳсили бачагони талаботи махсусдошта дар заминаи натиҷаҳои мусбӣ ва ниҳоӣ сурат гирифта, набояд саргармии маҳдудият ба имкониятҳои воқеии онҳо бошад.

Бачагони дорои камбудию норасоиҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ одатан зудранҷ, сернозунуз ва дилтанг мешаванд. Аз ин рӯ, асоси

амсилаи (модел) таҳсилоти фарогирро дарк ва пешниҳоди дақиқи захираҳои организми бачагон дар роҳи мутобиқшавии узвҳои зеҳнӣ ва ҳиссии онҳо ба шароити таълиму омӯзиш ташкил медиҳад. Ин захираҳо навъе аз қудрат ва тавоноии ба ҳам тавъам буда, бачагони солимро бо ашхоси ҳамсоли носолим ва дорои имкониятҳои маҳдуд наздик мегардонад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи ашхоси ба таҳсил фаро гирифташуда (ҳам солиму ҳам носолим) дар як фазои омӯзишу таълим қарор мегиранд ва ба рушди робитаю муносибатҳои тарафайн муваффақ мешаванд.

Масъалаи ба таҳсил ҷалб шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ ва ҷисмонӣ набояд проблемаи хеле муҳим ва мубрам – таваҷҷуҳ ба касбияти омӯзгоронро дар ҷараёни таълим сарфи назар гардонад. Маҳз фаъолияти васеъ ва доманадори омӯзгорону мураббиён мӯҷиби босифат ташкил кардани раванди таҳсилоти фарогир мебошад. Дар сурати паст будани сатҳи омодагии касбии ҳайати педагогии муассисаҳои таҳсилот дар роҳи расидан ба ҳадафҳои таҳсилоти фарогир, ба таълиму тарбия ҷалб кардани бачагони дорои имконоти маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимидошта монеаҳои ҷиддӣ ва мушкилоти назаррасро фароҳам меорад.

Омодагии омӯзгорон ба фаъолияти дарсдиҳӣ интихоби сифатҳои баланди касбӣ ва шахсии онҳоро барои татбиқи амал ва муваффақона иҷро намудани вазифаҳои мустақими касбӣ-педагогӣ тақозо мекунад. Қабл аз ҳам, омӯзгор бояд дар робита ба маҳорати кор бурдан бо бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта сифатҳои устувори психологӣ-равонӣ ва тарзи муошират ва муносибати ҳасана дошта бошад. Дар ин росто моҳияти омодагии амалии омӯзгор дар салоҳияти фаннӣ, коммуникативӣ, ташкили дарс ва маҳорати зоҳирии кулли амалҳои педагогии ӯ ба мушоҳида мерасад.

Ҷанбаи дигари муҳим ва ҳаётан заруру ногузир аз ҷониби омӯзгор ҳамаҷониба ҷуқур донистани хусусиятҳои инфиродии рушди бачагони

дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ мебошад. Маълумоти кофӣ доштан дар ин самт аз омилҳои таҳсили бомуваффақият ва иҷтимоишавии бачагони талаботи махсусдошта маҳсуб меёбад. “Албатта, омодагии назариявии омӯзгор шарти муҳимми ташкили самараноки таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилот аст, вале на ҳамаи онҳо қудрат ва тавоноии татбиқи донишҳои азхудшударо дар фаъолияти касбии хеш намоиш дода метавонанд. Аксаран воқеияти зерин дар ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд тарзи баён, усули дастрас кардани маводи таълимро ботинан қабул карда наметавонанд” [38, с. 112].

Чунин сурат гирифтани раванди таҳсил вазъи ногуворро ба амал меорад, зеро маҳз ба зиммаи омӯзгор таъмини муносибати мусбии бачагони имкониятҳои маҳдуд дошта нисбати ҳамсолони пешқадам ва солиму тавоно гузошта мешавад. Дар ҳолати мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ ва ё муносибати бетараф доштан нисбат ба таҳсили бачагони дорои талаботи махсус мушкилот ва душвориҳои мутобиқ шудани онҳоро ба ҷараёни таълиму омӯзиши якҷоя пайдо мегардад ва раванди омӯзишу парваришро вазнин мегардонад.

Суоли дигари проблемавӣ, ки ҳангоми таҳқиқот ба вуқӯъ омад, муайян кардани миқдори бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди махсусан ҷисмонӣ ва узвӣ мебошад. Чунончи, мутахассисон иддао доранд, ки дар як синф миқдори бачагони комилан ношунаво ва қисман ношунаво ду нафарӣ (дар маҷмӯъ чор нафар) бояд бошад. Суол мантиқист, зеро теъдоди зиёди чунин категорияи хонандагони норасоиҳои гуногундошта ба раванди таҳсили умумӣ (аз ҷумла, шунавоӣ, биноӣ, озодона ҳаракат карда натавонистан ва амсоли он) мушкилоти зиёдро эҷод мекунад.

Таҳқиқот собит кард, ки мушкилот ва муаммоҳо дар самти ташкили муваффақонаи таҳсилоти фарогир сабаҳои ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ дорад. Махсусан ташаккул ва омодагии психологии

ҳайати омӯзгорон нигаронии зиёд эҷод мекунад. Муҳаққиқони илми равоншиносӣ дар ин самти масъала ҳамеша ҳушдории ҷидди тақозо мекунанд. Аз ҷумла, дар таҳқиқотҳои С.В. Алёхина, М.Н.Алексеева, Е.Л. Агафонова, психологҳои ватанӣ Н.Ю.Муродова, Н.Абдурашитов ин нукта мушаххас ва равону мавзун баён ёфта, низоми омодагии психологии педагогҳо ба масъалаи инклюзия ва мақоми пешбарандаи омӯзгор дар рушди таҳсилоти фарогир муайян шудааст [5].

Дар таҳқиқоти Н.В.Кузьмина таҳлили мушкилот ва душвориҳои татбиқи таҳсилоти фарогир (инклюзия) ва барномаи омодагии педагогҳо дар ин самти ҳаётан муҳим ва бахайр пешниҳод шудааст, ки дар ташкили низоми таълим ва тарбияи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ, таҳияи дастуру китобҳои дарсӣ,тавсияҳои методӣ ёрии калони амалӣ мерасонад [74].

Дар робита ба андешаҳои ин олими рус вазифа аз он иборат аст, ки “омӯзгорро ба фаъолият дар муҳити таҳсилоти фарогир омода бояд кард. Аз ҷумла, зарур аст, ки ӯ истифодаи бемайлони воситаҳои техникиро роҳандозӣ карда тавонад, ба бачагони ба таълиму омӯзиш талаботи махсусдошта ҳам дониш дода тавонад ва ҳам фаъолияти амалиро ба танзим дарорад, дар онҳо фарҳанги иклюзивиро ташаккул диҳад ва беш аз ҳама қудрат ва ҳоҳиши комили дарсдиҳӣ ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро дошта бошад” [74, с. 62].

Чунин афзалиятҳои касбӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба баландшавии сифати дарсу таълим ва дастрасӣ ба натиҷаҳои дилхоҳи омӯзишу парвариши бачагони норасоиҳои гуногундошта муваффақ гардад. Омӯзгор бо ин тарзи кору фаъолият ҳавас ва мароқи касбии хешро афзун гардонида, ҳамзамон дар роҳи расидан ба рисолатҳои олии гуманистӣ, хайрхоҳӣ, дастгирӣ ва ёрӣ ба кӯдакону бачагони ба талаботи махсус ниёздошта қадамҳои устувор мегузорад.

Масъалаи дигаре, ки таҳқиқи он дар рисолаи мазкур ба миён омад, таъмини ҳамкории тарафайн ва робитаи педагогии омӯзгору талаба аст.

Чунин ибтикор ва ташаббуси нақиб ба иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ) дар раванди таҳсилоти фарогир таъсири муфид расонида, ба густариш ва рушди фаъолияти якҷояи ҳар ду ҷониб роҳи васеъ мекушояд. Афзудан мехоҳем, ки татбиқи амалии робитаи ҳасанаи байни омӯзгор ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки дар муҳити инклюзивӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, аз вазифаҳои хеле душвор ва муҳим маҳсуб ёфта, ҳадафи асосӣ қобилияти бартарафсозии монеаҳои коммуникативӣ мебошад.

Дар раванди таҳсилоти фарогир яке аз масъалаҳои душвор ба инобат гирифтани монеа, мамониат ва садди роҳи омӯзиш ва парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аст. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" вожаи **"садд"** чунин шарҳ ёфтааст: "*он чи ду чизро аз ҳам ҷудо мекунад; монеа, банд, ҳоил, девор, девора; садди роҳ - он чи пеши роҳро мегирад, монеаи роҳ"* [151, с.173].

Дар забони русӣ ҳам (С.И.Ожегов, Н.Ю.Шведова. Толковый словарь русского языка") омадааст: «**Барьер** - преграда, поставленная на пути; преграждение, препятствие на пути чего-либо» [105, с.37].

Дар адабиёти равоншиносӣ (психологӣ) мафҳуми "монеа" ҳамчун вазъ ва ҳолати руҳӣ шарҳ ёфта, номутаносибии фаъолияти инсонро дар лаҳзаҳои гуногун намоён мекунад ва барои расидан ба ҳадаф садди роҳ мегардад [117].

Дар маҷмӯъ ва ба маънои умумӣ монеаи коммуникативӣ садди роҳи азхудшудани иттилооти зарури таълимӣ аз ҷониби омӯзгор ба бачагони талаботи махсусдошта гардида, дар ҳолати ба мақсад нарасидани ҷонибҳо маълумот ва дониш беҳосил мемонад. Иттилоот ҳадафи худро ба иҷро намерасонад, дарс бе натиҷа ба анҷом мерасад. Аксаран чунин ҳолат бо сабабҳои ба изтироб мондани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, камбудиҳои касбӣ-педагогии омӯзгор, нодуруст дарк кардани супориши омӯзгор аз ҷониби омӯзандагон, омода набудани бачагон ба маълумотҳои барояшони наву тоза рух медиҳад.

Таҳлили адабиёти илмӣ, таҷрибаи пешқадами афкори педагогӣ ва равоншиносӣ (психологӣ), мушоҳидаҳои муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқоти мазкур собит месозад, ки монеаҳои мавҷуда дар раванди таҳсилоти фарогир аз якчанд ҳолатҳои калидӣ вобастагӣ дорад. Аз ҷумла:

1. Хоҳиш тамом ва майлу рағбати комил надоштани бархе аз омӯзгорон ба таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ. Яке аз сабабҳои асосӣ дар он аст, ки дар раванди таҳсилоти фарогир ва мавҷудияти мушкилоту душвориҳои бартарафнашаванда, ҳолати эмотсионалӣ ва муносибати ғайрифаъоли ашхоси дорои норасоиҳои гуногун фаъолияти омӯзгорро ба маротиб зиёд мегардонад ва натиҷаҳои кори ӯро номаълум мегардонад. Яъне аллакай пешакӣ муносибати омӯзгор ба фаъолияти педагогӣ дар самти таҳсилоти фарогир дар заминаи надоштани таҷрибаи зарурӣ манфӣ эҳсос мешавад.

2. Изтироби табиӣ аз робита бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд. Сарфи назар аз он, ки шахсияти педагог ҳамчун нерӯи пешбарандаи муошират ва муносибат бо субъектҳои таълим арзёбӣ мегардад, ҳануз дар давраи омодагии омӯзгорони оянда дар низоми таҳсилоти олии касбӣ онҳо оид ба усули ташкили робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мавҷудияти душвориҳоро эҳсос мекунанд. Махсусан омӯзгорони ҷавон дар ҷараёни кор бо бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ ба монеаҳо ва мушкилот дучор мешаванд. Аз нуқтаи назари психологӣ ин ҳолат то марҳилаи муайяни соҳибтаҷриба шудани онҳо идома мекунад.

3. Ташаккул наёфтани худи робитаҳо дар раванди омодагии омӯзгори оянда ва таъсири манфии он ба фаъолияти педагогии ӯ. Чунин робитаҳо дар заминаи муносибати ҳамкории педагог ва хонанда бояд густариш ёбад, табояд “театри як актёр” бошад ва омӯзандагонро ба қабулу дарки дониш, маҳорат ва малакаю салоҳият раҳнамун созад.

4. Тарси омӯзгор аз хатоҳо ва камбудиҳои педагогӣ ва ҳисси масъулияти баланд дар таълими бачагони дорои имкоиятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ. Омӯзгорони ҷавонро хоса ҳисси масъулият ба изтироб мегузорад. Ба замми ин кофӣ набудани таҷрибаи педагогӣ дар самти таҳсилоти фарогир боз як омили муассири ба матлаб нарасидани онҳо мегардад.

5. Мавҷудияти тафовутҳои назаррас байни имкониятҳои бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта ва даъвою иддаҳои онҳо. Таҷриба собит месозад, ки аксар бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ бо сабабҳои гуногуни зудранҷӣ, инҷиқӣ бобати “комёбиҳои” хеш дар таҳсил ба муносибати ғайридилхоҳи онҳо ва омӯзгор оварда мерасонад. Хоҳу нохоҳ маълум аст, ки онҳо нисбати ҳамсолони пешсафи худ фарсаҳҳо дуранд ва ин ҳама гӯё аз таваҷҷуҳи андаки педагог ба ҷониби онҳост. Дар натиҷа эрод ва даъвоҳои ашхоси ба таҳсил талаботи махсусдошта нисбат ба фаъолияти педагогии омӯзгор баланд садо медиҳад ва педагогро ба ҳолати ногувор мегузорад.

6. Монеаи дигари ба чашм намоён сатҳи маҳдуди бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ ба дарк ва фаҳмиши маълумот ва иттилоот оид ба мавзуи дарс мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, иттилоот ба фаҳмиши ашхоси зеҳнан ташаккулнаёфта мувофиқ намеояд. Мешунаванду намефаҳманд, мебинанду сарфаҳм намераванд. Агар аз нигоҳи таълими фанҳои забономӯзӣ ҳарф занем (забони модарӣ, русӣ, хориҷӣ), равшан аён мегардад, ки ашхоси нуқсондошта дар роҳи дарк ва талаффузи овозҳо, маънии вожаю истилоҳот, гузориши зада, тарзи хониш (интонатсия), баёни фикр ва амсоли он ба мушкилоту душвориҳои зиёд дучор мешаванд. Маҳз ҳамин ҳолати қафомонии онҳо нисчбат ба ҳамсолони пешқадам онҳоро асабонӣ ва ба ташвиши сахт мегузорад.

Пас хулоса чист? Дар назари аввал чунин менамояд, ки гӯё замин сахту осмон баланд, вале таваҷҷуҳи омӯзгор ба дарёфти роҳу равиш ва тарзу усули

босамари таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ водор месозад, ки мушкилоту душвориҳои мавҷуда бартараф карда шаванд, ҳар як комёбии майдатарини бачагони нуқсондошта дар раванди таълиму омӯзиш истиқбол ва эътироф гардад.

Дар робита ба хулосаи иброзшуда нақли бисёр ҷолиби муҳаққиқи ватанӣ Азимҷон Байзоевро зарур мешуморем. Мавсуф ёддоштеро аз сафари хеш ба кишвари Япония, аз ҷумла, дар префектураи Осака, ки бобати таҳсилоти фарогир ба пешравиҳои назаррас ноил шудааст, ба қалам медиҳад. Иқтибосро айнан меоварем ва мутмаинем, ки он як навъ омӯзиши таҷрибаи хеле хуби ташкил ва татбиқи таҳсилоти фарогир мегардад. Инак:

“Дар ин ҷо (яъне Осакаи Япония) ҳамаи чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, то ки ҳамаи кӯдакон ҳамроҳи ҳамсолони худ дар синфҳои маъмулӣ таълим гиранд. Барои он ки ин ҷараёнро аз наздик мушоҳида намоем, барои мо ищтироки як нафар ҷавон як лексия-мубоҳиса ташкил карданд. Ин ҷавони тахминан 15-16 сола роҳ гашта наметавонад, дасту пояш кор намекунанд, ҳарф намезанад. Ба ҳамаи ҳодисаҳои муҳит ва саволҳои додашуда бо чашмак задан аксуламал нишон медиҳад: агар ба гуфтаи шумо розӣ бошад, чашмак мезанад, агар розӣ набошад, чашмонашро беҳаракат нигоҳ медорад. Ӯ хонандаи зинаи болоии миёнаи яке аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад.Ба дарсҳо бо кумаки модараш иштирок мекунад. Модар ба ӯ ҳар вазифаё мавзӯъро, кии омӯзгор дар тахтаи синф менависад, шифоҳӣ баён мекунад ва ё аз китоб нишон медиҳад, бори дигар мефаҳмонад ва вариантҳои гуногуниҷавобро пешниҳод мекунад. Ин корро ӯ то замоне идома медиҳад, ки ҷавон бо ишораи чашм ҷавоби дурустро интихоб кунад. Ин ҷавон дар чорабиниҳои мактабӣ, экскурсияҳо ва ҷамъомадҳои фароғатӣ бо ҳамсинфони худ иштирок мекунад. Дар бари ӯ ҳамеша яке аз волидон – модар ё падар қарор дорад, мутахассиси тиббӣ ва муҳаққиқон зуд-зуд аз ӯ хабар мегиранд” [8, с. 80].

Дар нақли зерин як ҳақиқати комил ва ибрати беназир зикр ёфтааст. Гап дар сари он аст, ки нисбат ба кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва солимӣ бетафовут набошем. Онҳо низ ҳуқуқи таҳсил ва омӯзишу парвариш доранд, аз ҷомеа дур шудан намехоҳанд, аммо аксаран изтироби ҳиссиёт ва равонӣ иродаи онҳоро заиф мегардонад, ноумедиро дар ҳаёт, зиндагӣ ва таҳсилу омӯзиш талқин месозад.

Аммо мисоли овардаи муҳаққиқи варзидаи соҳаи таҳсилоти фарогир шодравон Азимҷон Байзоев ҳақиқати бузурги ҳаётдӯстӣ, дар зиндагӣ суботкор будан, ба мақсад расиданро собит месозад. Ҷавони кишвари Япония бо он ҳама нотавониву норасоиҳои худ ёд медиҳад, ки умеди зиндагӣ, омӯхтану пеш рафтан омили бузурги ҳастии инсон бояд қарор гирад ва “...фарзанд, новобаста ба он ки дар кадом ҳолат қарор дорад, ҳамеша азиз аст ва бояд фарзанди худро дӯст дошта тавонем, барои хушбахтии ӯ ҳар чи аз дастамон ояд, дареғ надошта бошем” [8, с. 83].

Дар қисмати ниҳоии боби якуми диссертатсия ёдовар шудан мехоҳем:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ! (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ).

Хулосаи боби якум

Таҳқиқи масъала дар боби якуми диссертасия тазаккур медиҳад, ки таҳсилоти фарогир аз падидаҳои наву тозаи фазои таҳсилот дар Тоҷикистон маҳсуб ёфта, аз масъалаҳоест, ки таваҷҷӯҳи донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро беш аз пеш ба худ ҷалб мекунад. Таҳсилоти фарогир дар замони муосир қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлату ҳукмат дар низоми соҳаи маориф маҳсуб ёфта, ба таълиму парвариши кӯдакону бачагони талаботи махсусдошта равона мегардад. Татбиқи ин падидаи нави таҳсилот дар қисмати дахлдори

“Стратегияи миллии рушди маориф дар давраи то соли 2030 дар Тоҷикистон” [139] зикр ёфта, аз масъалаҳоест, ки донишмандон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва хонаводаҳоро дар ҷалб кардан ва фаро гирифтани ашхоси дорои имконоти маҳдуд ба таҳсил равона месозад.

Таҳсилоти фарогир чунин шиорро ба худ касб кардааст: “Таҳсил барои ҳама!”. Яъне таҳсил ба ҳама сарфи назар аз имкониятҳо, мушкилотҳо, маҳдудиятҳо ва тангии доираи дониш, ҷаҳонбинӣ, зеҳн, ақл, ҷисму ҳаракат ва амсоли он бояд дастраси умум бошад.

Ин нуктаи муҳим барои таъмини имкону ҳуқуқи баробар доштан ба таҳсил ва иҷтимоишавии кӯдакон ва бачагони носолим, қудраташон маҳдуду ноқис ва дорои талаботи махсус (маъюбӣ, камақлӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ, мушкилоти гап задан ва инкишофи руҳидошта) роҳи васеъ мекушояд.

Дар рисола дар робита ба мазмун ва моҳияти таҳсилоти фарогир моҳияти мафҳуми “инклюзия” мушаххас карда шуд. Пештар дар робита ба шарҳу эзоҳи конвенсияҳои байналмилалӣ истилоҳи мазкурро бо таҳсили бачагони маъюб алоқаманд медонистанд. Алъон “инклюзия” ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад.

Ҳангоми баррасии масъала маълум шуд, ки мафҳуми таҳсилоти фарогир ҳам моҳиятан ва ҳам аз нигоҳи вазифаю асолати хеш рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, ва рӯҳӣ мебошад. Вазифаи асосӣ дар ин самт - мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия маҳсуб меёбад.

Таҳсилоти фарогир кулли бачагону наврасони дорои айбу иллатҳои зеҳнӣ ва ҷисмониро (хоҳ модарзод ва хоҳ бо сабабҳои гуногуни

ҳодисаю рӯйдодҳои садамаю шикаст, тақдиру сарнавишт) барои доштани хуқуқи таҳсил эълом медорад. Онҳор аз ҷомеа дур мондан, ба назари эътибор нагирифтан, аз одаму олам ҷудо кардан ба принсипҳои умумибашарии инсондӯстӣ, инсонпарварӣ ва таҳаммулу ғамхорӣ мувофиқ намеояд.

Принсипҳои умдаи консепсияи таҳсилоти фарогир ҳуқуқи ҳар як шахс (кӯдакон, бачагон, наврасон, ҷавонон)-ро ба таҳсил ва омӯзишу парвариш таъкид ва муайян кардааст. Мувофиқи он ҳар кас қудрати дарку эҳсос ва қобилияти фикр карданро дорад ва ниёзу эҳтиёҷи ӯ ба омӯзиш ва рушд қобили дастгирӣ бояд гардад. Кӯдакону бачагон ва наврасону ҷавонони дорои имкониятҳои маҳдуд ва нотавон ба ҳамраъйӣ ва ҳамдилии ҷомеа ва атрофиён ниёзи калон доранд ва онҳори ҷузъи ҷудонашвандаи ҷамъият бояд эътироф кард. Мусаллам аст, ки татбиқи чунин рисолати парасторӣ ва ғамхории бачагону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълиму омӯзиш аз амалҳои накӯ ва хайрандеш маҳсуб ёфта, низми муназзаму босифати таҳсилоти фарогирро талқин ва тақвият мебахшад.

Идеологияи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба мавҷудияти ҳама гуна фарқият ва тафовут байни инсонҳо ташкил медиҳад. Муҳим он аст, ки барои бачагони дорои норасоиҳои дарку зеҳнӣ, узвҳои такягоҳӣ ва ҳаракат таъмини шарту шароитҳои махсуси таълиму таҳсил ба миён меояд. Албатта он аз шароите, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи афзалиятҳои комили ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, маърифатӣ-идрокӣ, ки ба хонандагони солиму тавоно фароҳам оварда шудааст, фарқ мекунад.

Таҳлили масъала ва мушоҳидаҳо дар рафти таҳқиқот нишон дод, ки яке аз проблемаи муҳимтарин - иҷтимоишавии кудакони дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳӣ мебошад. Онҳо ба низоми танҳо нишастан, машғул шудан, омӯхтан, пурсидан ва амал кардан одат кардаанд. Шомил шудан ба ҷомеаи умумии таҳсилотро, ки аз

имкониятҳои зеҳнӣ, ақлӣ, ҷисмонӣ бартар мебошанд, барояшон қобили қабул ва ризоият нест. Онҳо дар ҷомеаи мактабиён ва онҳое, ки ҳамарӯза ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, худро кӯчак ва қафомонда эҳсос мекунанд.

Таҷриба нишон дод, ки ҳар қадар воридшавии бачагони талаботи махсусдошта ба раванди таҳсилоти умумӣ, иштирок дар чорабиниҳои мухталифи тарбиявӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, саёҳату экскурсияҳо пайваста ва муттасил гардад, ҳамон қадар ташаккули зеҳнӣ, маърифатӣ ва имкониятҳои ҷисмонии онҳо пойдору устувор шуда, дар роҳи фаъолона омӯхтану амал кардан роҳи васеъ мекушояд.

Таҳсилоти фарогир роҳи оқилона ва одилонаи ба таҳсил фаро гирифта шудани кӯдакону бачагони ноқисиҳои гуногундошта дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Аҳаммияти башардӯстона ва инсондӯстона доштани ин иқдомро бо якчанд сухан адо кардан имконнопазир аст, зеро ба ифодаи Саъдии Шерозӣ “Банӣ одам аъзои якдигаранд” ва “Дар офариниш зи як гавҳаранд”.

Кулли инсонҳо, махсусан, кӯдаконро аз ҳам ҷудо кардан, аз мадди назар дур гузоштан, ба тақдири онҳо бетафовут мондан салоҳ нест. Ба ин табақаи аъзои ҷомеа вазифадорем дасти мадад, ёрӣ, ғамхорӣ ва парастириро дареғ надорем, то онҳо низ баробари бачагони солиму тавоно таҳсил кунанд, парвариш ва рушд ёбанд. Кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд узви ҷомеанд, қудрату тавоноии муайянро доранд, метавонанд омӯзанд, ёд гиранд ва мисли ҳамсолони худ дар рушди салоҳиятҳои худ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар боби якуми рисола сухан инчунин оид ба вазъи кунунии рушди низоми таҳсилоти фарогир ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меравад. Таҳқиқот нишон дод, ки дар ин самт ҳам пешравӣ ва ҳам душвориҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо ногузир буда, ба татбиқи Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Монеаҳои асосӣ дар татбиқи таҳсилоти фарогир гуногунанд. Аз ҷумла, норасоии мутахассисони босалоҳият, омӯзгорони омодаи фаъолият дар самти таҳсилоти фарогир, муносибати на ҳамеша ботадбир ва андешамандонаи волидон, маблағгузории номутаносиб ва ноқисиҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна, номукаммалии қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, монеаҳои ҷамъиятӣ дар шакли боварию эътимод нисбат ба бачагону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва қудрату тавоноӣ.

Яке аз проблемаҳои ҷиддӣ ва ҳалталаб таҳияи барномаҳои махсуси таълим барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад. Барномаҳое бояд таҳия гардад, ки мазмун, мундариҷа ва ҳаҷми маводи омӯзишӣ мӯъҷаз, мухтасар ва ҳамзамон дастрас бошад. Дар ин маврид илми педагогика ва методика мафҳуми “интихоби илмии маводи таълим”-ро пеш андохтаанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои таҳсил асоснок интихоб кардани маълумотҳои заруриро тақозо мекунад, то бачагони дорои имкноятҳои маҳдуд онро бе душворӣ азхуд карда тавонанд.

БОБИ 2. МУҲИТИ ИНКЛЮЗИВӢ – ШАРОИТИ МУТОБИҚИ ТАЪМИН ВА ТАТБИҚИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ВА ИҶТИМОИШАВИИ БАЧАГОНИ ДОРОИ ИМКОНИЯТҲОИ МАҲДУД ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

2.1. Таҳсилоти фарогир масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ

Фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир ҳамчун василаи иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин иқдом ва ташаббуси хайрандеш аст. Зиёда аз ин, таъсиси мақсадноки муҳити таҳсилоти фарогир қадами устувор ба ҷониби арзишҳои умумиинсонӣ ва умумибашарӣ буда, ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи кӯдакон ва ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуди ниёз ба таҳсили махсусдошта мусоидат мекунад.

Боиси нигаронӣ аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин масъала то ҳол вокуниш ва нигаронии ҷиддиро ба миён нагузоштааст. Мактабҳо барои қабули бачагони дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонӣ ва иллатхои гуногуни ношунавоӣ, нобиноӣ ва амсоли он омода нестанд. Падар ва модарон низ ба таҳсили фарзандони дорои иллатҳои солимӣ чандон таваҷҷуҳ ва эътибор зоҳир намекунанд. Бачагони дорои нуқсонхо низ худро ба канор мегиранд ва ҳамрохи ҳамсолони худ таҳсил карданро барояшон муносиб намебинанд. Шарм медоранд, ки дониши дуруст надоранд, аз хамсолони худ дар таълиму омӯзиш хеле қафо мондаанд.

Фаромӯш набояд кард, ки онҳо низ ҷузъи ҷомеа мебошанд, ба таҳсил ва таълим ҳуқуқи комил доранд ва мувофики меъёрхои байналмиллалӣ таҳсилот барояшон муҳайё бошад. Аз ин лихоз, тасмим гирифтем, ки андешаҳои хешро дар заминаи таҷрибаи пешқадам, афкору пиндори донишмандони соҳа, таҳлил ва мушоҳидаҳои шахсӣ дар доираи

чӣ тавр ташкил кардани муҳити таҳсилоти фарогир пешниҳод карда бошем.

Аслан ва воқеан гузориши масъала аз масъалаҳои калидии рушди низоми маорифи ватанӣ дар замони муосир аст, зеро таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки ҳам иҷтимоӣ, ҳам фарҳангӣ, ҳам ҳуқуқӣ ва ҳатто рукни таркибии дид ва нигоҳи ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои марбут ба ташкили муҳити таҳсилоти фарогир, ҳалли масъалаҳо дар робита ба имкониятҳои фаровони мавҷуда бояд матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардад.

Қаблан ба моҳияти гузориши масъала - таҳсилоти фарогир ва ташкили муҳити созгори таълимӣ ва омӯзишӣ дар татбиқи амалии ин падидаи тоза назар меандозем. Дар замони муосир ҷомеаи инсонӣ дар назди муассисаҳои тахсилот вазифаҳои мазмунан ва миқёсан амиқу фарохро мегузорад. Сухан аз боби таъмини сатҳи баланди таҳсилоти босифат, муносибати босалоҳият ба таълим, дарки бошууронаи фанҳои омӯзишӣ дар муҳити мактаб меравад. Хоса дастрасии баробарҳуқуқи таҳсил барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, махсусан, ба кӯдакон ва бачагони ниёзманд, ки ёрӣ, дастгирӣ ва мададро дар таълим ва омӯзишу парвариш орзу доранд.

Иҷрои матлаб ва вазифаҳои матраҳшуда дар сурате имконпазир мегардад, ки агар муҳити созгор ва бемамонати таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил гардида, раванди таҳсил барои бачагони ба таҳсил ниёз ва талаботи махсусдошта дар вазъи таъмини шароити мувофиқ татбиқи амал ёбад.

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ, таҳлил ва омӯзиши афкори муҳаққиқон, мутахассисон ва дастандаркон моро ба тақвияти чунин фикри сареҳ ва возеҳу равшан ҳидоят месозад: таҳсили фарогир (инклюзия) аз падидаҳои стратегии навин ва бемайлони таҳсилу таълими

махсус маҳсуб меёбад. Инклюзия шоҳроҳи умед ва ормонҳо барои кӯдакону бачагоне, ки худро дар ҳалқаи ҳамсолон ва ҳамсабақони хеш дар омӯзишу парвариш дидан ва пайвастан мехоҳанд. Онҳо низ мактабхон шудан, ба мактаб рафтан ва таҳсил карданро дар дил мепарваранд.

Агар пайваставшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро ба синфхонаҳои умумӣ қадами аввал шуморем, дар дурнамои наздик таъсиси синфхонаҳои махсуси инклюзивӣ аз вазифаҳои ногузири соҳаи мактабу маориф маҳсуб меёбад. Дар ин гуна синфхонаҳои махсус гуруҳи бачагони талаботи махсус ба таҳсилдоштаро ҷамъ карда, ба онҳо имкони таълим гирифтан, парвариш ёфтан ва омӯхтани фанҳои мактабиро фароҳам овардан аз вазифаҳои асосӣ ва мақсадноки таҳсилоти фарогир мебошад. Яъне ҳам таълим, ҳам омӯзиш, ҳам парвариш ва ҳам муҳити озоди муошират ва муносибат бо ҳам.

Асоси таҳсилоти фарогирро ғоя ва идеологияе дарбар мегирад, ки дар он ҳама гуна унсурҳои поймолгардии ҳуқуқ аз байн бардошта шуда, муносибати баробар ва шароити мусоид ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилдошта фароҳам оварда мешавад. Яъне таҳсилоти фарогир раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, дастрас будани таълиму таҳсилро барои ҳама, сарфи назар аз нуқсонҳо, иллатҳо, камбудиҳо, норасоиҳо ва имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ таъмин месозад. Муҳим он аст, ки макони таҳсил дар ҳудуди ҷойи истиқомати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил ба вуқӯъ пайвандад, то ки рафтуомад, мутобиқшавӣ ва инкишофи онҳо дар доираи муҳити созгори таълим ва тарбия роҳандозӣ гардад.

“Дар чаҳорчӯбаи амсилаи иҷтимоӣ одамони маъюб низ одаманд, лекин онҳо аз сабаби монеаҳои гуногуне, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, инчунин аз сабаби хурофоту қолабҳо маъюб шудаанд. Амсилаи иҷтимоӣ баробарҳуқуқии ҳамаи кӯдакон, ҳангоми таҳсил ба ҳамаи кӯдакон

додани имконияти баробарро тарғиб мекунад, бинобар ин барои бартараф намудани монеаҳо мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ бояд фаъолияти худро тавре ба роҳ монанд, ки ҳамаи одамон, сарфи назар аз вазъи саломатиашон, ҳуқуқу имкониятҳои баробар дошта бошанд. Амсилаи иҷтимоии фаҳмиши маъюбӣ алтернативаи амсилаи тиббие гардид, ки пеш аз ҳама ба ислоҳ намудани нуқсонҳои инкишофи одамони дорои иллатҳои ҷисмонию рӯҳӣ ё дорои эҳтиёҷоти махсус равона гардидааст" [1, с. 19].

Дар замони муосир, чуноне ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳар гоҳ вақте сухан бобати таҳсилоти фарогир меравад, худи мафҳуми "инклюзия" ва "таҳсилоти инклюзивӣ" ба вуҷуд омадани таҳаввулро дар шуури ҷомеа падидор мегардонад. Дар ин росто лозим медонем, ки моҳияти низоми таҳсилоти фарогир ва таҳсилоти муқаррарӣ-анъанавӣ дар заминаи муқоиса, бартарият ва мушкилоту муаммоҳои мавҷуда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирад.

Чунончи, таҳсилоти анъанавӣ-муқаррарӣ бо хонандагони солим, муваффақ, пешрав ва инчунин миёнахон сару кор дорад ва онҳо ба талаботи барномаи ягонаи таълим мутобиқ гардида, аз ҷониби омӯзгор ба дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян соҳиб мешаванд.

Дар муқоиса бо шакли анъанавӣ ва муқаррарӣ таҳсилоти фарогир моҳиятан ҷиҳатҳои фарқкунанда дошта, дар муҳити синфхонаҳои мактабӣ бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта мегузарад. Дар чунин ҳолат муҳити мактаб ва синфхона ба ниёзҳо ва талаботҳои хонандагони нуқсонҳои гуногундошта ба хотири дастгирӣ ва дастрасии таҳсил мутобиқ гардонда мешавад.

Як фарқияти назаррас дар муносибат ба хонанда ба чашм мерасад. Чунончи, дар низоми анъанавии таҳсил хонанда ба стандартҳои синфхона бояд мувофиқ бошад, дар муҳити таҳсилоти фарогир барнома ва шароитҳои таҳсил ба талаботи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мувофиқ карда мешавад.

Ҷиҳати дигари фарқкунанда дар он аст, ки синфҳои анъанавӣ мувофиқи принсипи “меъёри муқарраршуда” таъсис меёбанд, вале дар синфҳои инклюзивӣ бачагоне ҷамъ мегарданд, ки норасоиҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ, забонӣ ва равонӣ доранд. Агар дар низоми таҳсилоти анъанавӣ омӯзгор ирсолкунандаи дониш бошад, дар муҳити таҳсилоти фарогир ӯ фасилитатор, яъне ашхоси ёрирасон ва мутахассис - идоракунандаи раванди таълиму тадрис маҳсуб меёбад. Бино бар ақидаи як зумра муҳаққиқон ва дастандаркорон таҳсилоти фарогир ба иҷтомоишавӣ, рушди мустақили фаъолмандӣ ва пешравии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳ мекушояд ва мусоидат мекунад.

Муҳаққиқи ватанӣ Абдурашитов Н. таъкид мекунад: “Муассисаҳои таҳсилотии ҳозира чун анъана, ниҳоди махсуси иҷтимоӣ буда, барои таълиму тарбияи насли наврас ташкил гардидааст. Муассисаҳои таълимӣ дар даврaҳои муайяни таърихӣ вазифаи инкишофдиҳии иҷтимоии наврасонро иҷро менамуд, имрӯз, бо баъзе сабабҳои объективӣ, хусусан раванди татбиқи ислоҳот дар соҳаи маориф: амалишавии сиёсати таҳсилоти фарогир ва ҷорӣ намудани низоми нави арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим ва ғ. ба мушкилоти гуногур дучор мегарданд” [2, с. 206].

Дар сурати самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир тағйири муносибат ба таълиму омӯзиш беш аз пеш ба амал омада, натиҷаҳо, раванди ташаккул ва рушди зеҳнӣ-маърифатии бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта баръало беҳ ва намоён мегардад. Дар чунин вазъ ҳама бурд мекунанд: ҳам бачагони дорои камбудӣ ва нуқсонҳои гуногун, ҳам ҳамсолони мактабхон, ҳам волидон ва ҳам ҷомеа.

Алъон дар кулли кишварҳои мутараққӣ ва пешрави дунё дар соҳаи мактаб ва маориф иқдом ва ташаббуси тоза таҳти унвони “Мактаби нав – мактаб барои ҳама” пеш гирифта шудааст. Ҳадафи асосии чунин мактабҳои шаклан ва мазмунан нав татбиқи амал ёфтани иҷтимоишавии

бомуваффақи хонандагон ва хоса бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ (маъюбон, ятимон, бепарасторон ва ҳоказо) мебошад. Дар чунин намуди мактабҳои замонавӣ синну соли хонандагон, вазъи иҷтимоии онҳо, хусусиятҳои инфиродӣ-равонӣ ва ташкили таълиму тадрис дар зинаҳои гуногуни таҳсил (ибтидоӣ, асосӣ ва синфҳои болоӣ) ба назари эътибор гирифта мешавад.

Бино бар ақидаи муҳаққиқи ватанӣ, шодравон Азимҷон Байзоев: “Дар айни замон инклюзия ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад. Ҳамчунин гоҳо истилоҳоти “бачагони рушдашон халалдоршуда” (дети с нарушениями в развитии), “бачагони қафомонда”, “бачагони мушкилтарбия” ва ғайра низ истифода мешавад. Вақтҳои охир истилоҳи “бачагони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ” низ маъмул гардидааст” [7, с. 133].

Воқеан, қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳким ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи ҳуқуқи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсил нақши бориз дорад. Татбиқи амалии Консепсия имкон медиҳад, ки бачагони ниёз ва талаботи махсус ба таҳсилдошта бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи ин иқдоми наҷиб ва хайрандеш натанҳо аз падару модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат масъулияти зиёд ва таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад.

Ин маврид бори дигар ба масъалаи асосӣ – истилоҳоте, ки дар робита ба таҳсилоти фарогир истифода мешавад, таваҷҷуҳ мефармоем, зеро ҳангоми муайян намудани гурӯҳи бачагоне, ки ба таҳсилоти фарогир ниёз доранд, истилоҳоти ҳархела ва гуногун истифода мешавад. “Маъмултарини онҳо истилоҳи “шахсони имкониятҳояшон маҳдуд” аст.

Вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истилоҳоти “кӯдакони имконияташон маҳдуд”, “бачагони имконияташон маҳдуд”, хонандагони имконияташон маҳдуд” низ истифода мешавад.

“Раванди ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир айни замон бо баъзе мушкилоту проблемаҳои характери амалидошта дучор меояд ва барои бартараф намудани саривақтии онҳо бояд қарорҳои дахлдор дар сатҳи вазорату идораҳои дахлдор қабул карда шаванд. Масалан, яке аз проблемаҳои асосӣ нокифоягии матахассисон (психолог, дефектолог, сурдопедагог ва ғ.), инчунин камтаҷрибагии омӯзгороне, ко бо КТМ кор мекунанд. Мутаассифона, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хусусан дар ноҳияҳои дурдасти кишвар ҳамоно шароит, ҳолати пояи моддӣ-техникӣ баҳри амалигардонии гузариш ба низоми таҳсилоти фарогир чандон хуб нест. Чунончи, таҷҳизот барои ҳаракати мустақилона хонандагони маъюб дар ҳудуди муассиа, устохонаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, объектҳои варзишӣ барои маъюбон мавҷуд набуда, барои ҷалби муваффақонаи КТМ ба раванди таълим имкон намедиҳаид. На дар ҳамаи МТМУ ҳуҷҷатгузорӣ мувофиқи талабот ташкил гардидааст. Мушкилоти ҷиддӣ дар он аст, аксарият намояндагони раёсату шуъбаҳои маориф дар бораи сиёсати таҳсилоти фарогир та талаботи татбиқи он маълумоти кофӣ надоранд ва баъзеашон доштан ҳам намехоҳанд” [2, с. 210].

Дар замони муосир ҷомеаи инсонӣ дар назди муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ вазифаҳои мазмунан ва миқёсан амиқу фарохро мегузорад. Пеш аз ҳама, сухан аз боби ташкил ва таъмини сатҳи баланди таҳсилоти босифат, муносибати босалоҳият ба таълим, дарки бошууронаи фанҳои омӯзишӣ дар муҳити мактаб меравад. Хоса, дастрасии баробарҳуқуқи таҳсил барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, махсусан, ба кӯдакон ва бачагони дорои ниёз ба таҳсилоти махсус, ки ёрӣ, дастгирӣ ва мададро дар таълим ва омӯзишу парвариш дар дил мепарваранд.

Иҷрои матлаб ва вазифаҳои матраҳшуда дар сурате имконпазир мегардад, ки агар муҳити созгор ва бемамонати таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардида, раванди таҳсил барои бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта дар вазъи фароҳам овардани шароити мусоид ва мувофиқ татбиқи амал ёбад.

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ, таҳлил ва омӯзиши афкори муҳаққиқон, мутахассисон ва дастандаркон моро ба тақвияти чунин фикри сареҳ ва возеҳу равшан ҳидоят месозад: таҳсили фарогир (инклюзия) аз падидаҳои стратегии навин ва бемайлони таҳсилу таълими махсус маҳсуб меёбад. Инклюзия шоҳроҳи умед ва ормонҳо барои кӯдакону бачагоне, ки худро дар ҳалқаи ҳамсолон ва ҳамсабақони хеш дар омӯзишу парвариш дидан ва пайвастан мехоҳанд. Онҳо низ мактабхон шудан, ба мактаб рафтан ва таҳсил карданро дар дил мепарваранд.

Таҷрибаи суҳбат бо ин қабил бачагон ва волидони онҳо собит месозад, ки шавқу рағбати бештарини онҳо дар муошират ва робита бо ҳамсолону омӯзгорон ба чашм мерасад. Воқеан, худи моҳияти таҳсилоти фарогир низ маҳз дар он аст, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсилдошта ба синфхонаҳои мактаб омадаю ба таълиму парвариш ва омӯзишу рушд мисли дигарон фаро гирифта шаванд.

Агар пайваставшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро ба синфхонаҳои умумӣ қадами аввал шуморем, дар навбати дигар таъсиси синфхонаҳои махсуси инклюзивӣ аз вазифаҳои ногузири соҳаи мактабу маориф маҳсуб меёбад. Дар ин гуна синфхонаҳои махсус таълим ва парвариш ёфтан, омӯхтани фанҳои мактабӣ аз вазифаҳои асосӣ ва мақсадноки таҳсилоти фарогир мебошад. Яъне таъмини ҳам таълим, ҳам омӯзиш, ҳам парвариш ва ҳам муҳити озоди муошират ва муносибати муштарак.

Воқеан, асоси таҳсилоти фарогирро ғоя ва идеологияе дарбар мегирад, ки дар он ҳама гуна унсурҳои поймолгардии ҳуқуқ аз байн

бардошта шуда, муносибати баробар ва шароити мусоид ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилдошта фароҳам оварда мешавад. Яъне таҳсилоти фарогир раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, дастрас будани таълиму таҳсилро барои ҳама, сарфи назар аз нуқсонҳо, иллатҳо, камбудиҳо, норасоиҳо ва имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ таъмин месозад. Муҳим он аст, ки макони таҳсил дар ҳудуди ҷойи истиқомати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил ба вуқӯъ пайвандад, то ки рафтуомад, мутобиқшавӣ ва инкишофи онҳо дар доираи муҳити созгори таълим ва тарбия роҳандозӣ гардад.

Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегарад. Аз ҷумла:

- арзиши инсон сарфи назар аз қобилият ва дастоварҳои ӯ;

- ҳар як шахс тавони эҳсос ва фикр карданро дар ҳаҷм ва андозаи муайян доро аст;

- ҳар нафар ҳуқуқи муошират ва талқини фикру андешаи хешро дорад;

- кулли насли наврас эҳтиёҷ бо ҳам будан, таҳсил ва робита карданро доранд;

- таҳсилоти босифат (аслӣ ва ҳақиқӣ) танҳо дар заминаи густариши ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила татбиқи амал меёбад;

- кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки табиатан дили ҳассос ва нозук доранд, муҳити созгори иҷтимоӣ ва пайравиро хуш истиқбол мекунанд;

- барои бачагони дорои нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонию солимӣ ҳатто камтарин пешравӣ ва дастовард дар таълиму омӯзиш мӯҷиби дилбастагӣ ва майлу рағбат (мотиватсия) мегардад.

Муҳаққиқи ватанӣ Г.Рустамова изхор медорад, ки “проблема ва муаммо дар он аст, ки барои бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди солимӣ ва ҷисмонӣ ҳадафҳои рушд ва иҷтимоишавӣ дар замина ва муҳити таҳсилоти фарогир бештар муҳим мебошад. Аммо татбиқи иҷтимоишавӣ ва мутобиқшавии ашхоси ба таҳсил ниёздошта дар муҳити муштараки таҳсил мушкилоти худро низ дорад. Ба ҳам пайвастану дарки мафҳумҳои зикршуда мушкилоти зиёдро барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва солимӣ ба бор меорад” [127, с.265].

Аз ин лиҳоз, тамоиз миёни бачагони солиму носолим, баиллату беиллат, бенуқсону бануқсон набояд чун унсури фарқкунанда ҳис гардад, балки ҳамчун воқеияти ҳаёт ва зиндагӣ тавассути дастгирӣ ва ҳамраъйӣ нисбат ба онҳо арзёбӣ гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф ва матлаби олии инсондӯстӣ фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму омӯзиш бо дарназардошти эҳтиёҷи инфиродии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд амали нек ва кори хайр пазируфта мешавад. Ғояи асосӣ - ҳам мутобиқ кардани онҳо ба мактаб ва ҳам омода шудани мактаб нисбат ба қабул ва таҳсили чунин афроди ҷомеа мебошад.

2.2. Таҳаввул дар фаъолияти мактаби даврони муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир

Қазияи дигари хеле муҳим, ки диққат ва таваҷҷуҳи моро беш аз пеш афзун мегардонад, масъалаи таҳаввул дар фаъолияти мактаби муосир ва шуури волидону ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир мебошад. Яъне сухан бобати фаъолият ва таваҷҷуҳи мактаби муосир нисбат ба ташкили раванди таълиму парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, солимӣ) меравад.

Масъалаи дигари нигаронӣ - таҳаввули шуур ва нигоҳи дилсӯзонаи волидон, атрофиён ва хоса ҷомеа нисбат ба афроди дорои талаботи махсус ба таҳсил, дар кадом вазъ қарор доштан ва то чи андоза ба воқеият ва ҳаллу фасл мувофиқ будани кор мебошад. Яқин аст, ки

доманаи масъала васеъ ва фарох буда, вазифаи мактаб, волидон ва ҷомеа ҷиддӣ ва ҳалталаб ба назар мерасад.

Вақте дар бораи таҳсилоти фарогир сухан меронем, матлаб танҳо дар тағйири барнома эҳсос намешавад, балки дар таҳаввули шуури волидон**,** муносибати мактаб дар фазои муосири таҳсилоти гуманистӣ ва тағйир ёфтани афкору ақида ва муносибати ҷомеа меравад. Ба таҳқиқи воқеии масъалаҳои зикршуда ба навбат истода мегузарем.

Нахуст андешаҳои хешро оид ба таҳаввул дар фаъолияти мактаби муосир дар робита ба таҳсилоти фарогир иброз менамоем. Мусаллам аст, ки мактаби муосир дар самти инклюзия фаъолияти амалии хешро барои ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо дарназардошти таъмини босифати таълиму тарбия равона мекунад. Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқони рус Малофеев Н.Н ва Шматко Н.Д. аст, ки мегӯянд: “Дар ин самти гуманистии раванди таълим муҳимтарин вазифа аз байн бардоштани унсурҳои халалрасон ва ташкили фазои бемайлони омӯзишу парвариш маҳсуб меёбад. Дар ин росто дар назди мактаб як силсила вазифаҳо мавҷуд аст, ки бояд ҳалли худро пайдо карда тавонад. Аз ҷумла, таҳияи барномаҳои инфиродии таълимӣ, омода кардани омӯзгорони самти таҳсилоти фарогир, ташкили муҳити педагогӣ-психологӣ, муносибати бурдборонаю ботаҳаммул ва амсоли он” [87, с.89].

Суоле бармеояд: оё мактаби муосир дар самти таҳсилоти фарогир омода аст? Кадом паҳлуҳои калидии масъаларо дар ташкили ин навъи таҳсилот, ки солҳои охир беш аз пеш таваҷҷуҳи ҷомеаи илмӣ-педагогӣ ва дастанадаркорони соҳаи мактаб ва маорифро ба худ ҷалб мекунад? Ба андешаи мо фаъолият дар ин ҷода чунин самтҳоро бояд дарбар гирифта бошад:

1. Таъсис ва ташкили инфрасохтори таҳсилоти фарогир, ки даставвал мавҷудияти синфхонаҳои махсуси дорои таҷҳизот ва маводди

зарурии таълимӣ, муҳити созгорро дар таълим ва парвариши бачагони имконияташон маҳдуд ба миён мегузорад.

2. Мутобиқ гардондани раванди таҳсилот бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродии ҳар як бачаи дорои имконияти маҳдуд, интихоби роҳу усулҳои пешқадами таълим дар асоси барномаи махсуси таҳсилоти фарогир.

3. Дастгирии педагогӣ ва психологии раванди таҳсилоти фарогир. Аз ҷумла, фаъолияти босамари омӯзгор, мураббӣ, равоншинос, логопед, дефектолог дар ҳамкорӣ бо бачагони ба таҳсилоти махсус ниёздошта.

4. Баланд бардоштани дараҷаи касбияти мутахассиси соҳаи таҳсилоти фарогир. Барои ин омӯзгоронро дар самти шиносоӣ бо роҳу усули таълими бачагони дорои имконияташон маҳдуд тайёр карда, ба ташаккули фарҳанги муошират ва ҳамкорӣ бо ин қабил хонандагони ҳассос ва зудранҷ муваффақ бояд шуд.

5. Иҷтимоишавӣ ва ташаккули фарҳанги инклюзивӣ. Масъалаи мазкур низ аз проблемаҳои асосии раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб ёфта, муносибати кулли иштирокчиёни раванди таълиму тарбияро дар раванди босифати таҳсилоти фарогир, пешгирӣ ва бартараф сохтани мушкилот ва муаммоҳои мавҷуда, аз байн бурдани муҳити ғайриқобил тақозо мекунад.

6. Ташкили мониторинги рушди бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар раванди таҳсилоти фарогир. Дар ин қисмати кору фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ногузирии ташкили мунтазами ташхис ва рушди инфиродии бачагони дорои имконияташон маҳдуд роҳандозӣ гардида, барои ислоҳи норасоиҳои раванди таълиму тадрис чораҳо андешида мешавад.

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки дар раванди таҳсилоти фарогир татбиқи амалии ғояи аз амсилаи “тафриқа” ба модели “фарогирӣ” ҳамчун масъалаи асосӣ ба амал меояд. Ин амсила дар таҷрибаи пешқадами аксар мамлакатҳои ҷаҳон дар тавассути модели

сегрегативӣ, ки моҳиятан таъсиси мактабҳои махсуси фарогирро дар назар дорад, амалӣ мегардад. Тамоюли ба таҳсилоти фарогир рӯ оаврдани мактаб ва ҷомеа хусусияти бузурги гуманистӣ-башардӯстӣ дорад, зеро ҳар як кӯдак, сарфи назар аз вазъи саломатӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он ҳуқуқи комили таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ дорад.

Матлаб ва хитоби таҳсилоти фарогир - мактаб ба талаботи хонанда мутобиқ мешавад, на баръакс. Дар ин раванд муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун воситаи босамар ва пуразиши фазои таҳсилот пазируфта мешавад. Ин принсипҳо дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, дар ЮНЕСКО ва Созмони Милали Муттаҳид таъкид шудаанд.

Дар робита ба масъалаи таҳаввул дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омодагии сохтор, раёсат ва ҳайати педагогии мактаб мақоми аввалиндараҷа пайдо мекунад. Махсусан, сатҳи инфрасохтори он аз воситаҳои муассири ташкили бонизоми таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти он, ки бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд ба кӯмак, мадад, дастгирӣ ва мавҷудияти шароити мусоиди таълиму омӯзиш ниёзи комил доранд, муассисаҳои таҳсилот бояд бо синфхонаҳои махсуси таълимӣ ва мутобиқшуда, воситаҳои техникӣ ва технологияҳои ёрирасон муҷаҳҳаз бояд бошанд.

Тарафи муҳимми масъалаи дигар роҳу усули таълим ва парвариши бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд мебошад. Ба нақша даровардан, таҳия кардан ва роҳандозӣ намудани мазмун ва мундариҷаи таълим, ташкили баланди сатҳи методии раванди таҳсилоти инклюзивӣ аз бозёфтҳои калидӣ дар раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Омӯзгори ботаҷриба табиат, хислат, имконият, руҳия ва нерӯи бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро ба назар гирифта, танҳо дар сурати ташкили мувофиқи таълиму тадрис ба муваффақият ноил мегардад.

Интихоби методҳои маъмул ва қобили қабул, амсоли таълими тафриқавӣ, ҳамгироӣ, муносибати инфиродӣ нисбат ба ҳар як хонандаи

муҳити инклюзивӣ, истифодаи усулҳои фаъоли технологияҳои муосири виртуалӣ (компютер, мултимедиа, интернет) дар вусъат ва нуфузи завқу шавқ ва майлу рағбати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳи васеъ мекушояд. Чунин тоифаи ба таҳсил талаботи махсусдошта муҳити бетабъиз, эҳтирому эътибор ва бовариро дӯст медоранд, муносибати худро нисбат ба омӯзишу парвариш беҳ ва хуб менамоянд.

Таҳқиқот қадам ба қадам андешаи моро дар таъмини муҳити созгори таҳсилоти фарогир қавӣ гардонида, ба чунин хулоса овард, ки барои шароити Тоҷикистон соҳаи инклюзия ҳамчун стратегияи олии иҷтимоӣ ва рушди сифати таҳсил бояд пазируфта гардад. Чунончи, самти иҷтимоии он раванди хеле одилона ва инсондӯстонаи баробарҳуқуқии афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ба маънои том мебошад (сарфи назар аз навъи мухталифи нуқсону иллатҳои ҷисмонӣ, руҳӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он).

Ногуфта намонад, ки “дастёб шудан ба таҳсили босифат баробари ҳамсолони хеш дар заминаи эҳтиром ва эътибору қадрияти ҳамсабақон нишонаи барҷастаи арзишҳои умумибашарӣ буда, соҳаи мактабу маорифро ба мисли муассисаи таҳсилоти гуманистӣ муаррифӣ мекунад. Он роҳи пуршарафи бартараф шудани монеаҳои сунъии ташкили таҳсилоти фарогир, нерӯи ташаккулбахши фарҳанги ҳамкорӣ байни мактаб, хонавода ва ҷомеа маҳсуб меёбад. Дар ин росто бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд беш аз пеш ба иҷтимоишавӣ роҳ меёбанд ва худро дар қатори ҳамсолони солиму пешрафта эҳсос мекунанд [87, с. 92].

Муҳаққиқони соҳаи таҳсилоти фарогир (инклюзия) моҳияти ин навъи таълими бачагони имконияташон маҳдудро дар гузариш аз як ҳолат ба ҳолати дигар, минҷумла, аз муолиҷаҳои пайваста ва аз ҷомеа ҷудо ба ҷониби мутобиқшавӣ ба муҳити таълим ва тарбия мебинанд. Яъне тағйири низоми таҳсил ва рӯ овардан ба фарогирии бачагони маъюбу маслуқ ва дорои ноқисиҳои зеҳнӣ, руҳӣ, равонӣ ба раванди таълиму тарбия мутобиқи ниёзҳои воқеии онҳо ба амал меояд.

Аз ҷумла, М.Аюбова ва А.Байзоев дар робита ба ин масъала чунин мешуморанд: “...ҳамгироӣ – ин амалӣ сохтани орзуии доимии инсоният оид ба ҷаҳони боадолат аст, ки дар он ҳеҷ як гуруҳи одамон аз гуруҳи дигар ҷудо нест ва манфиату талаботи ҳеҷ як гуруҳ аз ҷониби манфиату талаботи намояндагони дигар поймол намешавад. Тасаввур кардан мумкин аст, ки замоне чунин будааст ва метавон орзу кард, ки кӯшишу фаъолиятҳои аҳли ҷомеа моро боз ба он наздиктар месозад” [144, с. 29].

Замоне даррасид, ки таҳаввули афкори ҷомеаро бобати ба таҳсил фаро гирифта шудани бачагони дорои норасоиҳои гуногуни рушду нумӯъ тағъйир бояд дод. Дар замони шуравӣ сиёсати давлат ва ҳукумат чунин буд, ки ин тоифаи бачагони дорои нуқсонҳои гуногун ба интернатҳо фиристода мешуданд. Яъне, ба ном интернаткунонии онҳо ба амал меомад, ки он воқеан ҷудо кардани ин зумра бачагон аз ҷомеа ва дар муассисаҳои махсуси аз хонандагони мактабҳои миёна дур хондану омӯхтани онҳоро дар назар дошт.

Дар адабиёти илмии ватанӣ андешаҳои муҳаққиқон бобати таҳаввули шуури волидон дар доираи таҳсилоти фарогир гуногунранг аст. “Дар айни ҳол, таҳқиқоти тӯлонӣ собит намуданд, ки созгортарин (мусоидтарин) шароити рушд барои кӯдак, махсусан, барои кӯдаки дорои норасоиҳо оила аст. Ва баръакс, кӯдак ҳар қадар бештар дар интернат монад, имконияти аз он муҳит раҳо ёфта, ба ҷомеа пайвастан барояш ҳамон қадар мушкилтар мешавад” [144, с.30].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки адолати иҷтимоӣ ва рӯй овардани ҷомеа ба ниёзҳои бачаг они ба таҳсил талаботи махсусдошта аз риштаҳои ногусастаи пайванди насли навраси солим ва дорои бархе аз нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, руҳӣ ва равонӣ маҳсуб меёбад. Таъмини баробарҳуқуқии ин зумра бачагони дорои иллатҳо ва нуқсонҳои бидуни иродаи онҳо ба таҳсили умумӣ бояд ҳукми ҷамъиятӣ-давлатӣ дошта бошад. Нагузорад, ки онҳо ба қатори намояндагони ақаллиятҳо ва берун аз фазои таълиму тарбия, ба қавле, ба ихтиёри худ монда дохил гарданд.

Ба мактаб-интернатҳо шомил шудани ин гуна ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд хавфнопазир аст, вале вақте чунин бачагон дар хона “зиндонӣ” мешаванд ва ё ба кӯчаю бозор партофта мешаванд, ҳолатҳои ғайриинтизорӣ ва проблемавӣ ба вуҷуд меояд. Лозим мешавад, ки монеаҳои мавҷуда дар ин самт ҳатман бояд бартараф карда шуда, роҳи беҳтарин ва хубтарини ба таҳсилоти фарогир пайваст шудани тоифаи бачагони дорои нуқсонҳо интихоб гардад.

Аз таҳлил ва баррасии муҳаққиқони соҳаи таҳсилоти фарогир бармеояд, иҷтимоишвии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аз рисолатҳои волои ҷомеа мебошад. “Мазмун ва мундариҷаи кор дар самти иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд пеш аз ҳам аз мутобиқшавии ҷамъиятии онҳо иборат аст. Мактаб, волидон ва ҷомеа кӯмак ва ёрии бемайлони худро барои иҷтимоишавии онҳо набояд дареғ дошта бошад. Чунин тоифаи ашхоси ҳассос худро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа эҳсос карда бошанд, дар онҳо ташаккули хислатҳои таҳаммул ва сабру тамкин, тоқатпазирӣ бояд ташаккул дода шавад. Яъне ҷанбаи иҷтимоии таҳсилоти фарогир мӯҷиби таҳаввулоти муносибатҳои ҷамъиятӣ мегардад, ки дар он мактаб ҳамчун манбаи муттаҳидкунанда рӯйнамо мегардад ва дар таъмини баробарҳуқуқии ҳар як узви ҷамъият, дастгирӣ ва кӯмак саҳми арзанда мегузорад” [87, с. 98].

Хушбахтона, дар даҳ-понздаҳ соли охир сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ ба таҳсили бачагони дорои имконияташон маҳдуд куллан тағйир ёфта, ба ҳар чи бештар ҷалб шудани чунин ашхоси ҷомеа ба таҳсили умумӣ таваҷҷуҳи махсус ба чашм мерасад. Ин масъала, махсусан, дар ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба фароҳам овардани шароити ягонаи таълиму тарбия, ислоҳи норасоиҳои мавҷудаи зеҳнӣ, ҷисмонӣ, равонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаи тиб, мутобиқшавии иҷтимоӣ дар заминаи ташаккули муҳити имконпазири донишандӯзӣ, сабақбардорӣ ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷомеа собит мегардад.

Чунин ба назар мерасад, ки таҳаввули фаъолияти мактаб, шуури аҳли хонавода ва ҷомеа бо дарназардошти имконият, меъёрҳо ва принсипҳои таҳсилоти фарогир ба ҷалб шудани афроди ба таълиму омӯзиш талаботи махсусдошта рӯй меоварад. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои гуногуни дунё дар татбиқи амалӣ ва пешбурди раванди инклюзия ғояи ба назар гирифтани хислату хусусияти ҳар як ашхоси дорои нуқсонҳои солимӣ, зеҳнӣ, равонӣ ва ҷисмониро тақозо мекунад.

Аз таҷрибаи фаъолияти мактабҳои махсус (хоса, интернатҳо) маълум мегардад, ки чунин тоифаи бачагон табиати нозуки дарк, тафаҳҳум ва муносибату муомила доранд. Аз ҷониби дигар, дар сурати бо онҳо робитаи хуб доштан, даъват ҷониби таълиму омӯзиш, ба ҳар як амал, гуфтор ва майлу рағбати онҳо баҳои муносиб додан шавқу завқи онҳоро ба маротиб меафзояд ва барои иҷтимоишавӣ, донишомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ ҳидоят мекунад.

Чунончи, “дар мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ, ки барои бачагони нобино дар шаҳри Ҳисор мавҷуд аст, кӯдакони нобино ва сустбин аз тамоми гӯшаю канори мамлакат барои таҳсил фаро гирифта мешаванд. Кӯдакон дар ин муассиса аз синфи якум то сирфи 11 таҳсил намуда, пас аз хатми он метавонанд дониши худро дар муаасисаҳои таҳсилоти олӣ давом диҳанд” [140, с. 814].

Дар ин росто проблемаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки байни дастуру супоришҳои давлату ҳукумат ва азамату ҳиммати субъектҳои раванди таҳсил мавҷудияти баъзе сабабҳо ва душвориҳои воқеӣ ҳар чи зудтар бартараф карда шавад. Яъне боз ҳам сухан бобати фароҳам овардани муҳити инклюзивӣ (фарогирӣ) ва мутобиқшавии бачагони ба таҳсил ниёздошта меравад. Вақту замоне расид, ки инклюзия ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати давлат дар соҳаи маориф қабул ва эътироф гардад ва дар навбати худ мактаб, хонавода ва ҷомеа дар татбиқи амалии ин ташаббуси некфарҷом саҳми бориз гузошта бошанд.

Мусаллам аст, ки “кӯдак гарчанде бо имконияти маҳдуд ба дунё омадааст, ӯ низ узви оила ва ҷамъият мебошад ва волидон вазифадоранд, ки ба кӯдак аҳамият дода, ӯро барои зиндагӣ кардан омода намоянд. Инчунин оилаҳое ҳастанд, ки фарзандони худро, ки имконияти маҳдуд доранд, “болои дидаашон ҷой дода, барояшон ҳамаи шароитҳои лозимаро фарпоҳам овардаанд” [140, с. 815-816].

Раванди таҳсилоти муосири ватанӣ дар ҳаёти бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мақом ва ҷойгоҳи хоси худро дошта бошад ва дар ин замина ба рушди шахсияти онҳо такони бузург бахшад. Тавассути раванди таҳсилоти фарогир дар ниҳоди ин тоифаи ҷомеа фарҳанги маърифатӣ, зеҳнӣ ташаккул ёфта, қудрату истеъдоди эшон рушд меёбад ва онҳо ба фаъолияти муштараки меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ васл мешаванд.

Аз ин гуфтаҳо хулоса кардан душвор нест, ки “вазифаи аввалиндараҷа омода кардани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб ёфта, дар ин росто роҳҳои самараноки идоракунии таълиму парвариш, таҳкими пояҳои устувор ва инфрасохтори мактабҳо, тайёр кардани ҳайати омӯзгорони воқеан касбӣ ва бомаҳорат, ҳамкории судманд бо волидон ва ҷомеа амиқ ва равшан карда шавад. Чораю тадбирҳо дар ин самт мавҷуданд ва бино бар ақидаи муҳаққиқони соҳаи таҳсилоти инклюзивӣ вазифаҳои зеринро ҳамчун қадами нахусти босифат ва босамар ташкил кардани он пешниҳод кардан мумкин аст” [4, с. 138].

Аз ҷумла:

1. Дарки масъулият ва ба зимма гирифтани ташкил ва таъмини таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти мавҷудият ва рафъи душвориҳо ва мушкилот дар ин самт.

2. Таҳкими ҳамкории судманди мактаб, хонавода ва ҷомеа дар татбиқи амалӣ ва босамари таҳсилоти фарогир бо ҷалби ҳар чи бештари

бачагони хоҳишманди таълиму омӯзиш дар қатори ҳамсолони ин тоифаи ҷомеа.

3. Дар мактабҳои таҳсилоти олии касбии самти педагогӣ омода кардани омӯзгорони баландпоя дар партави фаъолияти инклюзивӣ (аз нигоҳи мо, чунин омӯзгорон тавассути барномаҳои махсуси таълимӣ бо дарназардошти маҳорату малакаи методӣ, педагогӣ, психологӣ, маълумоту дониши фаровон дар бахши илмҳои логопедия, педагогикаи коррексионӣ, тиб ва амсоли он тайёр карда мешаванд).

4. Суҳбат бо волидон тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба ризоияти онҳо ба ҷалби фарзандони дорои имкониятҳои маҳдуд (таҷриба собит месозад, ки на ҳамаи падар ва модарон ба ҷалби фарзандонашон бо назардошти иллатҳо ва нуқсонҳои гуногун ризоияти ба таҳсил фаро гирифта шудани онҳоро медиҳанд. Баъзан худи чунин тоифаи бачагон бе омодагии ботинӣ барои таҳсил бо ҳамсолон чандон майлу рағбат надоранд. Аз ин лиҳоз, масъала хеле нозук ва ҳалталаб мебошад).

5. Чораю тадбири хеле муҳим - таҳияи барномаҳо ва китобҳои дарсии махсус барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва нуқсонҳои гуногун мебошад (маъюбӣ, зеҳнӣ, ношунавоӣ, коррексияи талаффуз, нобиноӣ ва амсоли он).

6. Фароҳам овардани муҳити дастраси таълиму омӯзиш, фазои хайрхоҳона ва дӯстонаи бачагони солим ва бонуқсон дар як синфхона.

7. Риояи баробарҳуқуқии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамроҳ бо ҳамтоёну ҳамсолони худ дар муошират, суҳбат ва мавридҳои гуногуни таълиму тарбия.

8. Ҷалби созмонҳо, шарикони рушд, ҷомеаи кишвар, ашхоси олиҳиммат аз қабили тоҷирон, саховатмандон оид ба дастгирӣ ва ёрию кӯмак ба муассисаҳои таҳсилот (дар ин самт саҳми ташкилоту иттиҳодияҳои маъюбон ва бевосита падару модарон низ дар мадди назар гузошта мешавад.

Ҳамин тариқ, ба ҷомеаи илмӣ, муҳаққиқону мутасаддиёни соҳаи инклюзия лозим меояд, ки дар таҳияи нақшаҳо ва маҷмӯи амалҳо оид ба ташкили таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чораю тадбирҳои мушаххас ва амиқ ҷустуҷу кунанд ва масъулияти муштаракродар ҳалли кулли ин масоил пешниҳод ва арзёбӣ кунанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳсилоти фарогир айни як маънӣ ва матлабро бо мафҳуми таҳсил дар синфҳо ва гуруҳҳои махсуси коррексионӣ ва ислоҳпазирӣ дар мактабҳои умумӣ ифода намекунад. Дар сурати ташкили таълиму тарбия дар муҳити муштарак ва умумӣ сухан на танҳо бобати таҳсилоти фарогир, инчунин таълими ҳамгиро низ меравад. Ин тамоюл нисбатан афкори нав дар фаъолияти инклбзивӣ буда, таҳқиқи ҳамаҷониба ва сосноки хешро бо хулоса ва таҷрибаю санҷишҳои махсус тақозо мекунад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба маориф” мақоми махсуси бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамчун ашхоси соҳиби норасоӣ ва боиллату нуқсон бо дарназардошти мавҷудияти хулосаи комиссияи тиббӣ-психологӣ оид ба вуҷуд доштани камбудиҳо дар рушди ҷисмонӣ, равонӣ зикр шудааст, ки барои гирифтани таълим бидуни фароҳам овардани шароитҳои мусоди омӯзишӣ омили халалрасон аст. Дар навбати худ, таҳсилоти инклюзивӣ вазифадор аст, ки таъмини баробарҳуқуқиро ба таълиму парвариши кулли бачагони дорои нуқсонҳои гуногун бо дарназардошти талаботи махсус ва имкониятҳои фардии онҳо фароҳам орад.

Таҷрибаи пешқадами илми педагогикаи ватанӣ ва бурунмарзӣ собит месозад, ки “таҳсилоти фарогир ва ё инклюзия мувофиқтарин истилоҳест, ки тафсири мутобиқгардонидани бино ва ё синфхонаҳои таълимиро дар назар дорад ва ба пуррагӣ ҷавобгӯйи ҳамаи талаботҳои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад. Яъне таҳсилоти фарогир ба ашхоси нуқсону норасоидошта бобати бемонеъ ва бемайлон

гирифтани дониш, маҳорат ва малака шароити мусоид фароҳам меорад [4, 142].

Ба андешаи Д.Скрябина, “меъёри асосии самаранокии таҳсилоти фарогир яке аз роҳҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд буда, худи мафҳуми таҳсилоти фарогир ҳам моҳиятан ва ҳам аз нигоҳи вазифаю асолати хеш рукни ҷудонашавандаи ба таълиму тарбия фарогирии бачагони мактабхон сарфи назар аз талаботхо, ниёзҳо, ноқисиҳо, иллатҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ, рӯхӣ ва амсоли он мебошад. Дар ин росто муаммоҳо ва проблемаҳои воқеии мутобиқшавии (адаптатсия) кӯдакону бачагони мушкилотҳои гуногундошта ба муҳити мактабу ҷомеа, қобилияти ворид ва пайваст шудани онҳо ба марому низоми таълиму тарбия аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёбад” [132, с.112].

Таҳқиқи масъала моро водор кард, ки ба нозукиҳои масъала аз нигоҳи равонӣ ва арзишҳои умумибашарӣ низ назар андозем. Аслан қазияи мазкур хеле нозук мебошад, хоса, бо дарназардошти фарқи куллӣ доштани афроди солим ва носолим, бенуқсону нуқсондор, маъюбу солим. Гап дар сари он аст, ки худи мафҳум ва модели мавҷудаи инклюзияи иҷтимоӣ дорои мухолифати мантиқию тафриқавӣ байни бачагони солиму носолим, дорои нуқсону норасоиҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ, равонӣ ва амсоли он мебошад. Кӯшиш мекунем ин нуктаро муфассал таҳлил ва баррасӣ намоем.

Одатан, мо на ҳамеша ба ҳамдигар қудрат ва тавони кӯмак ва ёрӣ расонданро дорем. Ҳатто омӯзгороне низ ҳастанд, ки дар раванди таълим ба бачагони маъюбу маслух ва дорои норасоиҳои гуногун (нуқсони шунавоӣ, нобиноӣ, зеҳнӣ, руҳӣ, равонӣ) кӯмак ва ёрии ҳамаҷонибаи худро расонида наметавонанд. Дар ин самт танҳо онҳое дасти дароз доранд, ки донишу омодагии касбӣ ва маҳорати педагогию психологӣ доранд.

Аз таҳқиқотҳои муҳаққиқон ва мутахассисони бурунмарзӣ бармеояд, ки “идеологияи иклюзивӣ бачагонро ба ду гуруҳ - «муқаррарӣ» ва «номуқаррарӣ» (дорои зеҳни суст, маъюб, маслух, нобино, кару гунг ва амсоли он) ҷудо мекунад, ки ғояи баробарӣ ва ҳамсонии онҳоро коҳиш медиҳад. Чунин вазъ ашхоси дорои имкониятҳояшон маҳдудро байни ҳамсолони солиму пешрафта ба ҳолати ногувор мегузорад. Пас чӣ бояд кард? Мантиқан ва маъмулан сухан оид ба ташкили муҳити мувофиқи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шароити мувофиқу дастрас меравад, ки тавони бартараф кардан ва аз байн бурдани монеаҳои маънавӣ-ахлоқиро дорад” [87, с. 91].

Дар ин росто, таҳаввул дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти муосир, шуури волидон ва ҷомеа дар робита ба таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир тақозо мекунад, ки ғоя ва сиёсат дар ин самти ҳаётан зарур тағйири афкору пиндори мактаб, хонавода, ҷомеа ва институтҳои ҷамъиятиро ногузир ва ҳатмӣ ба миён гузорад. Ҳадафи асосӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд дар таълим, омӯзиш ва парвариш буда, кушодани роҳи васеъ ба таъмини баробарҳуқуқӣ, рушди қобилияти донишандӯзӣ, ҳунаромӯзӣ, омода шудан ба ҳаёти мустақил ва таъмини талаботҳои моддӣ ва маънавии онҳо мебошад.

“Волидон гарчанде ки ғами таъминкунии кӯдконро бо маводи лозимӣ мехӯранд, аммо барои иуошират ба онҳо вақти кифоя ҷудо намекунанд, кам суҳбат менамоянд, дар бораи ҳаёти худашон, корашон, коллективи истеҳсолиашон нақл намекунанд, баҳаёти коллективии фарзандон кам рағбат зоҳир мекунанд. Бо нақл кардан аз ҳаёти худу дигарон майнаи кӯдаконро бедор намекунанд. Ҳамин тавр, воситаи муфиди инкишоф ва тарбияи фардии кӯдак – муошират пурсамар истифода бурда намешавад” [140, с. 820-821].

Коршиносон ва муҳаққиқон дар чунин ақидаанд, ки “...масъалаи иҷтимоишавии бачагони аз лиҳози саломатӣ имкониятҳои маҳдуддошта, ҳамчунин масъалаҳои тайёрии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда, ки бо

бачагони гуногун кор карданашон лозим меояд, хеле муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад” [144, с.80-81**].** Дар робита ба ин гуфтаҳо афзудан мехоҳем, ки салоҳияти касбии омӯзгори риштаи таҳсилоти фарогир аз нишондиҳадаҳои басо муҳимми раванди таълиму тарбияи босифати бачагони дорои нуқсону норасоиҳои гуногун мебошад. Воқеан, омӯзгори босалоҳият ба моҳияти масъала хуб сарфаҳм меравад, имкони ҳалли амалии таълим ва омӯзиши бачагони ба таҳсилоти махсус ниёздоштаро таъмин мегардонад.

Дар раванди таҳсилоти фарогир як нуктаи дигари муҳим - ба муҳити таълиму парвариш ворид кардани унсурҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад (тамошои якҷояи филмҳо ва асарҳои саҳнавӣ, намоишгоҳҳо, осорхонаҳо, шиносоӣ бо эҷодиёти намояндагони санъати тасвирӣ, тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҳифзи ҷойҳо ва ёдгориҳои таърихии кишвар ва амсоли он). Чунин фаъолиятҳои беруназдарсӣ якҷоя бо иштироки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба онҳо имкон медиҳад, ки худро ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа эҳсос кунанд ва дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ муваффақ шаванд.

Дар робита ба баррасии масъалаи фавқуззикр дар ин фасли боби дуюми рисола тавсияи хешро оид ба тақвият бахшидан ба таҳияи лоиҳаҳои таълимӣ баён кардан мехоҳем. Дар илми педагогикаи муосир таваҷҷуҳ ба корҳои лоиҳавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мавриди мо бо иштироки бачагони дорои имконияташон маҳдуд) беш аз пеш вусъат меёбад. Аз ҷумла, дар ин самт иҷрои лоиҳаҳои таълимӣ дар мавзӯҳои “Мактаби инклюзивӣ”, “Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ”, “Асолати некӣ ва некномӣ”, “Хамроҳ будан ва таҳсил кардани мехоҳем” барои муваффақ шудан ба натиҷаҳои баланди сифати таълиму парвариши кулли хонандагони ҳам солим ва ҳам ашхоси нуқсону норасоидошта оварда мерасонад.

Ба андешаи қавии мо лоиҳаҳои таълимии иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолият ва майлу рағбати бачагони дорои проблемаҳои саломатӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва равониро афзун гардонида, дар онҳо ҳисси боварӣ, пешравӣ ва мустақилиро бедор мекунад. Мушаххасан агар гӯем, иштироки бачагони дорои имконоти маҳдуд дар доираи иҷрои ин ё он мавзӯи лоиҳавӣ хислатҳои муттафиқӣ, ҳамкорӣ ва якҷоя амал карданро меомӯзонад ва ташаккул медиҳад. Раванди таҳсилот дар чунин мавридҳо ҷузъи муҳити иклюзивии иҷтимоӣ-фарҳангӣ гардида, ба рушду инкишофи зеҳнӣ, маърифатӣ ва ахлоқию маънавии иштирокчиёни он шароити мусоид фароҳам меорад.

Равшантар карда гӯем, дар раванди иҷрои корҳои лоиҳавӣ на танҳо иҷтимоишавии фарохи чунин ашхоси дорои нуқсону норасоиҳо, на танҳо иштироки ҷисмонии онҳо дар як фазои муштарак бо бачаҳои солиму тавоно ба амал меояд, балки вусъати ҳамкории судманди омӯзгор ва ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд, ташаккули салоҳиятҳои мустақилона амал кардан, ҷустуҷӯ кардан, муваффақ шуданро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, ғояи гуманистии таҳсилоти фарогир дар доираи таълиму парвариши бачагони ба омӯзиш ва рушди инклюзивӣ рӯй оварда, аз масъалаҳои муҳимми замони муосир дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Он ба ҷалби бештари афроди ҷисман носолим, бонуқсон ва инкишофнаёфта роҳи васеъ мекушояд, ба амалӣ шудани орзую омоли онҳо дар рушди донишу маҳорат ва малакаҳои ҳаётан зарур шароити мусоид фароҳам меорад.

2.3. Вижагиҳои муносибат бо афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо дар муҳити таҳсилоти фарогир

Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва ҳамзамон тамоюли ба чашм намоёни асри 21 дар он аст, ки беш аз пеш миқдори бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва мушкилоти солимӣ бо сабабҳои гуногун меафзояд. Пештар

бачагоне, ки дорои имкониятҳои маҳдуд буданд, дар муассисаҳои махсус ва коррексионӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд. Ташкили таълиму омӯзиш дар муассисаҳои махсус бачагонро аз ҳамсолони худ дур ва аз олами таҳсилу парвариш берун мегузошт, умедворона ва дилпурона қадам гузоштани онҳоро дар зиндагӣ ва ҳаёти воқеӣ маҳдуд мекард.

Маҳдуд намудани имконияти бачагони аз ҳамсолони худ ҷудо дар хондан, омӯхтан ва азбар кардани донишу иттилоот зарурият ва ногузирии роҳандозии таҳсилоти фарогирро ба миён овард. Бесабаб нест, ки дастандаркорон ва мутасаддиёни соҳаи мактабу маориф оид ба ҳалли ин қазия зарурат ва манфиатнокии фаро гирифтани бачагони дорои имконяитҳои маҳдудро дар доираи таҳсилоти миёнаи умумӣ қабул карданд. Вале чун анъана масъалаҳое ба миён меояд, ки раванди таҳсилоти фарогирро ба бартараф кардан ва дарёфтани роҳу равиши рафъи мушкилотҳо пайгирӣ ва мавриди баррасӣ қарор диҳад. Инак, мушкилот ва муаммоҳо аз чӣ иборатанд?

Ба ин суолҳо ҷавоби муносиб ва мушаххас додан чандон кори осон нест. Нахуст дарк бояд кард, ки низоми муосири таҳсилоти миёнаи умумӣ асосан бо хонандагони солим ва дорои имкониятҳои васеъ ва фарох сару кор дорад. Онҳо ҷавобгӯи талаботи мавҷуда, стандартҳои фаннӣ дар доираи таълиму тарбия ва рушди муҳассилин буда, барои донишандӯзӣ, вусъати маҳорату малака ва кулли салоҳиятҳо комилан омодаанд. Дар сурати ҳамгиро шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва ҳаказо) ба раванди таҳсилоти умумии якҷоя ба онҳо монеаҳои зиёдро эҷод мекунад.

Мутаасифона, ҳайати омӯзгорон ва коллективи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳанӯз ба ин равиши нави хайрхоҳ ва некбинона пурра омода нестанд, зеро то ҳол дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ тайёр кардани кадрҳои болаёқати педагогӣ дар самти инклюзия бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Омӯзгори нотайёр қудрати фаъолияти педагогӣ бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро надорад,

зеро тоифаи чунин ашхоси талаботи махсусдошта табиати нозуки дарку фаҳмиш, суолу ҷавоб, ноустувории равонӣ ва амсоли онро дошта, ба фазои муқаррарии таълиму тарбия бо монеаву душвориҳо ворид мегарданд.

Дар натиҷа, аз як тараф зарурати фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар доираи таҳсилоти инклюзивӣ ба амал меояд, аз тарафи дигар - мушкилоту муаммоҳои мавҷуда имконпазирии чунин равиши таҳсилотро душвор ва халалдор мекунад.Тарафи дигари масъала ба моҳият ва ғояву аслияти таҳсилоти фарогир рабт дорад, ки мувофиқи он дастрасии таҳсилот барои ҳамаи бачагон кафолат дода мешавад ва консепсияи асосии инклюзияро дарбар мегирад.

Аз ин лиҳоз, ғояи инклюзия ҳама гуна маҳдудияти таълим, омӯзиш ва рушди кулли қишрҳои ҷомеаро сарфи назар намуда, татбиқи амалии таҳсилотро дар доираи меъёрҳои баробарҳуқуқӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарғиб ва ташвиқ мекунад. Ҳадафи дигари масъала - иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба фазои таҳсилоти фарогир мебошад. Ин тарафи масъала ба бачагоне дахл дорад, ки ятим мондаву маъюбу маслуқанд ва дар вазъи номуайяни зиндагӣ ва омӯзишу парвариш қарор доранд.

Таҳсилоти фарогир, дарвоқеъ, ҳадафҳои ниҳоии худро дорад, ки он ҳамбастагӣ ва пайвастагии қавиро бобати бунёди ҷомеаи фарогир ба назари эътибор мегирад. Чунин ҷомеа ба хотири расидан ба рисолатҳои воло ва арзишҳои умумибашарӣ имкон медиҳад, ки “кулли бачагон ва дар маҷмӯъ қишри гуногуни узви ҷомеа (ҳатто калонсолон низ) сарфи назар аз ҷинсият, мансубияти миллӣ, нажодӣ, динӣ, эътиқоду эътимод, қобилият, саломатӣ ба таҳсил фаро гирифтаю саҳми хешро ба рушду такомули ҷамъият равона карда бошанд. Бунёди чунин муҳиту ҷомеаи фарогир ба ташаккули хислатҳои беҳтарин инсонӣ, ахлоқу одоби ҳамида, муборизаи дастаҷамъона алайҳи паҳн шудани унсурҳои бегона роҳи васеъ мекушояд” [98, с.15].

Қобили зикр аст, ки дар замони рушд ва таҳкими пояҳои иҷтимоӣ-фарҳангии мамлакат соҳаи мактабу маориф, аз ҷумла, таҳсилоти фарогир ба нерӯи бузурги диққатҷалбкунанда ва ҳаётан муҳим табдид меёбад. Он ба рӯйдоди воқеӣ табдил ёфта, таваҷҷуҳи кулли кишварҳои дунёро ба худ ҷалб менамояд. Дар айни замон, таҳсилоти фарогир баробари мутобиқати амалӣ ва таҷрибаи озмоишӣ пайдо карданаш, дар назди низоми таълиму тарбия ва рушди бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд як силсила масъалаҳои душвор ва наву тозаро мегузорад.

Аз таҷрибаҳо маълум мегардад, ки шакли анъанавии таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муассисаҳои махсуси таълимӣ (коррексионӣ) роҳандозӣ мегардад. Моҳият ва асолати чунин муассисаҳои махсуси таълимӣ ислоҳ ва тасҳеҳи имкониятҳои бачагонест, ки дорои мушкилотҳои рушди ҷисмонӣ ва равонӣ (руҳӣ) бобати нутқи номукаммал, шунавоӣ, биноӣ, аутизм (нуқсонҳои мағзи сар), унсурҳои такягоҳӣ-ҳаракатнокӣ мебошанд.

Ислоҳу тасҳеҳи норасоиҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонии бачагон хусусияти ҳам таълимӣ, ҳам тарбиявӣ, ҳам иҷтимоишавӣ ва ҳам рушду такомул дорад. Барои бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда барномаҳои махсуси мутобиқсозӣ, роҳу усули ислоҳу тасҳеҳот, машғулият бо дефектологҳо, логопедҳо ва психологҳо (равоншиносон) ба роҳ монда мешавад.

Таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар мактабҳои махсуси коррексионӣ (асосан), инчунин дар синфҳои муқаррарии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад ташкил гардад. Як хусусияти барҷастаи чораҳои коррексионӣ аз он иборат аст, ки фаъолияти мураббӣ ва омӯзгор на танҳо барои ташаккули малакаҳои омӯзишӣ, балки ба ташаккули дарку ҳис, ирода, нутқ ва тафаккури бачагон равона мегардад ва ба онҳо барои мутобиқшавӣ ба талаботҳои мактаб ва ҷомеа кӯмак мерасонад.

Чуноне ки мебинем, таълими коррексионӣ – таълими махсуси ба рафъи мушкилоти омӯзишӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-эмотсионалии бачагони дорои нуқсонҳои мухталифи саломатӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли он мебошад. Матлаби асосии таълими коррексионӣ ҳарчи бештар ва тезтар мутобиқ гардондани хонандагон ба талаботҳои мактаб сарфи назар аз синну соли онҳо маҳсуб меёбад.

Воқеан, таълими коррексионӣ роҳу усули муносибати инфиродиро нисбат ба омӯзанда тақозо мекунад ва ҳадафи асосии он бартараф кардани монеаҳои донишандӯзӣ дар доираи фанҳои мушаххаси таълимӣ мебошад. Он бо мурури вақт ба ташаккули малакаҳои хонанда, аз ҷумла, рушди сифатҳои шахсӣ дар робита ба эътибору эътимод нисбати имкониятҳои хеш ва муваффақ шудан ба пешравиҳои назаррас дар омӯзишу парвариш мусоидат мекунад.

Азбаски Панҷакент бо кишвари Ӯзбекистон ҳамсарҳад ва робитаҳои пайваста дорад, бо мақсади омӯзиши таҷрибаи ҳамсоякишвар бо дастандаркорони таҳсилоти фарогир, муҳаққиқон ва масъулини ин самти мактабу маориф мулоқот ва суҳбатҳо оростем. Аз ҷумла, солҳои 2023 (моҳи апрел) ва 2025 (моҳи октябр) мувофиқи даъват дар ҳамоишҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дар Донишгоҳи педагогии шаҳри Самарқанд оид ба проблемаи таҳсилоти фарогир ширкат варзидем.

Аз ин пештар, дар шаҳри Душанбе дар таърихи 18-21 ноябри соли 2019 бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Академияи таҳсолоти Тоҷикистон конференсияи байналмиллалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои асосии таҳсилоти фарогир: вазъият, мушкилот, дурнамо” баргузор гардид, ки дар кори он ҳайати профессорону устодони донишгоҳи педагогии шаҳри Термизи Узбекистон ширкат варзида, оид ба пешравиҳои ин самти таҳсил, ки аз ибтикороти навоварона ва ташаббускоронаи аҳли маориф мебошад, маърӯза ва гузоришҳои илмӣ ба амал оварданд.

Маълум шуд, ки айни замон дар кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя силсилаи муассисаҳои махсуси таҳсилоти фарогир (зиёда аз 90 мактабҳои махсус ва интернатҳо) амал мекунанд, ки дар онҳо зиёда аз 20 ҳазор хонандагони маъюбу маслуқ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар шароити хонаводагӣ низ ташкили ин ташаббус қобил зикр аст ва яқин гардид, ки зиёда 12 ҳазор бачагон тавассути омӯзгорон-волонтёрҳо (ашхоси кӯмакрасони беминнат) пайваста ба донишандӯзӣ ва рушди қобилияту салоҳият сару кор доранд.

Бино бар маълумотҳои ба дастомада миқдори чунин хонандагон сол ба сол кам мегардад, зеро онҳо давра ба давра ба шароити фарогири омӯзишу парвариш ба низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарбар гирифта мешаванд. Чунин тарзи кор хеле хуб ба роҳ монда шудааст ва мувофиқи маълумотҳои оморӣ пешравии низоми таҳсилоти фарогир беш аз пеш ба натиҷаҳои дилҳоҳ муяссар мегардад.

Махсусан дар ин самт таъсиси Маркази захиравиро дар назди Маркази ҷумҳуриявии таҳсилот алоҳида таъкид бояд кард, ки бо ҳадафҳои ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорон ва кулли кадрҳои педагогӣ оид ба омӯзишу татбиқи навгониҳои илмӣ-педагогӣ дар низоми таҳсилоти фарогир амал мекунад. Ҳамгироии фаъолияти муштараки ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ, волидону волонтёрон бобати дастгирӣ ва корбасти амалҳои коррексионӣ-педагогӣ нисбати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба натиҷаҳои хуби таълиму тарбияти ин қабил афроди махсуси ба таҳсил ниёздошта пайваста мусоидат менамояд.

Дар назди Маркази захиравӣ Шурои ҷамъиятӣ амал мекунад, ки дар самти ҳамоҳангсозӣ, танзиму назорат ва мониторинги ҳифзи иҷтимоии гуруҳи бачагони оҷизу нотавони ҷумҳурии ҳамсоя саҳми арзанда мегузорад. Тазаккур бояд дод, ки бобати омода кардани кадрҳои педагогӣ барои фаъолият дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои зиёд ба анҷом расидааст.

Хушбахтона, дар Тоҷикистон низ таъсиси Маркази захиравӣ, чуноне ки дар боби аввал зикр кардем, амал мекунад (ҳарчанд фаъолияти чунин марказ беҳбудии фаъолиятро тақозо мекунад) ва дар самти таҳсилоти фарогир як силсила корҳои муҳимми ташкилӣ-таълимиро ба иҷро мерасонад.

Муҳаққиқи рус Л.М.Шипицина чунин ибрози назар дорад: “Таълими коррексионӣ ва ё фаъолияти коррексионӣ дар самти таълиму тарбия маҷмӯи чорабиниҳои махсуси психологӣ-педагогӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тиббӣ-муолиҷавиро ба маърази муҳокима ва татбиқ мегузорад, ки он ҳама барои рафъ ва ё кам кардани нуфузи монеаҳои руҳӣ-ҷисмонии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳ мекушояд. Бартарафшавии нуқсонҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд барои муваффақ шудан ба фаъолияти омӯзишӣ, азхуд кардани иттилооти барномавӣ, ноил шудан ба пешрафти зеҳнию маърифатии хеш майлу рағбат ва хоҳишу таваҷҷуҳ пайдо кунанд [153, с. 26].

Дар маҷмӯъ раванди таҳсилоти фарогир на танҳо ба ташаккулёбии қобилияту салоҳитҳои нави бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, балки пештар рушдёфта такя мекунад. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои асосии муҳити таҳсилоти фарогир ботадриҷ ва пайваста инкишоф додани қобилият ва имкониятҳои ашхоси дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли он тавассути таълими коррексионӣ-ислоҳпазирӣ маҳсуб меёбад. Дар ин марҳила корбасти амалҳо ва натиҷаҳои таълими коррексионӣ дар рушди бачагони қобилияташон маҳдуд фаъолияти ҷустуҷӯии омӯзгорону мураббиён, кормандону педагогҳои иҷтимоиро тақвият мебахшад.

“Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои асосии муҳити таҳсилоти фарогир ботадриҷ ва пайваста инкишоф додани қобилият ва имкониятҳои ашхоси дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли он тавассути таълими коррексионӣ-ислоҳпазирӣ маҳсуб меёбад. Дар ин

марҳила корбасти амалҳо ва натиҷаҳои таълими коррексионӣ дар рушди бачагони қобилияташон маҳдуд фаъолияти ҷустуҷӯии омӯзгорону мураббиён, кормандону педагогҳои иҷтимоиро тақвият мебахшад” [136, с. 505].

Дар рафти таҳқиқот яқин гардид, ки роҳу усули амсилаҳои гуногун дар шароити таҳсилоти фарогир ҳангоми кор бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд вуҷуд дорад:

1. Таълим дар шароити таҳсилоти миёнаи умумӣ дар доираи синфҳои муқаррарӣ-анъанавӣ.

2. Таълим дар шароити махсуси синфхона тавассути роҳандозии усули коррексионӣ-ислоҳпазирӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ (таълим бо ҳадафи ислоҳ намудани мавқеъ ва ҷойи тасҳеҳу ислоҳи нуқсон).

3. Таълим аз рӯйи барномаҳои таълимии гуногун дар доираи ин ё он синфи муайян.

4. Таълим дар шароити мактабҳои махсус ва ё мактаб-интернатҳо, ки дорои синфҳо барои бачагони солим мебошанд.

Таҷрибаи пешқадами фазои таҳсилоти фарогир собит мекунад, ки барои бомуваффақият ташкил кардан ва анҷом додани фаъолияти коррексионӣ сари вақт оғоз намудану роҳандозии босамари омӯзгорон ва ҳайати педагогҳо зарур шуморида мешавад. Бо дарназардошти хусусиятҳои онтогенетикии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (онтогегез – ташаккул, афзоиш ва инкищофи фардии организми инсон) як силсила принсипҳо оид ба фаъолияти коррексионӣ дар раванди таълиму тарбия муқаррар шудааст:

- принсипи ягонагии натоиҷи ташхис ва таъмини рушди бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд тавассути амалҳои коррексионӣ;

- принсипи роҳандозии таълиму тарбия бо дарназардошти тамоюли коррексионӣ-рушдёбии салоҳияти хонандагон;

-принсипи муносибати маҷмӯӣ (клиникӣ-генетикӣ, нейрофизиологӣ, психологӣ, педагогӣ) дар ташхис ва корбасти имкониятҳои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар раванди таҳсилот;

- принсипи муносибати инфиродӣ ва тафриқавӣ дар доираи таълими коррексионӣ;

-принсипи муттасил ва пайдарпайӣ дар ҷараёни таҳсилоти фарогири томактабӣ, мактабӣ ва касбӣ-техникии махсуси коррексионӣ.

Таҳсилоти бачагони дорои имкониятҳояшон маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ, руҳӣ-психологӣ таъсиси муҳити махсуси коррексионӣ-такмилёбиро ба миён мегузорад. Танҳо дар чунин вазъу шароит имкониятҳои бемайлони омӯзишу парвариши бачагони нуқсондор дар якҷоягӣ бо бачагони солиму бенуқс ба хотири муваффақ шудан ба натиҷаҳои дилхоҳи таҳсил ва гирифтани маълумоти оид ба хатми мактаби миёна таъмин ва дастрас мегардад.

Акнун чанд сухан оид ба иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд. Нахуст ба аслият ва моҳияти мафҳуми иҷтимоишавӣ назар меандозем. Чуноне ки Л.М.Шипицина мегӯяд, “иҷтимоишавии бачагон – раванди ногузири дарк кардан ва қабул намудани меъёрҳо, арзишҳо, малакаҳои рафтору муносибат ва муошират дар ҷамъият аст. Чунин амалҳо имкон медиҳад, ки бачагони дорои иллатҳои гуногун, аз ҷумла, ҷисмонӣ, зеҳни заиф ва идроки ноқис ба воқеияти олами беруна ва муҳити мактабу хонавода пайваста мутобиқ шаванд, бо атрофиён муомила, муносибат ва муошират карда тавонанд, ба қобилияти фикр кардан фурӯ раванд [153, с. 27].

Иҷтимоишавӣ, қабл аз ҳама, аз қудрату тавоноӣ, рушди ақлу зеҳни ҳис(с), дарку эҳсос ва фаҳмидан вобастагӣ дорад. Рукнҳои зикршуда аз воситаҳои муассири ташаккулёбии шахсияти бачагони дорои имконотошон маҳдуд мебошад. Ногуфта намонад, ки иҷтимоишавӣ ҷанбаҳо ва асолатҳои калидии худро дорад ва аз марҳилаҳои муайян

иборат аст. Аз ҷумла, марҳилаи нахусти иҷтимоишавии кӯдак дар аз хонавода шурӯъ мегардад (синнусоли хурд); марҳилаи дуюм – дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ, тавассути муошират бо расонаҳои иҷтимоӣ (Интернет, зеҳни сунъӣ) ва ҳоказо.

Дар ин марҳилаҳо кулли бачагон, аз ҷумла, дорои имкониятҳои маҳдуд ва ниёз ба таҳсили махсусдошта қоида ва расму русуми муошират, маданияти рафтор, қобилияти идора кардани ҳиссиёту эҳсосоти хеш, меъёрҳои иҷтимоиро риоя мекунанд. Раванди иҷтимоишавии фаъол ҳануз аз синни хурдсолӣ (аз 2 то 7) сар мешавад ва дар ин марҳилаи хеле муҳим кудак қоидаҳои мубрам ва рафтори муносибат ва муомиларо азбар мекунад. Муҳиммияти ин давраи камолоти иҷтимоишавии кудак ба саломатӣ, мутобиқшавӣ дар доираи муҳити хонавода ва берун аз он, пешрафту такомули ӯ мусоидати комил менамояд.

Бешубҳа, дар масири ташаккулу такомули иҷтимоишавии кудак баъзе мушкилот ва муаммоҳо низ пайдо мегарданд ва сабабҳои гуногун доранд. Аз ҷумла, рӯй додани низоъу харҳаша байни бачагон ва узви хонавода (волидон, калонсолон, наздикон), ҳамсолон ва ё дар муҳити воқеӣ қобилияти мутобиқ шуда натавонистани бачагони дорои имконияташон маҳдуд. Ин самти масъала, махсусан, аз мутобиқшавии иҷтимоӣ-фарҳангии бачагон вобастагии калон дорад ва яке аз омилҳои самаранок ва санҷидашуда иштироки фаъоли онҳо дар чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ, эҷодӣ, мусиқӣ ва иштирок дар бозиҳои гуногун маҳсуб меёбад.

Гуфтаҳои боло собит месозад, ки ҳангоми кор бо ашхоси дорои мушкилотҳои гуногуни саломатӣ, ақлию зеҳнӣ, руҳию ҷисмонӣ аз ҳайати дастандаркорон - педагогҳо ва психологҳо, волидону намояндагони муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ фароҳам овардани шароитиҳои мусоиди омӯзишӣ, иҷтимоишавӣ ва рафъи нуқсонҳои саломатӣ тақоз мегардад.

Стандарти ҷадиди таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки бо ташаббус ва ибтикороти Вазорати маориф ва илмӣ ҶТ аз ҷониби ҳайати бонуфузи мутахассисону кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомӣ таҳия гардид, бобати роҳандозии комил ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти фарогир корбаст ва таъмини якчанд масъалаҳои муҳимро ба маърази иҷро ва татбиқ гузошт, ки он мутобиқ ба Декларатсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсили миёнаи умумӣ фаро гирифта шудани кулли кӯдаконро кафолат медиҳад.

Ба андешаи мо, таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба назари эътибор гирифта шудани чунин роҳу усул ва тарзи муносибатро дарбар гирад:

1. Роҳандозии усули тафриқа дар раванди таълими бачагоне, ки рушди ноқиси ҷисмонӣ ва фикрӣ дошта, дар муассисаҳои коррексионӣ таҳсил мекунанд.

2. Таълими ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд тариқи усули ҳамгиро (интегративӣ) дар муҳити махсуси дарсхонӣ.

3. Таълими ҳамгиро ба маънои томи сухан, ки тибқи он фаъолияти академии бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муҳити умумии дарсхонӣ ҳамроҳ бо бачагони солим ва пешқадам ҷараён мегирад.

Суоле бармеояд: кадом гуруҳти бачагонро метавон ба қатори дорои имконияташон маҳдуд ворид кардан мумкин аст. Дар боби якуми рисола оид ба ин масъала фикру ақидаҳои мутахассисон ва муҳаққиқонро гуфта будем. Аммо дар рафти таҳқиқоти мазкур мушаххасоти гуруҳбандии бачагони иллатҳои гуногуни солимӣ, зеҳнӣ, равонӣ ва руҳию равонидошта барҷастатар ва равшантар намоён гардид. Кабл аз ҳама, ба ин қатор онҳое дохил мешаванд, ки инҳирофи мухталифи руҳӣ ва ё ҷисмонӣ доранд ва ба рушди умумии онҳо таъсири ғайридилхоҳ мерасонад. Мутаассифона, чунин ҳолу вазъ зиндагии бофароғат ва оромишу осоиши онҳоро халалдор мекунад.

Мехостем бори дигар ба шарҳу эзоҳ ва тафсири мафҳуми асосӣ – “бачагони дорои имконияташон маҳдуд” таваҷҷуҳ кунем. Дар сарчашмаҳои илмӣ ба исфати синонимҳои ин мафҳум чунин ибораю таркибҳоро кор мефармоянд: “бачагоне, ки проблемаҳо (мушкилотҳо) доранд”; “бачагони ниёзҳои махсусдошта”; “бачагони ғайримуқаррарӣ” (нетипичные дети); “бачагони ба таълим ҳаваснадошта”; “бачагони душворфаҳму душвортабиат”; “бачагони номустақил” ва амсоли он.

Дар ин қатораки синонимҳои мафҳуми асосӣ мо таркиб ва ё ибораи “бачагони ғайримуқаррарӣ”-ро махсус баён карданием (аномальные дети). Сухан дар бораи бачагоне меравад, ки рушди онҳо дар ин ё он самт вайрон шуда, нуқсони назаррас дорад. Аммо ин маънои онро надорад, ки нуқсон(ҳо) ислоҳнашаванда аст. Дар мавриди таълими махсуси дуруст ва босамар нуқсон ва ё нуқсонҳои мавҷуда қудрати ислоҳ ва бартарафшавӣ доранд.

Ба қатори бачагони ғайримуқаррарӣ тоифаи зеринро дохил кардан мумкин аст:

1. Бачагоне, ки нуқсони шунавоӣ доранд (кар, гӯшашон вазнин, намешунаванд ва ё хеле суст мешунаванд).

2. Бачагоне, ки нуқсони биноӣ доранд (кӯр, аъмо, нохоно).

3. Бачагони дорои нутқу талаффузи вайрон (логопатҳо).

4. Бачагоне, ки нуқсони такягоҳӣ-ҳаракатӣ доранд.

5. Бачагони дорои нуқсони ақлӣ ва зеҳнӣ

6. Бачагоне, ки рушди равонӣ ва руҳиашон (рушди психикӣ) ба таъхир мондааст.

7. Бачагони ахлоқ ва одобу рафторашон вайрон.

“Вобаста ба табиати нуқсонҳо бархе аз онҳоро дар раванди ташкили таълими махсус ва тарбияту парвариш метавон ислоҳ намуд, қисми дигари ноқисиҳо андаке бартарафшавандаанд ва зумраи дигар ба тариқе ҷуброн (бо роҳ дигар пур кардан) мешаванду халос. Аз таҷрибаи пешқадами низоми таҳсилоти фарогир маълум гардид, ки мавҷудияти

мушкилӣ ва нуқсонҳо дар рушди муътадил ва мувофиқи бачагони дорои иллатҳои гуногун аз ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои онҳо, инчунин аз шаклҳои гуногуни фаъолияти педагогии омӯзгор вобастагӣ дорад" [87, с. 89].

Моҳиятан нуқсонҳои мавҷуда аз дараҷаи идрок, фаҳмиш ва фаъолмандии категорияи бачагони соҳибнуқсон бармеояд. Чунончи, агар нафаре аз бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар доираи такомул ва рушд донишҳои одии хондан ва навиштанро дошта бошад (аз рӯйи ҳичо хондан ва навиштани ҷумлаҳои кутоҳу сода), нафари дигар дар доираи имконоти хеш чандон маҳдуд нест (ба ин қатор бачагоне дохил мешаванд, ки рушди ботаъхири руҳӣ ва дараҷаи сусти шунавоӣ доранд).

Дар рафти таҳқиқот равшан гардид, ки раванди рушди шахсияти дорои имкониятҳои маҳдудро тавассути якчанд омилҳо, аз ҷумла, ягонагӣ ва алоқамандии арзишҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои биологӣ муайян ва тавсиф кардан мумкин аст. Одатан ҳар як бача бо хислат ва нишонаҳои хоси модарзодии асаб (нерӯи мустаҳкам, мулоҳизакорӣ, серҳаракатӣ, устуворӣ, матонат) фарқ мекунад. Аз хусусиятҳои инфиродии системаи олии асаб қобилияти иҷтимоишавӣ, дарки воқеият ва олами беруна равшан ба назар мерасад. Яқин мегардад, ки омилҳои биологӣ дар рушди психикӣ-руҳии кулли бачагон, аз ҷумла, дорои имконияташон маҳдуд нақши муҳим мебозад.

Норасоии зеҳнии биологӣ дар натиҷаи ба иллат гирифтор шудани майнаи сари инсон ба амал меояд ва нуқсони дигари ҷиддӣ – фаъолияти муназзам ва мураттаби унсурҳои олии раванди дарку фаҳмиш (диққат, таваҷҷуҳ, хотира, тафаккури мантиқӣ, нутқи алоқаманд)-ро эҷод мекунад. Нуқсонҳои зикршуда махсусан дар вазъи рушди иҷтимоӣ-фарҳангии хонандагон эҳсос мешаванд.

Л.С.Выготский мегӯяд: "Норасоии дигар - ба ҳадди эътидол нарасидани ташаккули психикӣ ва руҳии хонандаи дар доираи ақлу зеҳн қафомонда дар ҳолатҳои одии муносибат ба атрофиён, рушд наёфтани

унсурҳои ҳис ва ирода, хударзёбии баланд ва ё паст, қафоравӣ ва зуҳури рафтори асабонӣ равшан мегардад. Аҳобии кор дар он аст, ки норасоиҳои дараҷаҳои дуюм ва сеюм ба нуксонҳои биологӣ низ таъсири манфӣ расонида, вазъи ҳолати мавҷударо боз ҳам мураккабтар ва душвортар мегардонанд. Маҳз фаъолияти ҳадафманди коррексионӣ ва чораҳои тасҳеҳию ислоҳӣ барои рафъи мушкилоти бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд дар самтҳои зикршуда мусоидат ва кӯмак мекунад" [23, с. 172].

Дар раванди таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам на танҳо ҷанбаҳои манфӣ, балки инчунин имконият ва хислатҳои мусбии бачагони дорои нуқсонҳо ба чашм расид. Чунончи, дар бачагони нобино ҳис ва қудрати табиии дарки масофа, фарқи фосилавии предметҳои гуногун ҳангоми роҳгардӣ, устувории хотираи шунавоӣ, қобилияти ламс кардан гардид. Дар доираи бачагони ношунаво бошад (кар, гӯшашон вазнин, ношунаво шудани гӯш), қобилияти имову ишорат бештар рӯ ба рушд овардааст.

Тазаккур медиҳем, ки "арзёбии воқеии рушди ғайримуқаррарии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд зарурати коркарди низоми махсуси таълим ва тарбияро дар заминаи имкониятҳои мусбии онҳо собит месозад ва ба миён мегузорад. Манбаи муҳимми мутобиқшавии бачагони дорои маҳдудиятҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳӣ ба омӯзишу парвариш роҳандозӣ кардан ва нерӯ бахшидан ба имкониятҳои мавҷудаи равонӣ ва ҷисмонии онҳо мебошад. Чунончи, бачаи гӯшаш вазнин (кар, ношунаво) унсурҳои биноӣ ва ҳаракатиро бештар кор мефармояд. Барои бачаи нобино узви шунавоӣ, ламс ва ҳиссиёти шоммаи ӯ (бӯйфаҳмӣ, яке аз панҷ ҳис) мавқеи хос пайдо мекунад. Бо дарназардошти аниқ ва амиқ будани тафаккури бачагони аз ҷиҳати ақл ва зеҳн қафомонда, мавҷудияти ҳис ва эҳсоси идроку қобилияти тафаҳҳум кардан афзалият бештар ва асосан ба маводҳои айёнӣ ва фаъолияти амалии бачагон бояд дода шавад" [38, с. 146].

Дар қисмати зерини рисола мо кӯшиш кардем тамоюлҳо ва хусусиятҳои иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро мавриди назарбинӣ ва таҳлилу баррасии илмӣ қарор диҳем. Аслан ва воқеан кор бо чунин афроди таваҷҷуҳ ба таҳсили махсусдошта ба василаи ҳамгироии онҳо ба ҷомеа бо роҳу усулҳои хоси таълиму тадрис, тарбия ва парвариш, корбасти муносибат ва ҳамкории инфиродии омӯзгор ва муҳассил, ислоҳи ноқисиҳо, рушди малакаҳои муошират ва муносибат, бунёди муҳити созгор ва босамар амалӣ мегардад.

Чунин роҳу равиши иҷтимоишавӣ тавассути ташаккули меъёрҳои ахлоқу одоб, рафтори намунавӣ, малакаҳои ҳамкорӣ бо ҳамсолон корбаст гардида, барои бартараф шудани ҷудоӣ ва тафовутҳои иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати ҳаёт ва зиндагӣ, рушди мустақилияти бачагони дорои имконияташон маҳдуд роҳи васеъ мекушояд [146; 147; 152].

Дар самти мазкур, ки яке аз равишҳои боэътимоди ташкил ва таъмини раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад, мо зарур донистем вижагиҳои калидии кору фаъолиятро мушаххас ва муқаррар намоем. Ба радифи вижагиҳои калидӣ чунин муносибат ва усулҳои кор дохил мешаванд:

1. Муносибати инфиродӣ ва тафриқаандозӣ: Раванди таълим ва тарбияи бачагони дорои имконияташон маҳдуд бо дарназардошти хусусиятҳои равонӣ (руҳӣ), ҷисмонӣ, қудрату тавоноии имконпазири онҳо, тавсияҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар самти таҳсилоти фарогир ташкил ва татбиқ мегардад.

2. Тамоюли коррексионӣ ва рушду такомули бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд: Машғулиятҳои синфӣ дар самти инкишофи нутқ, ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, вусъати ирода ва идроку эҳсос (дарки таассуроти олами берунӣ, ҳисси сомеа, қувваи шунавоӣ, ҳис кардан, пай бурдан) равона мегардад.

3. Ташаккули малакаҳои муошират ва муносибат: Корбасти роҳу равиши босамари дарсҳо бо мақсади таъмини робитаҳои иҷтимоӣ, малакаҳои гуфтор, муроҷиату муносибати муаддабона, риояи арзишҳои инсонӣ ва умумибашарӣ роҳандозӣ мегардад.

4. Бунёди муҳити созгори мутобиқ ва мувофиқ: Корбасти методҳои махсуси таълим, воситаҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ, техникӣ ва технологӣ, айёният, муҳити ороми психологӣ-педагогӣ.

5. Робитаи қавӣ ва устувор бо оилаҳои бачагони дорои имконияташ он маҳдуд: вобастани фаъоли волидон ба раванди мутобиқшавии бачагон ва эҳсоси доимии он, ки хонавода асоси иҷтимоишавии фарзандон аст.

Иҷтимоишавии бачагони дорои ниёз ба таҳсилоти фарогир самтҳои хоси худро низ дорад. Агар онро мантиқан ва мувофиқи самтҳои судманд тасниф ва ё гуруҳбандӣ намоем, пас чунин муқаррарот ҳосил мегардад:

- самти мутобиқшавии иҷтимоӣ-маишӣ (ташаккули малакаҳои худхизматрасонӣ ва мустақилӣ);

- самти мутобиқшавии иҷтимоӣ-иртиботӣ (коммуникативӣ): ташаккули малакаҳои муошират ва муносибат бо ҳамсолон ва калонсолону атрофиён.

Хушбахтона, дар Тоҷикистон баррасӣ ва густариши масъалаҳои марбути таҳсилоти фарогир беш аз пеш таваҷҷуҳи давлат ва ҳукумати кишварро ҷалб мекунад. Масъалаи мазкур дар сатҳи на танҳо мақомоти баландпоя, балки дар доираи хадамотҳои мухталифи иҷтимоии давлатӣ, тандурустӣ (соҳаи тиб), маориф ва мактаб, ҷомеаи илмии педагогҳо ва равоншиносон низ мавриди муҳокима, барномасозӣ, коркард ва корбаст қарор дорад. Мушкилот ва проблемаҳои шаҳрвандон, аз ҷумла, бачагони дорои нуқсонҳои саломатӣ, зеҳнӣ, руҳӣ-психологӣ торафт хусусияти рӯзафзуни умумихалқӣ ба худ касб мекунад, зеро вазъи мушаххаси психологӣ-физиологӣ ҳали як силсила масъалаҳои иҷтимоӣ,

молиявӣ, маънавӣ-ахлоқиро ҳам барои тоифаи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҳам хонаводаҳои онҳо тақозо мекунад.

Дар ин росто зикр бояд кард, ки рушду нумӯи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳифзу таҳкими захираҳои комилу мавҷудаи нерӯхои меҳнатӣ ва эҷодию эҷодкорӣ тасаввурнашаванда буда, дар навбати худ суръат ва афзоиши маъюбӣ (модарзодӣ, рух додани ҳолатҳои садамавӣ, осеб дидан, лат хӯрдан), тавлиди кӯдакони бонуқсон ва боиллат, носолиму касалманд мӯҷиби ба амал омадани мушкилотҳои гуногуни умумидавлатӣ ва умумихалқӣ мегардад.

Чунончи, танҳо дар шаҳру навоҳии Панҷакент дар давоми панҷ соли охир миқдори маъюбону маслуқон, кӯдакони носолим ва касалманд таваллудшуда, афроди мактабхони бо сабабҳои гуногун гирифтори бемориҳои шунавоӣ, биноӣ, ба педагог-дефектолог ниёзманд ба маротиб афзудааст. Агар ба маълумотҳои оморӣ назар андозем, нисбат ба солҳои пеш рақамҳои мавҷуда зиёд ба чашм мерасанд (дар ин хусус дар боби сеюми рисола шарҳи муфассал ҷой дода шудааст).

Ногуфта намонад, ки аксар вақт худи волидон нуқсонҳо ва норасоиҳои солимию ҷисмонии фарзандонашонро пинҳон мекунанд, бо баҳонаҳои гуногун онҳоро аз раванди таҳсил ва таълиму парвариш дур мегузоранд. Ба ин амали волидон бархе аз фарзандон ҳамроҳ ва ҳамраъй гардида, дар натиҷа солҳои бисёр аз омӯзишу парвариш маҳрум мемонанд. Аз ин лиҳоз волидон, муассисаҳои таҳсилот, ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ҳушёриро аз даст надиҳанд, зеро замоне фаро мерасад, ки фарзандони мубталои беморию нуқсонҳо ҳам аз таҳсилу парвариш дур мемонанд ва ҳам даври пирии падару модар бори гарон ва боиси парешонӣ мегарданд.

Мутаассифона, алъон низ аҳли ҷомеаи муосир ба дарку эҳсоси ин масъалаи басе нозук чуқур сарфаҳм нарафтаанд. “Таҳаммули ногузир ва ҳаётбахши масъалаи таҳсилоти фарогир на ҳамеша мадди назар қарор дорад ва он хоҳу нохоҳ ба иҷтимоишавии узви ҷамъият, махсусан,

бачагони маслуқу маъюб, зеҳну ақлашон ноқис, дорои нуқсонҳои руҳӣ-психологӣ, ношунавоӣ, нобиноӣ ва амсоли он монеаҳои ҷиддӣ фароҳам меорад. Бинобар ин зарур мешуморем, ки дар самти иҷтимоишавии ин қабил бачагони мубталои мушкилотҳои назарраси ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ-психологӣ ва физиологӣ шароитҳои мусоиди таълиму тарбия фароҳам оварда шуда, онҳоро пайваста ба ҳаёти ҷамъиятӣ шомил кардан аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Ба чунин афроди ба таҳсил ниёздошта мадад кардан маънии онро дорад, ки онҳо давра ба давра истеъдоду қобилиятҳои ниҳонии худро намоён мекунанд ва тадриҷан ба ҳаёти мустақил омода мегарданд” [38, с. 168].

Мутахассисон ва муҳаққиқони соҳаи таҳсилоти фарогир бар ақидаанд, ки иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд моҳиятан аз муносибати байн инсон ва муҳити атрофу ҷамъият иборат аст. Бачагон дар ҷараёни иҷтимоишавӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, рафтору гуфтори намунавӣ, урфу одат ва анъанаҳо, фарҳангу асолатҳои миллӣ бохабар шудаву баҳра мебардоранд. Коршиносон зикр мекунанд, ки раванди иҷтимоишавии бачагони дорои нуқсонҳои ҷисму ҷон, ақлу ҳуш ва руҳӣ-психологӣ марҳилаи бағоят душвор ва пурмасъули ташаккули шахсияти иҷтимоии онҳо маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо таҳаммул бояд кард, ки таҳсилоти миёнаи умумӣ давраи муайяни гузаришро дар ҳамбастагӣ бо рушди шахсияти бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва аз ҷониби онҳо гирифтани маълумоти саҳеҳ ва комилро ба миён мегузорад. Баҳонаҳои гуногун набояд садди иҷрои ҳадаф ва матлабу мароми ба таҳсил фаро гирифта шудани онҳо гардад. Унсурҳои инклюзия ҳамчун воситаи асосӣ ва муҳим ба бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар роҳи ииҷтимоишавии фаъоли онҳо кӯмак мекунад, ба ташаккули шахсияти онҳо роҳ мекушояд ва ҳамгироии онҳоро ба ҷомеаи муосир осон менамояд.

Аз омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки раванди иҷтимоишавии бачагони дорои нуқсонҳои саломатӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ

мушкилот ва муаамоҳои бештарро нисбати онҳое пешорӯ мекунад, ки проблемаҳои ҷиддии руҳӣ ва равонӣ доранд. Чунин тоифаи бачагон дар назди мардум худро ноҳинҷор ҳис мекунанд, аз нафрату надомати атрофиён метарсанд. Онҳоро барои тайёр кардан ба муҳити таҳсилоти умумӣ кори саҳлу осон нест. Аз ин лиҳоз ба волидон лозим меояд, ки бачагонро ҳануз мактабхон нашуда, аз хурдсолӣ ба ҷомеа наздик намоянд, омодагии онҳоро дар муассисаҳои томактабӣ таъмин гардонанд. Воқеан, муассисаҳои томактабӣ барои мутобиқшавии бачагони ниёз ба кӯмаки логопеддошта саҳми бузург мегузоранд ва аввалин қадамҳои ислоҳи нутқ, талаффуз, муошират ва муносибат маҳз дар он ҷо гузошта мешавад.

Барои он, ки “муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти босамари коррексионӣ-ислоҳиро мавриди роҳандозӣ қарор диҳанд, мавҷудияти ҳайати педагогҳо ва психологҳои босалоҳияти дорои таҷрибаи пухтаи корӣ дар шароити таҳсилоти фарогир ногузир аст. Дар роҳи таъмини раванди иҷтимоишавии самараноки бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд аз роҳу усулҳои гуногуни анаъанавӣ ва технологӣ, хоса, бобати ҳифз ва барқароркунии саломатии онҳо истифода бурдан тавсия мегардад” [153, с. 33].

Муассисаҳои таҳсилот базаи мустаҳками моддӣ-техникӣ дошта, барои таълим ва тарбияи тоифаи бачагони нуқсондор мувофиқи қобилият ва имкониятҳои онҳо шароити мусоид бояд фароҳам оваранд. Мактаб ва волидон мунтазам аз вазъи саломатӣ ва ҳолати таълиму тарбияи бачагон хабардор буда, дар роҳи расидан ба ҳадаф саҳми муштарак гузошта бошанд.

Ҳамин тариқ, гуфтан бамаврид аст, ки барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мақоми муҳити таҳсилот ва синфҳои омодашудаи махсус бо дарназардошти хусусиятҳои инклюзивии хонандагон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Татбиқи амали ва роҳу равиши самараноки

таҳсилоти фарогир тавассути риояи омилҳои зерин имконпазир мегардад:

1. Кулли бачагони дорои имконияташон маҳдуд мувофиқи ҷойи истиқомат ба таҳсил ва хаёти иҷтимоии мактаб дарбар гирифта мешаванд.

2. Асолати таҳсилоти фарогир (низоми инклюзия) бунёди муҳити қонеъкунандаи хоҳиши ҳар нафаре, ки ба таҳсил ниёз ва эҳтиёҷи махсус дорад.

3. Моҳиятан дар доираи мактабҳои инклюзивӣ ҳамаи бачагон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, натанҳо онҳое, ки маслуқу маъюб ё нуқсонҳои дигари солимӣ, зеҳнӣ, руҳӣ-психологӣ доранд. Ҳадафи асосӣ – фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия ба хотири пешравӣ, таъмини ҳуқуқи бемайлони таҳсил ва омода шудан ба ҳаёт ва фаъолияти мустақили касбӣ.

Таҳсилоти фарогир тарзи нав ва пешқадами таълиму тарбия маҳсуб ёфта, дар ҷомеаи муосир аз нигоҳи арзишҳои инсонӣ ва умумибашарӣ пешомадҳои бузург дорад. Он имкон медиҳад, ки ҳар як бачаи дорои имкониятҳои маҳдуд ҳуқуқи фарогирӣ ба таҳсилу таълими босифатро дастрас намуда, барои дарёфти ҷойгоҳ ва мақоми хеш дар ҷамъият муваффақ гардад. Чуноне ки муҳаққиқи рус С.В.Алехина мегӯяд: “Таҳсилоти фарогир – роҳи воқеӣ ба сӯйи оянда буда, имкон медиҳад, ки хамаи одамон ҳуқуқи хондан, омӯхтанро тамоми умр ба даст оварда, дар заминаи донишҳои наву тоза ҳам барои худ ва ҳам ҷомеа манфиатҳои зиёд муҳайё хоҳанд кард” [4, с.3].

Хулосаи боби дуюм

Гузориш ва баррасии масъалаҳои боби дуюм таҳлил, корбаст ва тақвияти кулли андешаҳо, пайдо намудани дурри матлабро бобати коркард ва таҳияи асосҳои илмӣ-методологии таҳсилоти фарогир ба далелнокии муҳокима ва арзёбӣ вогузор кард. Мусаллам гардид, ки

фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин иқдом ва ташаббуси хайрандеш мебошад. Зиёда аз он, таъсиси мақсадноки муҳити таҳсилоти фарогир қадами устувор ба ҷониби арзишҳои умумиинсонӣ ва умумибашарӣ буда, ба меъёрҳои байналмилалии хуқуқи кӯдакон ва ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуди ниёз ба таҳсили махсусдошта мусоидат мекунад.

Омӯзиш ва таҳлили равиши таҳқиқоти мазкур собит намуд, ки асоси таҳсилоти фарогирро ғоя ва идеологияе дарбар мегирад, ки дар он ҳама гуна унсурҳои поймолгардии ҳуқуқ аз байн бардошта шуда, муносибати баробар ва шароити мусоид ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилдошта фароҳам оварда мешавад. Яъне таҳсилоти фарогир раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, дастрас будани таълиму таҳсилро барои ҳама, сарфи назар аз нуқсонҳо, иллатҳо, камбудиҳо, норасоиҳо ва имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ таъмин месозад.

Дар рафти таҳлилу баррасӣ яқин гардид, ки таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегарад.

Қобили зикр аст, ки қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳким ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи ҳуқуқи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсил нақши бориз дорад. Татбиқи амалии Консепсия имкон медиҳад, ки бачагони ниёз ва талаботи махсуси таҳсилдошта бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи ин иқдоми наҷиб ва хайрандеш натанҳо аз падару

модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат масъулияти зиёд ва ташаббуси махсусро тақозо мекунад.

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ, таҳлил ва омӯзиши афкори муҳаққиқон, мутахассисон ва дастандаркон моро ба тақвияти чунин фикри сареҳ ва возеҳу равшан ҳидоят месозад: таҳсили фарогир (инклюзия) аз падидаҳои стратегии навин ва бемайлони таҳсилу таълими махсус маҳсуб меёбад. Инклюзия шоҳроҳи умед ва ормонҳо барои кӯдакону бачагоне, ки худро дар ҳалқаи ҳамсолон ва ҳамсабақони хеш дар омӯзишу парвариш дидан ва пайвастан мехоҳанд.

Таҳлилу баррасии масаъалаҳои боби дуюм собит кард, ки қазияи дигари хеле муҳим, ки диққат ва таваҷҷуҳи моро беш аз пеш ба худ ҷалб кард, масъалаи таҳаввул дар фаъолияти мактаби муосир ва шуури волидону ҷомеа дар таҳкими пояҳои устувори таҳсилоти фарогир мебошад. Яъне сухан бобати фаъолият ва таваҷҷуҳи мактаби муосир нисбат ба ташкили раванди таълиму парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, солимӣ) меравад. Яқин гардид, ки доманаи масъала васеъ ва фарох буда, вазифаи мактаб, волидон ва ҷомеа ҷиддӣ ва ҳалталаб ба назар мерасад.

Таҳқиқот ошкор сохт, ки мактаби муосир фаъолияти амалии хешро барои ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бо дарназардошти таъмини босифати таълиму тарбия равона мекунад. Дар ин росто дар назди мактаб як силсила вазифаҳо мавҷуд аст, ки бояд ҳалли худро пайдо карда тавонад. Аз ҷумла, таҳияи барномаҳои инфиродии таълимӣ, омода кардани омӯзгорони самти таҳсилоти фарогир, ташкили муҳити педагогӣ-психологӣ, муносибати бурдборонаю ботаҳаммул ва амсоли он.

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки дар раванди таҳсилоти фарогир татбиқи амалии ғояи аз амсилаи “тафриқа” ба модели “фарогирӣ” ҳамчун масъалаи асосӣ ба амал меояд. Ин амсила дар таҷрибаи пешқадами аксар мамлакатҳои ҷаҳон дар тавассути модели

сегрегативӣ, ки моҳиятан таъсиси мактабҳои махсуси фарогирро дар назар дорад, амалӣ мегардад. Тамоюли ба таҳсилоти фарогир рӯ овардани мактаб ва ҷомеа хусусияти бузурги гуманистӣ-башардӯстӣ дорад, зеро ҳар як кӯдак, сарфи назар аз вазъи саломатӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он ҳуқуқи комили таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ дорад.

Таҳқиқот қадам ба қадам андешаи моро дар таъмини муҳити созгори таҳсилоти фарогир қавӣ гардонида, ба чунин хулоса овард, ки барои шароити Тоҷикистон соҳаи инклюзия ҳамчун стратегияи олии иҷтимоӣ ва рушди сифати таҳсил бояд пазируфта гардад. Чунончи, самти иҷтимоии он раванди хеле одилона ва инсондӯстонаи баробарҳуқуқии афроди дорои имкониятҳои маҳдуд ба маънои том мебошад (сарфи назар аз навъи мухталифи нуқсону иллатҳои ҷисмонӣ, руҳӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва амсоли он).

Дар боби дуюм оид ба иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Аз ҷумла, собит гардид, ки иҷтимоишавии бачагон раванди ногузири дарк кардан ва қабул намудани меъёрҳо, арзишҳо, малакаҳои рафтору муносибат ва муошират дар ҷамъият аст. Чунин амалҳо имкон медиҳад, ки бачагони дорои иллатҳои гуногун, аз ҷумла, ҷисмонӣ, зеҳни заиф ва идроки ноқис ба воқеияти олами беруна ва муҳити мактабу хонавода пайваста мутобиқ мешаванд, бо атрофиён муомила, муносибат ва муошират карда метавонанд, ба қобилияти фикр кардан фурӯ мераванд.

БОБИ 3. ДУРНАМО ВА РОҲУ РАВИШИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ПЕДАГОГӢ ВА ИҶТИМОӢ

3.1. Таҳсилоти фарогир ва мактаби фарогир – ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи консепсияи фаро гирифтани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълим

Дар ду боби аввали рисола моҳият, асолат ва арзишҳои умумибашарии таҳсилоти фарогир, таҷрибаи кишварҳои гуногуни дунё оид ба таҳаввул, густариш ва корбасти масъала аз дидгоҳи илмӣ-методологӣ маврид баррасӣ қарор гирифт. Дар фасли нахусти боби сеюм тасмим гирифтем, ки оид ба ду модели ба ҳам тавъам, ҷуфт ва муносиби татбиқи таҳсилоти фарогир изҳори андеша намоем ва мушкилоту дурнамои масъаларо оид ба татбиқи ҳаматарафаи он таҳлил ва пешниҳод намоем.

Ҷалби кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълиму парвариш як хусусияти нодирро касб мекунад: иҷтимоишавии чунин афроди аз ҷамъият дурмонда ба маротиб афзоиш ёфта, маҳдудияти байни иртибот ва муносибати онҳоро аз байн мебарад, ба ташаккули маърифатӣ ва мустақилии онҳо сабаб мешавад, имкони медиҳад, ки аз кунҷи узлат (гӯшанишинӣ, танҳоҷӯӣ, хилватгузинӣ) бурун омада бошанд. Ҷомеаи ватанӣ низ муваффақ мегардад, ки дар шахсияти онҳо узви фаъоли худро афзун кунад, то тавассути донишандӯзӣ роҳу равиши зинадгии худро бунёд намоянд. Фаромӯш набояд кунем, ки дар байни бачагони дорои нуқсонҳои гуногун истеъдодҳои нодир низ ҳастанд ва онҳоро ба маҷрои зиндагии фаъол ҳидоят бояд кард.

Яқин гардид, ки “таҳсилоти фарогир, пеш аз ҳама, талошест барои ҳуқуқ ба зиндагии арзанда ва доштани ҳуқуқ ба арзишҳои ҷаҳони муосир. Ҳамаи ин ҳуқуқҳо бояд ба ҳама, новобаста аз рушди ҷисмонӣ ва равондода шавад, вале, тавре маълум аст, инсон имавҷудоти иҷтимоӣ аст. Бинобар ин ҳолати маънавии ҷомеа ва солимии он бевосита ба он

вобаста аст, ки ҳар як узви ҷомеа то кадом андоза худро дар байни ҷамъият осудаю бароҳат эҳсос мекунад. Дар ин асос чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳсилоти фарогир танҳо дар он ҷамъияте муваффақона ҷорӣ карда мешавад, ки он аз нигоҳи маънавӣ солим бошад. Вале ба ҳар ҳол таълим ва ҷомеа бо ҳам алоқамандӣ доранд, чунки роҳандозии таҳсилоти фарогир солимии маънавии ҷомеаро беҳбудӣ мебахшад" [54, с. 15].

Дар баробари ғояи "таҳсилоти фарогир" мафҳуми хеле ҷолиби "мактаби фарогир" ҳукми таваҷҷуҳ ва амал пайдо кард. Дар мавриди таҳлил ва таҳқиқи сохторӣ-семантикии ин мафҳум андешае ба миён меояд, ки он (яъне мактаби фарогир) ҳама гуна муассисаҳои таҳсилотро дарбар мегирад (таҳсилоти умумӣ, миёнаи касбӣ, макотиби олӣ). Ба андешаи муҳаққиқон Маҷидова Б, Юнусова Н.М. ва Қурбонова Г.А., "мактаби фарогир, пеш аз ҳама, чунин мактаби демократист, ки эҳтироми одамон ва эҳтироми тарзи зиндагии онҳоро талқин менамояд. Дар чунин мактаб талабагон ва омӯзгорон ҷодкорона кор карда, проблемаҳои таҳсилотро якҷоя ҳал менамоянд" [6, с. 16].

Муҳаққиқони номбурда ҳамзамон ду мафҳуми дигари ба ҳам тавъам – синфҳои инклюзивиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гуруҳҳои инклюзивиро дар муассисаҳои томактабӣ шоистаи қабул ва роҳандозӣ пешниҳод мекунанд. Таълим ва таҳсилоти инклюзивӣ дар синфҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба бачагони солим ҳисси таҳаммул, ҳамраъйӣ, дилсӯзиро нисбати ҳамсолони худ, ки дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва равонӣ мебошанд, ташаккул медиҳад. Ин ҳиссиёт дар ёрию мадад расондан, меҳрубонию дастгирӣ намудан, ҳамкорӣ кардан ифода меёбад, ки дар густариши хислатҳои нек ва сифатҳои ахлоқии ҳар як кӯдак мақоми арзанда мегузорад.

Азбаски тафсилоти моҳият мазмун ва хусусиятҳои муҳимми таҳсилоти фарогир дар ду боби аввал пурра шарҳу эзоҳ ёфт, дар зер

кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки вижагиҳо ва паҳлуҳои мубрами мафҳуми “мактаби фарогир”-ро аз нигоҳи арзишҳои педагогӣ дида бароем. Аллакай аз таҳлил ва баррасии гузориши масъала равшан мегардад, ки “мактаби фарогир” моҳияти аслии худро дар робита ба гуногуншаклии фарҳангҳо, дастрасӣ ба дониш, малака, маҳорат, салоҳият ва иттилоот, фардикунонии ҷараёни таълим, ҳамкории мутахассисони соҳаҳои гуногун, робитаи мактаб, хонавода ва ҷомеа ва амсоли он намоён мекунад.

Кулли муҳаққиқон итминони комил доранд, ки дар муҳити мактаби фарогир “талабагон бояд таҳсил кунанд ва барномаи таҳсилоти умумиро азхуд намоянд, вале ҳар як талаба ба ин бо тарзу услуби инфиродии худ ва бо муваффақиятҳои ҳархела комёб мегардад” [6, с.17].

Принсипи дигаре, ки дар муҳити мактаби фарогир роҳандозӣ мегардад, дастрасии комил ба донишандӯзӣ, ташаккули маҳорат, малакаю салоҳиятмандии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад. Чунин принсипи роҳандозӣ ва татбиқи амал ёфтани мактаби фарогир хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки дар раванди таҳсил барояшони озодии интихоб муқаррар карда шавад. Аз ин лиҳоз, “принсипи мазкур мақсади асосии таҳсилот ба шумор меравад, бинобар ин ҳамаи навъҳои фаъолияти мактаби фарогир ба ин принсип ва ба инъикоси он дар фаъолияти талабагон, оилаҳои онҳо, омӯзгорон ва дигар иштирокдорони ҷараёни таълим нигаронида шудаанд” [6, с. 17].

Як хусусияти фарқкунанда ва барҷастаи мактаби фарогир дар он зуҳур меёбад, ки дар рафти татбиқ ва фаъолияти он фардикунонии ҷараёни таълим мавқеи асосӣ пайдо мекунад. Аслан, фардикунонии раванди таълим ташкили чунин равиши дарс мебошад, ки дар он суръат, роҳу усул, методҳо, шакл ва тарзи пешниҳоди маводди таълимӣ бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як хонанда интихоб ва корбаст мегардад. Ҳадаф – фароҳам овардани шароити мусоид барои пешрафти

ҳар як хонанда бо дарназардошти қобилият ва истеъдоди ӯ, дараҷаи омодагӣ, суръати дарки мавод ва иттилоот мебошад.

Боз як хусусияти фарқкунандаи мактаби фарогир дар ташкили ҳамкории судманди мутахассисони соҳаҳои гуногун мебошад. Чунонки донишмандони ватанӣ изҳор медоранд, “ягон муаллим/мураббӣ дар сурати таълим додани миқдори зиёди кӯдакони гуногун муваффақият пайдо карда наметавонад: ба вай ёрии ҳамкорон зарур мешавад. Агар мутахассисони соҳаҳои гуногун якҷоя кор кунанд, ба онҳо ҳаматарфа инкишоф додани ҳар як кӯдак муяссар мегардад” [6, с.17].

Дар айни замон дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мактаб-интернатҳои типи махсус амал мекунанд, ки ба принсипҳои таъсис ва фаъолияти мактаби фарогир наздик ва монанд мебошанд. Аз ҷумла, таҷрибаи пешқадами мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи ноҳияи Рӯдакӣ қобили тавсиф ва эътирофу омӯзиш аст. Мактаб-интернати номбурда муассисаи махсуси таълимӣ (ҳамчун типи мактаб-интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд) маҳсуб ёфта, анқариби ним аср (аз 18.07.1979, №63, фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) фаъолияти амалии пурмаҳсул дорад.

Қабули хонандагон ба мактаб-интернат дар асоси хулосаи машваратгоҳи психологӣ, тиббӣ ва педагогӣ ва роҳхати Вазорати маориф ва илм амалӣ мегардад. Дар ин муассиса таҳсили комил кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи дорои нутқи инкишофнаёфтаи дараҷаи сабук, ки дар натиҷаи осеб дидани шунавоӣ ба вуҷуд омадааст ва инчунин барои кӯдакони шунавоияшон суст ва деркаршудаи дорои нутқи инкишофнаёфтаи дараҷаи вазнин, ки дар натиҷаи осеб дидани шунавоӣ зуҳур кардааст, ба таҳсилоти фарогир ҷалб карда шудаанд.

Айни замон дар ин муассисаи таҳсилот зиёда аз 300 нафар хонадагони нуқсонҳои шунаоидошта аз кулли қаламрави ҷумҳурӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Дар байни онҳо кӯдакони ятим,

бепарастор ва дар ихтиёри хешу акрабомонда гниз ҳастанд ва ба онҳо имкони ба таҳсил фаро гирифта шудан пешниҳод шудааст. Қобили зикр аст, ки ин зумра хонандагон бо сабабҳои маълум ва мавҷуд будани нуқсонҳои хоси шунавоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хондаю таълим гирифта наметавонанд.

Бо амри Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарпарастии мактаб-интернат аз ҷониби Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи куҳкории кишвар ба зимма гирифта шудааст. Мактаб-интернат дорои бунгоҳи тиббӣ, бинои таълимӣ, бинои хобгоҳ, бинои ошхона, ҳаммом, ҳуҷраҳои либоспӯшӣ, толори варзишӣ буда, зиёда аз 40 омӯзгорон ва кормандони равоншинос, тиб, варзиш кору фаъолият мебаранд. Шумораи мураббиён низ шистаи тавсиф аст ва зиёда аз 30 нафарро ташкил медиҳад. Аксар дорои маълумот олӣ буда, дорои тахассуси дараҷаи олӣ низ байнашон зиёда аз 70%-ро ташкил медиҳад.

Барои хонандагони мактаб-интернати мазкур китоби дарсии “Алифбо” ва “Инкишофи нутқ” омода шудааст. Омӯзгорон М.Неъматова ва Ш.С.Шодмонов барномаи фанни забони тоҷикиро барои синфҳои ибтидоии мактабҳои кӯдакони шунавоияшон суст таҳия кардаанд, ки барои танзим ва мураттаб ҷараён ёфтани раванди таълими чунин категорияи хонандагони имкониятаашон маҳдуд саҳми арзанда дорад.

Воқеан, мактаб-интернатҳои таҳсилоти фарогир дар қаламрави ҷумҳурӣ чунин типи махсуси муассисаҳои таълимиро дарбар мегиранд:

1. Барои қудакони нобино ва камбино.
2. Барои кӯдакони ношунаво ва нишунаво.
3. Барои кӯдакони забонашон лакнатдор.
4. Барои кӯдакони гирифтори фалаҷи мағзи сар.
5. Барои кӯдакони ҳолати боздоштаи рушди равонӣ.
6. Барои кӯдакони акибмондаи зеҳнӣ.

Айни замон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти фарогир дар қаламрави мамлакат зиёд буда (мувофиқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ аз соли 2017 зиёда аз 80 адад), 18-тои онҳо мактаб-интернатҳои иҷтимоии омехта, 13 ададашон бо таълиму тарбияи кӯдакони имкнияташон маҳдуд фаъолият мебаранд. Дар ҷумҳурӣ 5 кӯдакистони табобатӣ (санаторӣ) барои кӯдакони гирифтори бемории сил мавҷуд аст.

Тазаккур бояд дод, ки бо дастур ва ҳидоятҳои Пешвои миллат, сарвари муаззами Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар айёми истиқлоли давлатӣ таваҷҷуҳ ба таъмиру тардиди биноҳои мактаб-интернатҳо, фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму парвариш, ҷиҳозонидани синфхонаҳо, макони истиқомати кӯдакони имконияташон маҳдуд корҳои зиёд ба анҷом расидааст. Алъон аксари муассисаҳои таълимии зикршуда бо ашёу унсурҳои ёрирасони баланд бардоштани сифати таълим, вазъи фароғатӣ-истироҳатии ашхоси маҳдудиятдошта рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

Аз ҷумла, “омода кардани маводҳои иловагии дидашаванда, расму суратҳои гӯё ва равшану намоён, ҷадвалҳо, тахтаҳои электронии иртиботӣ (коммуникативӣ), мукотиба бо истифода аз дастгоҳҳои электронӣ, мувофиқ намудани барномаҳои таълим ба талабот кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳо, таҷдиди назари нақшаҳои таълим вобаста ба имкониятҳои воқеии онҳо, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадам ва муосири таълим ва тадрис, омодагии комили ёварони ашхоси маъюбу махлус, кӯмаки мураббиён ҳангоми иҷрои супоришҳои хонагӣ ва амсоли он ба ҳукми анаъана ва иҷрою амал ворид шудааст” [158, с. 122].

Дар шароити кунунии рушди таҳсилоти фарогир тақвият бахшидан ба фаъолияти фаъолияти мактаб-интернатҳо бағоят кори хайр буда, ҳамзамон созмон додани мактабҳои махсуси фарогир душвор ва вақтталаб аст. Ба андешаи мо, дар марҳилаҳои нахусти таъсиси чунин мактабҳо, ки оҳанги бузурги инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ дорад, яке аз

роҳҳои самаранок – ташкили ҳамкорӣ бо хонаводаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ мебошад. Мутаассифона, на ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз уҳдаи ҳали ташкили ин масъалаҳо баромада метавонанд. Маҳз ҳамкорӣ бо муассисаҳо, ташкилотҳо, созмонҳо, сафоратхонаҳои давлатҳои ба мо дӯст ва беғараз дар ҳалли мушкилотҳои мавҷуда ва, хоса, бунёди мактабҳои махсуси фарогир кӯмак карда метавонад.

Созмонҳо, Хазинаҳо, Ҷамъиятҳо ва Марказҳои зиёде дар қаламрави ҷумҳурӣ амал мекунанд ва ҳар яке дар густариш ва рушду нумӯи таҳсилоти фарогир саҳми босазо доранд. Дар ин росто махсусан хидмати Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) ва Шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти “Ҷамъияти кушода” – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон (ИҶК – БМ) ҳамчун муҳимтарин шарикони Вазорати маориф ва илми ҶТ шоистаи эътироф ва тавсиф аст.

Аз ҷумла, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар самти густариш ва рушди таҳсилоти фарогир корҳои зиёдеро анҷом додааст. Бо дастгирии ин Хазина тайи чанд соли охир Академияи таҳсилоти Тоҷикистон якчанд конференсияи байналмилалиро дар пойтахти ҷумҳурӣ ш. Душанбе (солҳои 2012, 2013, 2019, 2023) доир намуда, дар доираи он масъалаҳои мубрам ва дурнамои рушди таҳсилоти фарогир бо назардошти вазъи воқеӣ, мушкилоту муаммо ва вазифаҳои навбатӣ мавриди баррасӣ ва муҳокимю пешниҳодот қарор гирифт.

Бо дастгирии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар назди Вазорати маориф ва илми ҶТ гуруҳҳои корӣ оид ба таҳияи маводи методӣ барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсис ёфтанд. “Гуруҳҳо вобаста ба навъи норасоиҳои кӯдакон дар рушд (дорои маҳдудиятҳои узвҳои ҳаракат, ношунавоён ва камшунавоён, нобиноён ва сустбиноён, норасоиҳо дар рушди ақлонӣ ва равонӣ) ташкил ёфта, дар ҳар яки онҳо мутахассисон, омӯзгорони

муассисаҳои ёрирасон ва намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ шомил буданд. Барои аъзои гуруҳҳои корӣ семинар-тренингҳо бо ҷалби мушовирони байналмилалӣ доир гардиданд” [8, с. 99].

Гуфтан ба маврид аст, ки туфаайли дастгирии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) якчанд лоиҳаҳои муҳим дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятии “Иқтисодиёт ва маориф”, “Ташаббуси ҷавонони Тоҷикистон”, “Рушди инклюзия, “Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир” ва амсоли он низ татбиқи худро ёфтанд.

Тафсилоти махсусро Барномаи “Таҳсилоти фарогир ва босифат”, ки аз ҷониби ЮНИСЕФ барои солҳои 2016-2020 роҳандозӣ гардид, тақозо мекунад. Дар ин росто бобати ташакул ва рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯиҳои муҳим ба амал оварда шуд. Аз ҷумла:

1. Таҳкими сиёсат ва қонунгузорӣ барои беҳтар намудани дастрасӣ ба таълими барвақтӣ ва барномаҳои омодашавӣ ба мактаб бо сифати баланд, бо шароити одилона ва дастрас.

2. Коҳиши шумораи кӯдакони аз мактаб дурмонда ва афзоиши сатҳи давомот ва хатми мактаб.

3. Ташвиқи ҳуқуқи кӯдакони дорои маъюбият ба таҳсилоти фарогир.

4. Таъмини таҳсилоти фарогир ва одилонаи босифат ва мусоидат бо имкониятҳои омӯзиш ва таҳсил дар давоми ҳаёт барои ҳама.

Тазаккур медиҳем, ки мактаби фарогир ҳамчун сохтори таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ба ҳама гуна пешомадҳо ва нокомиҳо бояд омода бошад. Чунин мактаб ба талаботи махсуси кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар робита бо ҳамкорони ташкилотҳо ва Марказҳои дастгирӣ мутобиқ гардонда мешавад. Дар раванди ҳамкорӣ саҳми донишмандони илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ, тиб, муҳаққиқон ва дастандаркорон низ бағоят бузург арзёбӣ мегардад. Хонаводаҳо,

ҷомеаи шаҳрвандӣ, мутахассисони идораву муассисаҳои давлатӣ дар роҳи бартарафсозии мушкилот ва монеаҳо аз нерӯи боэътимоди рушди низоми таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Дар раванди фаъолияти мактабҳои фарогир мақоми омӯзгор мавқеи хосро ишғол мекунад. “Омӯзгор бояд ба ҳар як талаба боварӣ дошта бошад, ба қобилияту истеъдоди ӯ баҳои сазовор диҳад, сарфи назар аз миллат, мансубият ба ин ё он фарҳанг, забон, ҷинс, қобилият ё шароитҳои оилавӣ ба пешрафти ҳар хонанда умед бандад” [6, с.18].

Дарки моҳияти мактаби фарогир ва таҳсилоти фарогир муқаррароти “Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак”-ро (соли 1989), ки аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон 26 июни соли 1993 ба тасвиб расидааст, афзун мегардонад. Конвенсия эътирофи ҳуқуқҳои ҳамаи кӯдакон, бартарияти арзишҳои умумиинсонӣ ва инкишофи мутаносиби шахсият, поймол накардани ҳуқуқҳои кӯдакони маъюбро ба маърази баланди қабул ва роҳандозӣ гузошта, ба рушди шаклҳои гуногуни таҳсилот, минҷумла, фарогир мусоидат мекунад.

Қобили эътироф аст, ки соли 1993 аз ҷониби СММ Қоидаҳои стандартии таъмини имкониятҳои баробар барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, аз ҷумла, маъюбон тасдиқ гардид. Ҳадаф – эҳтиёҷи кӯдакон/наврасони маъюб ба гирифтани маълумот дар муҳити мактаб ва таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) чун қисми ҷудонашавандаи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Форуми умумиҷаҳоние, ки соли 2000 дар Дакар баргузор гардид, консепсияи таҳсилоти фарогирро тасдиқ намуда, таҳсилро барои ҳама гуруҳҳои осебпазир, минҷумла, кӯдакон, сокинони дурдасти деҳот, ақаллиятҳои миллӣ ва билкулл дорои эҳтиёҷу ниёзи махсус эълом кард. Дар ин Эъломияи Дакар Ҳадафҳои таҳсилоти ҳазорсола дар соҳаи маориф, таъмин ва дастрасии кулли кӯдакон ва бачагони эҳтиёҷманд ва хоса духтарон ба таҳсилоти ҳатмӣ ҳукми қабул ва татбиқ қарор гирифт.

Дар роҳи татбиқи эъломия инчунин “Чаҳорчӯбаи амалиёт ҷиҳати таҳсили одамони дорои эҳтиёҷоти махсус” қабул гардид, ки дар он “асосҳо ва принсипҳои роҳнамои фаъолият бо дарназардошти хусусиятҳо ва имкониятҳои соҳаи маорифи миллии кишварҳо пешниҳод гардид. Ах ҷумла, дар заминаи қонунгузорӣ эътироф намудани принсипи баробарии имкониятҳо барои кӯдакон, ҷавонон ва калонсолони дорои нуқсонҳои ақлӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ; ба инобат гирифтани норасоиҳои инфиродии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд (шунавоӣ, таваҷҷӯҳ ба забони имову ишора ҳамчун василаи боэътимоди муошрати байни ин зумраи одамон); мутобиқи талаботи махсуси ашхоси дорои нуқсони шунавоӣ ба муошрати ҳамарӯза дар муассисаҳои махсуси таълимӣ ташкили синфҳои махсус ва ғайрианъанавӣ ва амсоли он” [38, с. 26].

Дар заминаи омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти афкору таҷрибаи пешқадам бобати асолат ва вазифаҳои мактаби фарогир мо ба чунин хулоса омадем, ки қадамҳои устувор дар робита ба ин масъалаи ҳаётан зарур имкон медиҳад, ки принсипҳо ва муқаррароти кулли Конвенсияҳо, Эъломияҳо бояд татбиқи амалии худро пайдо карда бошанд. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои пешниҳодшуда дар самтҳо, андешаҳо ва роҳу равиши зерин бояд роҳандозӣ гардад:

1. Эҳсоси зарурият ва таъсиси ногузири мактабҳои махсуси фарогир бо мақсади таҳсили якҷояи кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногун бо дарназардошти иллатҳо ва норасоиҳои инфиродӣ (шунавоӣ, биноӣ, камзеҳнӣ, маъюбӣ, маслухӣ, нуқсонҳои нутқӣ ва амсоли он).

2. Муассисаҳои таҳсилот бо дарназардошти иллатҳо ва норасоиҳои инфиродӣ чунин усулҳои дарсдиҳиро корбаст намоянд, ки мутобиқ ба хусусиятҳои инфиродии кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногун мебошад.

3. Мактаби фарогир дар заминаи таҳсили якҷояи кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногун шароити баробари таълиму

парваришро фароҳам месозад, тафриқаандозиро байни муҳассилин аз байн мебардорад, муҳити психологии айниро ташкил медиҳад ва ба ташаккули таҳсили бидуни имтиёз (табъиз) мусоидат мекунад.

4. Мактаби фарогир проблемаи маблағсупориро барои хониши фарзанд дар муассисаи таҳсилот аз ҷониби хонавода аз байн мебардорад ва ё бо харҷи нисбатан кам ва арзон иктифо мекунад.

Тазаккур бояд дод, ки таълим дар мактабҳои махсуси фарогир ва дар синфҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар сурати мавҷуд набудани мактабҳои махсуси фарогир) ҳам барои кӯдакону бачагони солим ва ҳам дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ аз аҳаммият холӣ нест, зеро таҳсили якҷоя бо хонандагони солим ва пешқадам рағбати ашхоси дорои имкониятҳои маҳдудро, андаке ҳам бошад, меафзояд.

Дар ин росто саҳми омӯзгорони синф ва мактабҳои фарогир бағоят бузург аст. Онҳо яқинан тафовути инфиродӣ ва имкониятҳои бачагони гуногунқобилият ва гуногунсалоҳиятро хуб дарк мекунанд, бо волидон ва мутахассисони соҳаи тиб, равоншиносон, логопедҳо ва кормандони соҳаи иҷтимоӣ ҳамкори судманд ва босамарро ҷустуҷӯ ва пайдо мекунанд.

Натиҷаи таҳқиқотҳо собит месозад, ки “ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ноқисиҳои саломатӣ (зеҳнӣ, ҷисмонӣ) мутавассит шудан ва роҳ ёфтан ба низоми таҳсилоти фарогир дар мактабҳо ва синфхонаҳои махсус бобати пешрафти онҳо, баланд шудани сифати омӯзиш ва парвариш мусоидати комил менамояд. Хоса, баробарҳуқуқии бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта риоя гардида, рағбат ва шавқу завқи онҳоро ба донишандӯзӣ, иштироки фаъол ва муштаракро дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ва минтақавӣ бедор ва афзун месозад” [38, с. 29]..

Нуктаи дигари муҳим оид ба тафсилоти низоми таҳсилоти фарогир дар он аст, ки омӯзгорон ба такмили касбияти хеш дар ин ҷода пайваста

кӯшиш мекунанд. Дар ин роҳи мураккаб ва айни замон пуршараф онҳое комёб мегарданд, ки агар дониши чуқур ва таҷрибаи корро бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дошта бошанд. Омӯзгорони ҷавонро ба таҳсилоти фарогир вобаста кардан чандон ҳадафпазир нест, зеро фаъолияти педагогӣ дар ин самт омодагии комили касбӣ, психологӣ ва иҷтимоиро тақозо мекунад. Дар ин росто таваҷҷӯҳ ва эътибори маъмурияти муассисаҳои таҳсилот низ бағоят бузург аст, зеро дастгирии омӯзгорони ҳам ботаҷриба ва ҳам ҷавон чораю тадбири хубе дар ин роҳи накӯ ва хайрхоҳ аст.

Проблемаи дигаре, ки дар ин самт вуҷуд дорад, аз он иборат аст, ки дар аксари мамлакатҳо маълумоти воқеии оморӣ оид ба миқдори бачагони дорои нуқсон ва иллатҳои гуногун, ки ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шомил шудаанд, мавҷуд нест. Вазъи ҳол аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди фарогирии бачагони дорои талаботи махсус ба таҳсил бидуни ташкили муназзам мураттаб ёфта, ба принсипҳо ва асосҳои инклюзивии таълим ҷавобгӯй нест. Дар ҳоле, ки масъала рушди ботартибро бо риояи қоидаву қонунҳои таҳсилот фарогир тақозо мекунад.

Масалан, дар ҳудуди шаҳру навоҳии Панҷакент бино бар маълумотномаи омории шуъбаи маориф зиёда аз 15%-и хонандагон ба категорияи бачагони имкониятҳои маҳдуддошта дохил мешаванд. Чунин хонандагон дорои нуқсонҳои психофизиологӣ буда, ҳамроҳи ҳамсолони худ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар ин росто афзудан мехоҳем, ки маълумотҳо аксар аниқу дақиқ набуда, мунтазам бо дарназардошти афзоиш ёфтани маъюбону маслухон ва дигар категорияҳои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд тағйир меёбад. Яъне масъала ҷиддияти томро оид ба мушаххас намудани характери нуқсонҳо, то чи андоза фаро гирифта шудани бачагони дорои норасоиҳоро ба миён мегузорад.

Дар робита ба баррасии масъалаи зикршуда афзудан мехоҳем, ки низоми маориф ҳамчун асоси таҷаддуди миллӣ ва маърифатӣ-фарҳангии ҷомеа маҳсуб меёбад. Вазифа ва асолати он аз таълим, тарбия ва рушди насли наврас иборат буда, дар роҳи ҳифзу такмили арзишҳои фарҳанги миллӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ, пойдору устувор доштани давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ саҳм гузоштан аст.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзишҳои умумибашарӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ беш аз пеш вусъат меёбад, хоса, бобати таваҷҷӯҳ ва эҳтиром нисбат ба ашхоси дорои норасоиҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ ва амсоли он. Дар ин росто ҳар як мамлакат, минҷумла, Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки меъёрҳои қонунгузории худро дар мувофиқа бо нормаҳои байналмилалӣ мураттаб созад.

Алъон “дар Тоҷикистон мактаб-интернатҳо амал мекунанд ва дар онҳо хонандагони дорои имкониятҳояшон маҳдуд ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳануз соли 2013 дар ҷумҳурӣ миқдори кӯдакони маъюб зиёда аз 25 ҳазор нафарро ташкил мекард, ки он маълумот ҳам чандон дақиқ арзёбӣ нашудааст” [6, с.44].

Сабаби асосии номуайянии миқдори кӯдакони маъюб дар онҳо набудани ҳуҷҷати расмии маъюбӣ мебошад. “Мувофиқи баъзе маълумотҳо танҳо 9%-и кӯдакони маъюб ба ҷараёни таълим ҷалб карда шудаанд, 91%-и кӯдакон бошанд, маълумот намегиранд ва хонашин шудаанд, дар натиҷа онҳо аз ҷомеа ҷудо ва аз ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ канор мондаанд. Азбаски фаҳмиши ягонаи истилоҳи “кӯдакони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд” вуҷуд надорад, ин омор боз ҳам носаҳеҳтар аст, зеро он ҳамаи гуруҳи кӯдаконеро, ки дар гирифтани таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мушкилот доранд, дарбар намегирад” [6, с.44].

Дар идомаи таҳлили таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимӣ, минҷумла, мактабҳои фарогир проблемаи дигаре, ки ба муносибати

волидон ва хонаводаҳо робита дорад, намоён мегардад. Таҷрибаи омӯзиш ва таҳлили вазъи воқеӣ собит месозад, ки волидон аксаран тарзи таҳсил ва муассисаи таълимиро бо хоҳиши худ интихоб менамоянд. Мусаллам аст, ки онҳо ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои фарзандони дорои маҳдудиятҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ақлии хешро дуруст дарк мекунанд ва хуб ҳам медонанд, ки дар ҷумҳурӣ гунаҳои мухталифи таҳсили чунин кӯдакон ва бачагон мавҷуд аст.

Хушбахтона, дар Тоҷикистон барои кӯдакони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷдошта мактабҳои таълими умумии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории бачагона тадбири бунёд ва амал кардан пешбинӣ шудааст. Дар қаламрави шаҳр ва навоҳии Панҷакент алъон чунин муассисаҳо бобати таъмини таълим ва тарбияи кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд вуҷуд дорад.

Боиси зикр аст, ки муассисаҳои мазкур дар таълиму тарбия, табобат ва барқароршавии нуқсонҳои гуногуни ашхоси маҳдудиятдошта саҳми калон гузошта, пайваста онҳоро ба камоли касбу ҳунар ва муфиди меҳнати ҷамъиятӣ омода месозанд.

“Мушкилоти дигар тарбияи бачагони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта муносибати эмотсионалӣ – шахсии модар ва кӯдак аст, ки он минбаъд муносибати арзишманди кӯдакро нисбат ба худ, одамони гирду атроф ва умуман ба олами гирду атроф ташаккул медиҳад. Ин масъала аз нуқтаи назари илмӣ дар маркази офиятбахшии бачагони маъюби ш. Қазони Федератсияи Россия мавриди тадқиқот қарор гирифт, ки дар он 41 нафар модарони бачагони синни хурди мактабии маъюб иштирок намуданд. Кӯдакон ба ду гуруҳ тақсим карда шуданд: кӯдаконе, ки нуқсони узви такягоҳӣ – ҳаракатӣ доранд; кӯдаконе, ки дигар нуқсонҳои маъюбӣ доранд. Натиҷаи тадқиқот чунин хусусиятҳои муносибати эмотсионалӣ - шахсии модаронро ба кӯдакони маъюб чунин нишон дод: доимо тайёр будани (61%) модарон ба бартараф намудани мушкилотҳо, ки он ба гуруҳҳои зерини модарон хос

аст: оилаи пурра – нопурра модарони хонашин – кор мекардагӣ маълумоти олидошта, бо кӯдакони соҳиби ноқисиҳои гуногун; паст будани фаъолнокӣ, омода набудан ба бартарафкунии мушкилотҳо (31%), ки онҳо ба оромӣ ва истироҳат бештар майл доранд. Ба ин гуруҳ модарони соҳиби маълумоти миёнаи техникӣ ва кӯдакони нуқсони узви такягоҳӣ – ҳаракатӣ дошта шомил гардиданд; ба ҳамаи модарон ҳиссиёти хавотирӣ, тарс ва дарду алам хос аст" [Мачидова Б. 2010, с. 116].

Масъалаи дигаре, ки дар баррасӣ ва ҳаллу фасли таҳсилоти фарогир муҳим дониста мешавд, проблемаи омода кардани кадрҳои болаёқати омӯзгорӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад. Мусаллам аст, ки сифати таълими кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълим, сатҳу дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи онҳо вобаста аст. Вақте расидааст, ки масъалаи мазкур аз нигоҳи оқилона ва хирадмандонаи таъсиси мактабҳои махсуси фарогир андешида шавад.

Дар чунин мактабҳо таълиму парвариши ашхоси дорои нуқсонҳои гуногун вобаста ба хусусияти иллатҳои онҳо, ҳини ҳамкории ногусастаи психологҳо (равоншиносон), кормандони соҳаи тиб (логопедҳо, сурдопедагогҳо ва амсоли он), ҳуқуқшиносон бояд роҳандозӣ гардад. Аз ин масъалаи муҳим дурӣ гузидан салоҳ нест, зеро дар замони муосир принсипҳои гуманистӣ, башардӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар соҳаи маориф беш аз пеш мақом ва манзалати бузурги пойдору устуворро ба худ касб мекунад.

"Кормандони педагогӣ бояд хусусиятҳои кор дар шароити таҳсилоти фарогир, ташкили раванди таълими чунин кӯдакон, аз ҷумла, усулҳои фароҳам овардани муҳити таълими фарогир, тафриқанок ва фардикунонии таълим, кор дар даста (команда), таҳияи барномаҳои таълими инфиродиро донанд ва дар бораи хусусиятҳои инкишофи руҳию

ҷисмонии кӯдакони дорои талаботи махсус дониши кофӣ дошта бошанд” [6, с. 46].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавриди назар дар фасли зерин ба чунин хулоса меоем, ки таҳсилоти фарогир ва татбиқи он кори кутоҳмуддат нест. Аз дастандаркорон, мутахассисон, муҳаққиқон, донишмандон, омӯзгорони пешқадам дар роҳи татбиқи таҳсилоти фарогир ташаббус ва ибтикороти ҷиддӣ, сабру таҳаммул ва бозёфти роҳу равиши босамари онро умед мебандем. Давраи муосири таҳаввул ва рушди низоми таҳсилоти фарогир водор месозад, ки ҳадафу вазифаҳо оид ба таҳсили кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ақлӣ ва норасоиҳои дигар аз нигоҳи таҳлил ва баррасии ҷиддии масъала роҳандозӣ мегардад.

Дар айни замон муҳимтарин ҳадаф ва вазифаҳо дар ин самт аз инҳо иборатанд:

1. Таҳсилоти фарогир бояд ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумат бо муқаррар кардани стратегияи рушду такмили он дар давраҳои мушаххас, бо нақшаю чорабиниҳои амиқ, бо назардошти таҷрибаи пешқадам ва таҳқиқотҳои педагогӣ, равоншиносӣ, тиб ва фарҳанги миллӣ эълон карда шавад.

2. Иҷтимоишавии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд онҳоро аз вазъи танҳоӣ ва узлат берун оварда, ба майдони фарохи омӯзиш ва парвариш бояд гузошта бошад.

3. Роҳу равиши илман асоснок ва моделҳои намунавии ташкили дарсҳои фаннӣ дар доираи мактаби фарогир ва ё синфҳои махсуси таълимӣ коркард ва пешниҳод гарданд.

4. Ба волидон имкон дода шавад, ки барои интихоби шаклу намудҳои таълиму парвариши фарзандони дорои нуқсонҳою иллатҳои гуногун муассисаҳои мавҷудаи таҳсилотро хоста ва мақбул карда бошанд.

5. Барои муваффақ шудан ба таҳсили саривақтии кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар минтақаҳои дурдаст таъсиси созмонҳо- хайрхоҳонро аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ, тоҷирон, саховатмандон ба роҳ бояд монд.

Бояд иқрор шуд, ки таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон беш аз пеш қадамҳои устувор мегузорад, ҳарчанд омилҳое мавҷуданд, ки садди роҳи роҳандозии босамари ин падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ мегарданд. “Мушкилотҳо дар фарогирии БИМ ба таҳсилот, дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ бояд дар алоқамандӣ ҳалли худро ёбанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлату Ҳукумати кишвар амалигардии ҳуқуқҳои кӯдакон ва ҷавонони имконияташон маҳдудро барои зиндагӣ кардан ва тарбия ёфтан дар оила, ҷиҳати гирифтани таҳсилоти босифат, дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ, комуникатсионӣ бо мақсади мутобиқгардии иҷтимоии ниҳоӣ ва ҳамгиро дар ҷомеа, фароҳам оварда, инкишофи ҷомеаро таъмин менамоянд” [88, с. 57].

3.2. Мақоми омӯзгору волидон ва ҳамкории тарафайн дар роҳандозӣ ва татбиқи босифати таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд

Дастрасӣ ба пешравӣ ва муваффақиятҳо дар соҳаи таҳсилоти фарогир аз корбаст ва роҳандозии якчанд омилҳои муҳим иборат аст. Дар ин росто метавон мақоми омӯзгор ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро махсус зикр намуд. Ҳамкории омӯзгор ва волидон, муносибати бошуурона ва одилонаю оқилона нисбати бачагони ба таҳсил ниёздошта, ҷомаи амал пӯшидани аҳли хонавода дар таълим ва тарбияи фарзандони нуқсондор аз масъалаҳоеанд, ки дар таъмини босифати низоми таҳсилоти фарогир нақши хеле муҳим ва барҷаста дорад. Гуфтан мумкин аст, ки иртибот ва муносибати ҳасанаи омӯзгорони муассисаи таълимӣ ва волидон калиди дарёфти мушкилот ва муаммоҳо дар ин самти ҳаётан зарур ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки омӯзгор ҳамчун устоди раҳнамо ва мураббии содиқ муҳити таълими босифатро созмон медиҳад, дар интихоби роҳу равиши таълим ва парвариши бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд пайваста фикру андеша меронад, методҳои баргузидаи тадрису тарбиятро пайдо ва пешниҳод мекунад, ба ташаккули фарҳанги муошират ва муносибат муваффақ мегардад.

Волидон низ дар роҳи ҷалби фарзандони дорои нуқсону норасоиҳо нақш ва мақоми хоси худро бояд дошта бошанд. Онҳо қабл аз ҳама ояндаи онҳоро фикр карда, дар роҳи васлшавӣ ва фарогирии фарзандони хеш ба таълиму тарбия сарфи назар аз мавҷудияти мушкилоти ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва ақлӣ бояд мубориза баранд. Иштироки волидон, хонаводаҳо ва ҷомеа дар раванди таҳсилоти фарогир ба таҳкими ғояҳои башардӯстӣ, инсонпарварӣ, таҳаммулпазирӣ кумак ва ёрии калон мерасонад. Волидон дар роҳи ба таҳсил ҷалб шудан, иҷтимоӣ шудан ва мавқеи худро дар зиндагию ҳаёт пайдо кардан набояд бетараф ва канорачӯй бошанд.

Дар ду фасли аввалӣ мо оид ба асосҳо ва присипҳои ташаккул ва рушди таҳсилоти фарогир муфассал истода гузаштем. Алъон асолат ва вазифаҳои ногузири омӯзгорро дар шароити таҳсили фарогир баррасӣ ва ба муҳокима гузоштан мехоҳем. Вазифаи аввалине, ки дар назди омӯзгор меистад, мутобиқ гардондани барномаи таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Яқинан сухан бобати коркард ва таҳияи хатти инфиродии таълимӣ (ХИТ) бо назардошти суръат ва имкониятҳои ҳар як муҳассилини дорои нуқсонҳо меравад.

Вазифаи дигаре, ки дар назди омӯзгор меистад, таъсис ва ташкили муҳити психологӣ мебошад. Чунин муҳит сарчашмаи хешро аз корбасти арзишҳои мақбули умумибашарӣ, амсоли эҳтироми шахс, одоби рафтор ва гуфтор, таҳаммуландешӣ, шавқу завқ ва рағбат ба донишу омӯзиш мегирад. Омӯзгор дар фаъолияти хеш андарзҳои ҳакимону

маърифатпарварони халқи тоҷикро сармашқи кори худ қарор намуда, баҳри тантанаи рисолатҳои волои инсонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Омӯзгор вазифадор аст, ки дар масири фаъолияти худ дар низоми таҳсилоти фарогир бо мутахассисони соҳаҳои гуногун робитаи қавӣ ва устувори ҳамкорӣ дошта бошад. Аз ҷумла, бо тюторҳо (педагог-мураббӣ), равоншиносони мактабҳо (психологҳо), логопедҳо (онҳое, ки дар ташхис ва ислоҳи ноқисии нутқ мутавасситанд), дефектологҳо (педагогҳое, ки дар ислоҳи норасоиҳои гуногуни бачагони дорои нуқсонҳои нутқ, биноӣ, шунавоӣ, зеҳн ва узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ саҳм мегузоранд).

Дар робита ба масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳандозӣ намудани принсипи “робитаи муттасил ва ногусаста” бағоят муҳим ва зарур дониста мешавад. Дар ин росто вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон пайваста аз вазъи саломатии фарзандони дорои имконияташон маҳдуд маълумот пешкаш намоянд. Аз ҷумла, волидон бо омӯзгорон бобати рафтору кирдори бачагон, ҳолати руҳӣ ва рағбату иштиёқ мубодилаи афкор менамоянд.

Пас аз анҷоми машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти анъанавӣ фаъолияти омӯзишии бачагони имкониятҳояшон маҳдуд дар хона набояд қатъ гардад. Волидон дар рушди дониш, малака ва салоҳияти фарзандони худ бояд кӯмак расонанд. Яъне волидон пас аз анҷоми ҳаррузаи таҳсили фарзандон иштирокчиёни бевоситаи таҳсилоти фарогир дар муҳити хонавода мешаванд. Равшанта гӯем, сухан оид ба таъсиси муҳити дуҷонибаи дастгирӣ аз ҷониби хонавода ва муассисаи таҳсилот меравад. Мусаллам аст, ки чунин ҳамкории босамар ба принсипҳои умдаи фаъолияти якҷоя ва дастгирии кори якдигар тавассути иртиботи озоду кушод, мубодилаи муттасили ахборот такя мекунад. Дар сурати қабули ин ё он қарор ҳар ду ҷониб ба ҳам мувофиқ меоянд, масъулиятро ба дӯши худ мегиранд, эътимоду таваккулро дар

роҳи расидан ба матлаб пайгирӣ менамоянд. Муҳиммияти чунин ҳамкорӣ омӯзгорон ва волидонро ҷониби ҷустуҷӯи шароитҳои мутобиқ ва мувофиқи таълиму парвариш ҳидоят мекунад.

Мо борҳо эҳсос кардаем, ки рафтору муносибати бачагони дорои нуқсонҳои гуногун ва имкониятҳои маҳдуд бо хусусиятҳо ва хислатҳои фардӣ дар раванди муошират ва муомила бо ҳамсолон на ҳамеша орому ботамкин ба чашм мерасад. Дар чунин мавридҳо ва вазъи воқеии рафтору муносибатҳо ба омӯзгор зарур меояд, ки дар самти иҷтимоишавии онҳо, рушди малакаҳои муошират бо атрофиён барои аз байн бурдани ҳама гуна рӯйдод ва ҳолатҳои ташаннуҷ, якдигарнофаҳмӣ муваффақ гардад.

Дар роҳи татбиқ ва корбасти рушди салоҳияти иҷтимоии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд низоми омода кардан ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти фарогир, омӯзгорон, ҳайати педагогҳо, мураббиёну парваришдиҳандагон мураттаб ва муназзам талаб карда мешавад. Ба ҳалли ногузири чунин зарурият мавҷудияти мушкилотҳо дар фаъолияти омӯзгорон дар муҳити инклюзивӣ ва бартараф карда шудани проблемаҳо ишорат мекунад.

Дарки мавзӯи мушкилот ва муаммоҳои фаъолият дар муҳити инклюзивӣ муҳаққиқи рус Ю.В.Скоробогатоваро ба хулосае овард, ки “қисми зиёди омӯзгорон ва кормандони педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти фарогир оид ба хусусиятҳои фардии бачагони дорои нуқсонҳо ва иллатҳои гуногуни ҷисмонӣ, руҳӣ, зеҳнӣ, биноӣ, шунавоӣ ва амсоли он маълумоти дуруст ва кофӣ надоранд (дар қаламрави Русия чунин омӯзгорон 64%-ро ташкил медиҳанд). Зиёда аз ин, бо сабабҳои маълуми касбӣ, надонистани хусусиятҳои иллатҳои бачагони дорои имконияташон маҳдуд на ҳамаи омӯзгорон қудрат ва ҷуръати фаъолияти педагогиро дар муҳити инклюзивӣ ба уҳда мегиранд”[131, с.78].

Воқеан, маҳдудияти донишу маълумоти кулли омӯзгорон ва кормандони педагогӣ дар интихоби роҳу равиш ва тарзу усули таълим,

истифодаи нодурусти воситаҳои дидактикӣ ҳангоми кор бо бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсилоти фарогир ва муносибати омӯзгорон ба ин самти таълиму парвариш таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф намудан ва рафъи мушкилоту душвориҳо омӯзгоронро зарур аст, ки пайваста аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаранд, аз болои худ мустақилона кор баранд ва касбияти фаъолияти хешро дар ин самти ҳаётан муҳим вусъат бахшанд.

Таҷрибаи омӯзгорони пешқадам ва натиҷаҳои дилхоҳи ба дастомада шаҳодат медиҳад, ки яке аз рукнҳои муассири кор бо бачагони имконияташон маҳдуд таҳия ва роҳандозии нақшаи таълимии инфиродӣ мебошад. Он ҳамчун ҳуҷҷати расмӣ бо назардошти кулли маълумотҳо оид ба ҳар як муҳассил дар бораи ӯ ва интихоби роҳу равиши махсусити таълимие, ки нисбат ба вай қабуд мегардад, итиллооти муфассал медиҳад. Яқинан сухан бобати таҳияи барномаи комили маҷмӯӣ барои корбасти дарсҳо ва машғулиятҳои инфиродӣ меравад.

“Нақшаи мазкур муайян мекунад, ки ҳар як мутахассис маҳз кадом хизматҳоро пешниҳод менамояд. Волидон дар таҳияи нақшаи таълими инфиродӣ фаъолона иштирок мекунанд, зеро онҳо кӯдаки худро аз дигарон беҳтар медонанд. Нақшаи таълими инфиродӣ мутобиқгардонию дигаргунсозиҳои зарури муайян намуда, барои нақшагирии минбаъдаи машғулиятҳои таълимӣ асос мегардад. Он барои ҳар як талабаи ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд таҳия ва татбиқ карда мешавад” [6, с. 49].

Хусусияти хос ва ҷиҳати манфиатбахши нақшаи таълими инфиродӣ аз он бармеояд, ки ба ҳайати гуруҳи корӣ омӯзгорони муассисаи таҳсилот, логопедҳо, нуқсоншиносон, равоншиносон ва мутахассисони дигари даъватшуда шомил мешаванд. Ҳар як аз мутахассисону ашхоси номбурда бо назардошти самти фаъолияти хеш, хислату табиати нуқсонҳо ва иллатҳои бачагони имконияташон маҳдуд дар таҳия ва роҳандози нақшаи таълими инфиродӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Чунонки, ки дида мешавад, дар таҳияи нақшаи таълими инфиродии бачагони дорои нуқсонҳо дониши васеъ, маҳорат, малака, салоҳияти комилу касбии омӯзгорону мутахассисони фавқ (дар боло зикршуда) муҳим ва зарур арзёбӣ мегардад. Волидон низ дар ин росто дар канор наmemонанд, чунки маълумотҳои онҳо оид ба маҳдудиятҳо ва имконоти фарзандонашон дақиқу саҳеҳ мебошад. Онҳо оид ба вазъи саломатӣ, рафти инкишоф ва рушди кӯдак, майлу рағбат ва завқу шавқ, хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ иттилооти муҳим пешниҳод намуда, дар раванди ҷалби онҳо ба таҳсилоти фарогир ба интихоби дурусти роҳу равиши таълиму тарбия сабаб мегарданд.

Таҳқиқоти мазкур маълумотҳои дигари мухолифатнокро низ бобати иштироки волидон дар раванди таҳияи нақшаи таълими инфиродӣ, муносибати онҳо ба таҳсили фарзандони имкониятаашон маҳдуд пеш овард. Чунончи, на ҳамаи волидон дар самти таҳсили фарзандони нуқсондорашон ба як фикру ақидаи ҷолиб қарор доранд. Сабабҳои чунин рафтори онҳо гуногунанд: ё хоҳишу бовариашон комилу устувор нест, ё вақти бо фарзандон машғул шудан ва омода будан надоранд, ё ба иродаи фарзандони худ (агар хоҳиши таҳсил надошта бошанд) розӣ мешаванд, ё бетарафӣ зоҳир мекунанд, ё аз фаъолияти педагогии омӯзгорону мутахассисон қаноатмандӣ надоранд ва ҳоказо. Дар ин мавридҳо мо кӯшиш кардем, ки ба волидон аслияту моҳияти таҳсилоти фарогирро бо кулли пешравӣ, қаноатмандӣ ва мусбӣ арёбӣ шудани ташаббусҳо баён намоем.

Дар рафти суҳбат ва мулоқот бо волидон паҳлуҳои муҳимми ҷалби бачагони дорои имкониятаашо маҳдуд ба таҳсилоти фарогир мавриди фаҳмондан ва дарк кардан ба миён омад. Волидоне ба таҳсили фарогир шубҳа мекарданд, ки на ба худашон, на ба фарзандонашон ва на ба омӯзгорону мутахассисони соҳа боварӣ доштанд. Садоҳое шунида мешуд, ки “тақдири фарзандашон чунин будааст”, “онҳоро ташвиш

додан лозим нест”, “моро ба ихтиёри худ гузоред” ва ҳатто “фарзанди мо одам намешавад” ва ҳоказоҳо.

Чунин ҳолатҳои вазнин моро водор кард, ки волидони бечуръат ва нобоварро ба мактабҳои махсус (аз ҷумла, мактаб-интернатҳо) даъват кунем, то ба чашми худ бубинанд, ки кӯдакону бачагони дорои норасоиҳою иллатҳо қудрати омӯзиш, парвариш ва рушду камолро доранд, фикрашонро баён карда метавонанд, аз ичрои супоришҳои омӯзгору мураббӣ мебароянд, ҳунар меомӯзанд, дастранҷи хешро ба намоиш пешниҳод менамоянд.

Дар ин бобат Д.Скрябина чунин мегӯяд: “Барои ноил шудан ба пешравиҳо ва қонеъ гардонидани талаботҳои махсуси бачагони ба таҳсил эҳтиёҷдошта омӯзгорону волидон ва кулли дастандаркоронро зарур аст, ки роҳу равиши таълими босифат, муҳити созгори инклюзивиро интихоб ва роҳандозӣ намуда, маводҳои таълимро мувофиқи донишу имкониятҳои воқеии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба нақша гиранд ва амалӣ намоянд. Ин тадбирҳо тавассути роҳу усули босамар ва пешқадами таълим, тариқи истифода аз методҳои мухталифи мутобиқгардонӣ, тағйири афкори муҳассилин, бедор кардани рағбат ва эътимоди онҳо ба донишандӯзӣ ва салоҳиятмандӣ татбиқи амалӣ пайдо мекунанд” [132, с. 116].

Аз ин лиҳоз, дар раванди таҳқиқ суоле моро доимо ба ташвиш мегузошт: чӣ бояд кард? Ҷавобро аз мантиқи гузориши масъала, роҳу равиши корбасти нақшаи таълимӣ, эътимоду эътиқод барои расидан ба матлаби таҳсилоти фарогир дарёфтем: фароҳам овардани шароити мусоид, муҳити мувофиқ ва мутобиқи таҳсилоти фарогир. Чора ва тадбирҳое заруранд, ки андешаю афкори ҳам волидон ва ҳам бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд таҷдиди назар ва таҳаввул гардад, омодагии пурраи омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир пайваста вусъат ва рушд ёбад.

Бино бар андешаи муҳаққиқони ватанӣ Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А., “амалӣ намудани таҳсилоти фарогир ҳалли як қатор масъалаҳоеро талаб мекунад, ки муҳимтаринаш инҳоанд:

- ба роҳ мондани чунин раванди таълиму тарбия, ки талаботи ҳамаи кӯдаконро ба таҳсил қонеъ гардонад;

- ташаккул додани низоми расондани хизматҳои махсуси таълимӣ ва дигар хизматҳои махсус барои талабагони эҳтиёҷманд ва маъюб;

- фароҳам овардани муҳити созгор дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он” [6, с. 55].

Дар тақвияти андешаҳои муҳаққиқони зикршуда чунин масъалаҳое низ ба инобат гирифта шавад, ки дар роҳи татбиқ ва рушди таҳсилолти фарогир саҳм мегузоранд:

1. Интихоб ва таъмини методии машғулиятҳое, ки барои азхуд кардани маводди таълимӣ ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд баробари хонандагони ҳамсол ва солим мусоидат мекунад. Сухан оид ба низоми мураттаби корбасти дарс, интихоби матну машқҳои дастрас ва фаҳмо меравад.

2. Ҳангоми ташкил ва гузаронидани дарс зарур аст, ки усули “муносибати тафриқа” бо мақсаду ҳадафҳои ягона (ҳам ба бачагони имкониятҳояшон маҳдуд ва ҳам ҳамсолони солим) роҳандозӣ гардад.

3. Машқҳое, ки дар китобҳои дарсии амалкунанда мавҷуданд, дар синфҳои иклюзивӣ на ҳамеша ҷавобгӯи имкониятҳои зеҳнӣ-маърифатии бачагони дорои нуқсонҳои гуногун шуда метавонанд (аксар душворӣ меоранд, начандон ба зеҳну ақли онҳо мувофиқ ва мутобиқ мебошанд). Аз ин лиҳоз, барои бачагони дорои норасоиҳо машқҳои иловагие омода бояд кард, ки бештар дар замина ва истифодаи айёният пешниҳод шуда бошанд.

4. Мушкилоти аз ҳама назаррас ва намоён ба назар гирифтани имкониятҳои психологии кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд маҳсуб меёбад, ки ба шароити таҳсили инклюзивӣ ҷалб шудаанд. Чунин қисмати

фаъолияти омӯзгори самти таҳсилоти фарогир дар иртиботи доимӣ бо омӯзгор-логопед, педагог-дефектолог (дар раванди тасҳеҳи ноқисиҳои нутқ ва дигар норасоиҳо) бояд сурат гирад. Омӯзгори асосӣ таклифу тадбирҳои пешниҳодкардаи мутахассисони номбурдаро ҳатман ба инобат бояд гирифта бошад.

5. Албатта муайян кардани хусусиятҳои фардии ҳар як бачаи дорои имконияташ маҳдуд, ба инобат гирифтани “нозу нуз”- и ҳар яке аз онҳо ба омӯзгори асосӣ мушкилоти гарон ба сар меорад. Омӯзгори ҳассос ва соҳибтаҷриба бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки хулқу атвор, рафтор ва муносибати чунин хонандагонро пешакӣ донистаю муайян карда, барои ташкили самараноки фаъолияти педагогӣ азму ният намояд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло афзудан мехоҳем, ки мушкилоти коркард ва таҳияи нақшаи инфиродии таълимӣ барои бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва маҳдудиятҳои дигар иштироки доимӣ ва мунтазами тютор (омӯзгори ҳамкор) -ро ба назари эътибор мегирад. Мутаассифона, на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ омодаанд, ки тюторҳоро ба таври доимӣ дар вазъи фаъолияти муштарак бо омӯзгорони таҳҷоӣ бо кор таъмин намоянд. Имкониятҳои молиявии на ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ба ҳалли мусбии масъалаи мазкур мусоидат мекунад.

Зарур аст, ки омӯзгор бояд иҷозатномаи фаъолиятро дар муҳити инклюзивӣ дошта бошад. Таҷрибаи аксар давлатҳои мутараққии дунё дар ин бобат намунаи ибрат шуда метавноанд.Чунончи, дар Япония ба синфҳои инклюзивӣ омӯзгороне роҳ дода мешаванд, ки агар шаҳодатномаи мувофиқ (сертификат) дошта бошанд. Зиёда аз ин, барои фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти фарогир омӯзгорони беҳтарин ва босалоҳият тариқи озмун барои кор ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Воқеан, “дар Тоҷикистон мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои таълиму тарбияи бачагони дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои гуногун то давраи аз байн рафтани собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар донишгоҳҳои марказӣ тайёр карда мешуданд. Пас аз қабули консепсияи миллии

таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Тоҷикистон дар заминаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи С.Айнӣ барои солҳои 2011-2015 ихтисосҳои нав – сурдопедагогика, логопедия, олигофренопедагогика ифтитоҳ ёфтанд, аммо қабули довталабон ба ин ихтисосҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ гардид" [89, с. 129].

Хушбахтона, соли 2013 бо дастгирии Шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти "Ҷамъияти Кушода" – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон китоби махсус бо унвони "Асосҳои таҳсилоти фарогир" (муаллифон Маҷидова Б, Юнусова Н.М. ва Қурбонова Г.А.) рӯйи чоп омад [6]. Китоби мазкур ба унвони омӯзгорони оянда – таълимгирандагони мактабҳои олии омӯзгорӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ равона шуда, таҳқиқ ва коркарди назария ва амалияи таълиму тарбияи якҷояи кӯдакони солим ва кӯдакони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷмандро пешниҳод кардааст.

"Бо назардошти масъалаҳои номбаршуда хуб мешуд, ки як маркази аналитикӣ-машваратии фосилавӣ (минбаъд «Марказ») тавассути Интернет-телефони мутамарказонидашуда (махсусгардонидашуда) ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» ташкил меёфт, ки хоҳишмандон тавассути он саволу хоҳишҳои худро дар шакли имконпазир равон мекардаанд ва шахсони масъул иттилоотро хаттӣ ё шифоҳӣ, бо назардошти таъмини махфият қабул ва ҷавоб мегардонданд. Дар баробари ташкил шудани чунин робита, тавассути ҳафтаномаи «Омӯзгор» ва телефонии мобилӣ сурати кор ва маҳсулиятнокии он боз ҳам меафзояд. Бартарияти он дар он аст, ки агар вақту маблағро ҳам сарфа намояд, иловатан дастраси ҳамагон шуда метавонад. Дар натиҷаи мубодилаи афкор ва саволу ҷавоб маводи чопӣ дар шакли маҷмуа омода мешавад ва боз пешкаши хонандагон мегардад" [3, с. 44].

Мутаассифона, оид ба омода намудани кадрҳои босалоҳият ва такмили ихтисоси омӯзгорони амлкунанда дар муҳити таҳсилоти фарогир ҳануз ба мақсад нарасидаем. Ҳарчанд низоми такмили ихтисоси

омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар айни таҷаддуд ва такмил қарор дорад, алъон омӯзгор чӣ гуна дар муҳити инклюзивӣ дарс бояд гӯяд, чӣ гуна касбаш ва таҷрибаи худро такмил бояд диҳад, чӣ гуна бо ҳамкасбон ва мутахассисони дигари соҳаи инклюзия ҳамкорӣ намояд – масъалаҳоеанд, ки дастандаркорони таҳсилоти фарогирро барои омодагии касбӣ ва салоҳиятнокӣ даъват мекунад.

Ҳалли масъалаҳои омодагии кадрҳои педагогӣ барои мактабҳои фарогир ва муассисаҳои томактабӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таъсиси ихтисосҳои нав – “Технологияҳои муосири таҳсилоти фарогир” (дар сатҳи магистратура), таҷдид ва бознигарии барномаҳои мавҷудаи мактабҳои олии самти педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ бо назардошти вижагиҳои таълиму тарбияи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд (ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он), омӯзиши ҳатмии курси “Асосҳои таҳсилоти фарогир” аз масъалаҳои ногузир маҳсуб меёбанд.

Дар фарҷоми муҳокимаи масъала дар фасли мазкур оид ба ҳамкории омӯзгорон ва волидон дар муҳити таҳсилоти фарогир ба чунин хулосаҳо расидем:

1. Омӯзгор муваззаф аст, ки масъулиятро барои амалӣ кардани ҳадаф ва вазифаҳо мувофиқи барномаи таълим ба дӯш гирифта, ба тайёрии зеҳнӣ ва маърифатии бачагони дорои имконияташон маҳдуд замина гузорад.

2. Омӯзгор симои асосии раванди таълим, раҳкушо ва роҳнамои субъектҳои таълим маҳсуб ёфта, барои фаъолияти муҳассилин дар азхудкунии дониш, ташаккули маҳорат ва малака, аз байн бурдани монеаҳо ва рушди мустақилияти онҳо саҳми муассир мегузорад.

3. Омӯзгор бо мутахассисони соҳаи равоншиносӣ, логопедия, дефектология, сурдопедагогика, олигофренопедагогика ва амсоли он ҳамкории зич намуда, барои амалӣ кардани тадбирҳо бобати таҳсили

бомуваффақияти бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бонуқсон чораҳо меандешад.

4. Волидон низ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбанд. Онҳо ёвар ва мададгори омӯзгор буда, дар хусуси вазъи саломатӣ, рафти инкишоф, майлу рағбат ва хислату афкори фарзандони хеш маълумоти кофӣ ва зарур медиҳанд.

5. Волидонро зарур аст, ки дар иртибот бо омӯзгорон ва мутахассисони соҳаҳои дигари таҳсилоти фарогир (психологҳо, кормандони соҳаи тиб) озод ва ростгӯ бошанд. Маҳз волидон майлу рағбат, ҷанбаҳои қавию заиф ва мушкилоти гуногуни бачагони худро хуб медонанд. Маслиҳату таҷрибаи онҳо ба омӯзгорону мутахассисони дигар дар корбасти таълими фарзандони дорои нуқсону норасоиҳо саҳми бузург мегузорад.

3.3. Роҳҳои такмили таҳсилоти фарогир ва арзёбии натиҷаҳо дар партави консепсияи таҳсилоти фарогир ва иҷтимоишавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд

Таъмини дастрасӣ ва сифати таҳсил барои кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ниёз ба таҳсилоти махсус дар муҳити инклюзивӣ (синфҳои инклюзивӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактаби таҳсилоти фарогир) дар заминаи асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Дар ин росто, махсусан, ба санадҳои зерин такя карда мешавад:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», №1004 аз 22 июли 2013, моддаи 4: Принципи асосӣ – баробарии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат ва дастрасӣ ба таҳсилоти миёнаи умумӣ; моддаи 6: Ҳукумат кафолат медиҳад, ки шаҳрвандон, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, эътиқод, вазъи иҷтимоӣ ва молӣ, ҳуқуқ ба таҳсил доранд.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», ки татбиқи амалии сиёсати давлатӣ ва асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таҳсилоти иловагӣ маҳсуб меёбад.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар барои таълиму тарбияи кӯдак» – таъмини масъулияти хонавода (оила) ва муассисаҳои таҳсилот дар раванди таълим ва тарбияи фарзандон.

Чуноне, ки дар дар ҳар ду боби рисола равшан гардид, ҳадафи асосӣ фароҳам овардани дастрасӣ ва сифати таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таълимии кишвар (синфҳои инклюзивӣ, мактабҳои таҳсилоти фарогир, гуруҳҳои инклюзивӣ дар муассисаҳои томактабӣ) мебошад.

Барои муваффақ шудан ба татбиқи ҳадафи асосӣ вазифаҳое бояд иҷро шаванд, ки қаблан дар таъмини инфрасохтори муҳити таҳсил барои кӯдакон ва бачагони дорои эҳтиёҷоти махсус имконият ва шароитҳои мусоидро фароҳам оварда бошанд. Дар ин росто омодасозии мутахассисони соҳаи педагогикаи фарогир, таҳияи воситаҳои махсуси таълимӣ (барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои айёнӣ, технологияи муосири иртиботӣ-иттилоотӣ), саҳми вазоратҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, Марказҳо, Ҷамъиятҳо, волидон ва ҷомеа муассир буда, барои ҷалби кӯдакону бачагон ба таҳсилоти фарогир ва фаъолияти иҷтимоии онҳо саҳми арзанда мегузорад.

Махсусан омодасозии омӯзгорон ва мутахассисон, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ дар самти педагогикаи фарогир, ҷалби фаъоли психологҳо, логопедҳо, дефектологҳо ва мураббиёни махсус нақш ва мақоми хос дорад. Масъалаи дигари муҳим – таҳия, нашр ва таъмини дастури методӣ ва воситаҳои таълимӣ барои кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус мебошад.

Роҳандозии таҳсилоти фарогир дар Тоҷикистон нишон дод, ки “амалишавии сиёсати таҳсилоти фарогир сол то сол хубтар мегардад. Солҳои охир дар ш. Душанбе 4 муассисаи таълимӣ хамчун пилот (МТМУ №28, 72, 54 ва гимназияи 53) дорои маркази захиравӣ барои КТМ мебошанд. Дар баробари ин муассисаҳо дар дигар муассисаҳои таҳсилотӣ низ зина ба зина таҳсилоти фарогир амалӣ мешаванд. Новобаста ба он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Конвенсия оид ба ҳуқуқи одамони маъюб» (аз соли 2006 инҷониб дар қаламрави баъзе кишварҳо амал мекунад) аз 22.03.2018 имзоъ намуд ва алъон онро дар қаламрави кишвар тасдиқ менамояд. Ҳоло кор дар ин самт, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи маориф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дастгирии ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ оид ба рушди таҳсилоти фарогир ба таҳсил фарогирии КТМ оғоз гардидааст” [2, с. 207-208].

Ҳамзамон гуфтан ба маврид аст, ки “ба рафти амалишавии Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва татбиқи ҳуҷҷатгузорӣ вобаста ба он дар муассисаҳои таълимӣ диққати махсус зоҳир гардида, барои ташкили таҳсилоти кӯдакон ва хонандагони талаботи махсусдошта, дар шароити МТМУ заминаҳои аввалин фароҳам оварда шудаанд. Кӯшиш ба харч дода шудааст, то ки рафти иҷрои Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар шӯрои педагогии МТМУ баррасӣ шуда, аз рафти таҳсил дар хона ва ҳуҷҷатгузории омӯзгорон назорат бурда шавад. Аммо, дар баробари татбиқи таҳсилоти фарогир дар низоми маориф баъзе муаммоҳо ба назар мерасад, ки онҳоро ба ду қисми бо ҳам алоқаманд тақсим кардан мумкин аст: 1) муаммоҳо дар сатҳи қонунгузорӣ-банақшагирӣ; 2) муаммоҳо дар сатҳи амалияи педагогӣ-психологӣ” [2, с. 208.].

Самтҳои калидии рушд ва арзёбии таҳсилоти фарогир беш аз ҳама ба таълими фардии бачагони дорои имконияташон маҳдуд такя мекунад. Чунин муносибат аз роҳу равиши босамар ва дилхоҳи раванди таълим ва

тарбияи ашхоси эҳтиёҷманд ба таҳсил мебошад. Фардикунонии таълими бачагони дорои нуқсонҳои саломатӣ (ҷисмонӣ, зеҳнӣ руҳи ва ҳоказо) аз мутобиқсозии муҳити таҳсилоти фарогир иборат буда, дар заминаи корбасти он суръат, роҳу равиш (методҳо) ва шаклу намудҳои кори омӯзгор бо дарназардошти вижагиҳо ва имкониятҳои ҷисмонӣ-рӯҳии муҳассилин роҳандозӣ мегардад. Дар ин росто коркард ва таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷтимоишавии бачагони нуқсондор дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти фарогир аз вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Дар роҳи мақсаднок ва ҳадафманди корбасти муносибати инфиродӣ ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд як қатор воситаҳои калидӣ ва усулҳои босамар нақши бориз доранд, аз ҷумла, мавҷудияти заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ. Мусаллам аст, ки ҳама гуна тарз ва равиши раванди таҳсили бачагони эҳтиёҷманд аз хулосаи ҳайати машваратии (комиссия) психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (ҲМПТП) оғоз мегардад. Дар асоси тавсияномаи ҳайати машваратӣ барои кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода карда мешаванд.

Чунончи, “Барномаи асосии мутобиқшудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” (БАМТМУ) стандарти умумии таълимро барои норасоиҳои шунавоӣ, биноӣ ва нутқ муқаррар мекунад. Ҳуҷҷати дигар – “Барномаи махсуси инфиродии рушд” (БМИР) барои бачагоне равона мегардад, ки вазъи ногувори рушди инфиродиро аз сар мегузаронанд. Ҳар ду барнома ҳам дар роҳи мутобиқгардонии раванди таълим ва омода шудани бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд нақши муҳимро ба иҷро мерасонад.

Дар шароити муосири роҳандозии таҳсилоти фарогир истифода аз воситаҳои махсус ва техникии таълим барои вусъат ёфтани майлу рағбат ва иштиёқи омӯзишии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд саҳми босазо мегузорад. Истифода аз карточкаҳо, варақачаҳои рангдор, воситаҳои махсуси иртиботӣ (планшетҳо), ки бо барномаҳои

мутобиқгардида, амсоли АЛПЭКС+ таҳия шудаанд ва барои кӯдакону бачагони кару гунг барои баёни фикр ва муошират бо омӯзгорону мураббиён бо ҳадафҳои иҷтимоишавӣ пешбинӣ ва омода карда шудаанд, ба қабили воситаҳои махсуси техникӣ ворид мешаванд.

Планшетҳо доираи васеи корбаст ва истифодаи муассир доранд. Аз ҷумла, тавассути онҳо кӯдакон ва бачагони имкониятҳояшон маҳдуд нутқи худро танзим ва мураттаб месозанд, ҷумласозиро ёд мегиранд, ба талаффузи овозҳо ва калимаҳо омода мешаванд ва итминони онҳоро ба муошират ва мубодилаи афкор тайёр мекунанд.

Бо истифода аз карточкаҳо ва варақачаҳои рангин омӯзгор ба бойшавии захираи луғавии муҳассилин муваффақ мешавад. Онҳо ҳангоми саволу ҷавоб аз луғатҳои азхудшуда истифода бурда ҷавоб мегӯянд, барои таъмини ниёзҳои муошират хеш муваффақ мегарданд. Муҳимтар аз ҳама кӯдакон ва бачагони дорои норасоиҳои нутқ аз машғулиятҳои дилгиркунанда ва дилбазани логопедӣ ва дефектологӣ озод гардида, тавассути варақачаҳои рангин дар бозиҳои гуногуни талаффузи дуруст ва нутқи равшан фаъолона иштирок мекунанд.

“Барои омӯзгоре, ки таҳсилоти фарогирро дар амал татбиқ мекунад, хеле муҳим аст, ки аз ҳамаи васоили имконпазир барои осон гардондани дарк, фаҳмиш ва мустаҳкам кардани маводди таълимӣ, аз ҷумла, ташкили кори амалии хонандагон дар синф истифода кунад” [144, с.113]. Таҷриба собит мекунад, ки воситаҳое, амсоли расм-пиктограмма (суратҳои тарҳдор), маводди айёнии суратдор (тасвирҳо), варақа-нақшаҳо ҳамчун алгоритми ташаккули фаъолияти зеҳнии муҳассилин, ҳарфҳои аз коғази ғафс ё ранга буридашуда, кубчаҳои чӯбин, пластилин, порчаҳои матоҳои гуногун ва ҳоказо аз манфиати муассир холӣ нест.

Муҳаққиқони ватанӣ дар назаранд, ки “барои танзими ҳолати шахсӣ ва рафтори бачагони БТМ (бачагони талаботи махсусдошта) дар дарс, бартараф кардани шиддат ва ё баръакс баланд бардоштани лаҳну овоз низ аз маводди мухталиф истифода мекунанд: халтачаҳои бо

заррағои гуногун пуршуда, ҷисмҳои нарми паралонӣ, химчаҳо, часпакҳо мӯҳраҳо ва ғайра. Пеш аз он ки ашёеро ба хонанда пешниҳод кунем, назорат мекунем, ки кадоме аз онҳо бачагонро ором мекунанд, кадоме аз онҳоро бештар дӯст медоранд. Бояд ба кӯдак фаҳмонем ва ё нишон диҳем, ки ин ашё на танҳо барои бозӣ, балки барои беҳтар кор кардан дар дарс лозиманд" [144, с. 114].

Рушди муосири технологияҳои замонавӣ, аз ҷумла, технологияи ассистивӣ (ёрирасон) ҳамчун барномаи махсус барои кӯдакон ва бачагони нобино ва камбино тавассути клавиатураҳои мутобиқшудаи компьютер, аудио ва видеокитобҳо ба кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои биноӣ барои расидан ба матлаби омӯзиш ва иттиллоту иртибот (муошират) қадами бағоят нишонрас дар фазои таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад.

Дар ин фасли рисола лозим мешуморем, ки бобати технологияи ассистивӣ муфассалтар истода гузарем. Қаблан изҳор медорем, ки ворид кардани технологияҳои наву тоза ба раванди таҳсилоти фарогир ва умуман педагогика ва дидактикаи муосир аз имкониятҳои психологӣ ва маърифатии кӯдакон ва бачагони дорои маҳдудиятҳои гуногуни ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, нутқӣ, шунавоӣ, биноӣ ва амсоли он вобастагии зич дорад.

Мусаллам аст, ки бачагони дорои нуқсонҳо ва иллатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ақлӣ, равонӣ ва ҳоказо вақти ҳамгиро шудани онҳо ба муассисаҳои анъанавии таҳсилот ба таҳсили махсуси мутобиқгардӣ ва муносибати инфиродӣ ниёз доранд. Ҳамзамон чунин категорияи бачагони дорои норасоиву нуқсонҳо ба кӯмак ва ёрии иловагии дастгирӣ ва ҳамроҳӣ дар самти ислоҳ ва бартарафсозии мушкилоти гуногуни таҳсилу тадрис эҳтиёҷманданд. Тавассути технологияҳои ассистивӣ ҳамчун роҳу равиши инноватсионӣ-педагогии корбасти машғулиятҳо намунаи наву тозаи амсилаи таълиму парвариши кӯдакон ва бачагони дорои имконияти маҳдуд муяссар мегардад.

Истилоҳи “технологияи ассистивӣ” (ёрирасон) бори нахуст дар ИМА соли 1988 ҳамчун маҷмӯи ҳамаҷонибаи баланд бардоштани сифати ҳаёти одамони дорои нуқсонҳои саломатӣ (хоса, маъюбон) ба истифода дода шуда буд. Бо таъбири ташкилоти байналмилалии ЮНЕСКО, ки дар роҳи мусоидат ба ашхоси дорои маҳдудиятҳои саломатӣ муваззафанд, технологияҳои ёрирасони ассистивӣ ҳамчун барномаи таъмини хидматрасонӣ, дастгирӣ ва кӯмаку мададгорӣ ба афроди эҳтиёҷманд амал мекунанд. Барномаҳои технологияи ассистивӣ дар шаклу намудҳои гуногун зуҳур меёбанд: электронӣ, механикӣ, оптикӣ ва амсоли он.

Истифода аз имкониятҳои технологияи ассистивӣ ҳамчун воситаи боэътимод ва ёрирасони педагогӣ дар ташкили низоми таҳсилоти фарогир дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ дар доираи ба таҳсил фаро гирифта шудани кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ дар миқёси мактабҳои умумӣ ва шароитҳои педагогии ҳамгироӣ (ниг. ба Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон) сабт ёфтааст. Алъон истилоҳи “технологияи ассистивӣ” ба андешаю таҳлили мо дар илми педагогикаи ватанӣ бори нахуст садо медиҳад ва мутмаинем, ки ҷанбаҳои муҳимми ин самти таҳсилоти фарогир минбаъд мавриди омӯзиш ва баррасии комил қарор хоҳад ёфт.

Воқеан, мафҳуми педагогии “технологияи ассистивӣ” ба ду маъно истифода мешавад ва он бо ҳадафҳои таҳсилоти фарогир ва таъсиси муҳити созгори инклюзивӣ дар миқёси мактабҳои умумӣ робитаи зич дорад. Минҷумла, маънои маҳдуди истилоҳи мазкур ҳамчун воситаҳои ҷудогонаи педагогӣ бо мақсади мутобиқ гардонидани ҳар як унсури таълим (барномаҳои таълимӣ, маводди таълим, шаклу намудҳои ташхис ва баҳодиҳӣ) дарк мегардад. Маънои васеи он аз тафаҳҳуми маҷмӯи технологияҳои алоҳида ва махсус, методҳо ва воситаҳои ҳалли мушкилоти гуногуни кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои мухталифи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва маърифатӣ иборат мебошад.

Дар тафсири ҳар ду маънои технологияи ассистивӣ ҳаллу фасли кулли имкониятҳои педагогӣ-психологӣ ва дефектологии мактабҳои умумии инклюзивӣ дар робита ба таҳсили кӯдакон ва бачагони дорои нуксонҳои саломатӣ рӯйнамо мегардад. Он ҳамчун технологияи ёрирасон дар самти ҳамгироии фаъоли онҳо ба таҳсил бо дарназардошти тавоноӣ ва имкони ҳар яке аз субъектҳои таҳсил амалӣ мегардад, ҳама гуна монеаҳо ва садди роҳи омӯзишу парваришро бартараф месозад ва барои фардикунонии таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мусоидат мекунад.

Аз таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ чунин бармеояд, ки технологияи ассистивӣ дар низоми таҳсилоти фарогир якчанд унсурҳо ва ҷузъҳои ёрирасонро метавонад пешкаш намояд. Аз ҷумла, технологияҳое, ки барои азхудкунии салоҳиятҳои зеҳнӣ-маърифатӣ равона шудааст. Инчунин технологияҳое, ки дар ислоҳ ва тасҳеҳи мушкилоти таълимӣ-омӯзишӣ ва кирдору муносибати ашхоси зикршуда нақш ва мақоми хосро ба иҷро мерасонанд.

Мавзуи алоҳида – истифода аз технологияҳои ёрирасоне (ассистивӣ) мебошад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ-ҳаётии афроди дорои нуқсон ва норасоиҳои гуногуни саломатӣ мусоидат мекунад. Технологияҳои дигарро низ аз нигоҳи арзёбии пешрафти муҳассилин, дастгирии педагогӣ-психологӣ, фардикунонии раванди таълиму парвариш, истифода аз усули тафриқа, ҳамгироӣ, ҳамкорӣ ва амсоли он тасниф ва муқаррар кардан муҳим ба ҳисоб меравад.

Аз ҷумла, технологияи дастгирии психологӣ-педагогӣ собит месозад, ки фардикунонии таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд бе фаъолияти кории гуруҳҳо имконнопазир аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки машғулият бо мутахассиси соҳаи дефектология ба бачагони дорои нуқсонҳои ислоҳи нутқ, забон, талаффуз ва монанди он басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин росто мақоми мутахассиси соҳаи логопедия низ хеле бузург аст, зеро ӯ ба раванди ислоҳ ва тасҳеҳи хатоҳои гуфтор ва

нутқи бачагон саҳм мегузорад. Педагог-психолог бошад доимо дар фикри рушди самти ҳиссиёту ирода ва малакаҳои иртиботии муҳассилин қарор дорад.

Дар робита ба стратегияи фаъолияти педагогии омӯзгор дар раванди таҳсилоти фарогир интихоби роҳу равиши самарабахши таълим аз вазифаҳои муҳимми раванди омӯзиш ва парвариши кӯдакон ва бачагон дорои имкониятҳои маҳдуд маҳсуб меёбад. Маҳорати омӯзгор дар ташкили илмӣ-методии дарсҳои инклюзивӣ равшан намоён гардида, ӯро ба истифодаи чунин методҳои таълиму тадрис равона месозад, ки афзалиятҳои назарраси БТМ ва, баръакс, ҷиҳатҳои суст ва заифи онҳоро муқаррар мекунад. Омӯзгор муҳимтар аз ҳама ба қобилияти дарккунии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд таваҷҷуҳ ва диққати махсус дода, кӯшиш мекунад, ки ангезаҳо ва рағбату иштиёқи онҳоро бедор намояд.

Азбаски Тоҷикистон ба ташкил ва танзими низоми таҳсилоти фарогир нисбат ба кишварҳои дигари дунё, ки дар ин росто таҷрибаи бой андӯхтаанд (Аврупо, ИМА, Канада, Россия, Қазоқистон), дертар руҷӯъ кард, вазъи воқеӣ имкон медиҳад, ки бо дарназардошти бурду бохти мамлакатҳои гуногун барои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ дар ин самт қадамҳои калон ва боэътимод гузорад ва роҳи дурударози таҳсилоти фарогирро барояш наздиктар созад.

Таълими бачагони дорои имконияташон маҳдуд ва ниёз ба таҳсилоти махсусдошта тавассути ба нақша гирифтан ва корбасти якчанд чораю тадбирҳо, ки бевосита ба таъмини сабақ гирифтан ва дониш андӯхтан мусоидат мекунад, мураттаб мегардад. Оид ба чораю тадбирҳое, ки дар боло сухан рафт, таъсис ва бунёди шароитҳои инклюзивӣ дар назар аст. Аз ҷумла, муҳити созгор ва бемонеа, мутобиқгардонӣ ва ё коркарди барномаҳои нави инклюзивӣ, муҳайё намудани воситаҳои техникӣ, омода кардани кадрҳои босалоҳияти педагогӣ, таъмини мунтазами волидон аз хусуси роҳу равиши самараноки таҳсилоти фарогир дар синфҳои махсус ва анъанавӣ

(ҳамроҳи ҳамсолон), сафарбар кардани равоншиносон (психологҳо) ва мутахассисони соҳаи тиб ва тандурустӣ.

Дар поён оид ба гунаҳои (модел) ташкили раванди таҳсилоти фарогир муфассалтар истода мегузарем. Гуфтан ба маврид аст, ки яке аз гунаҳои боэътимоди ташкили таҳсили бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар синфҳо ва мактабҳои инклюзивӣ таълими тафриқавӣ аст. Тазаккур медиҳем, ки усули тафриқавии таълими бачагони дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои гуногун тавассути тарзу усули фарқкунанда (тафриқа) арзёбӣ мегардад. Яқин мешуморем, ки дар раванди таълиму парвариши тоифаи бачагони дорои маҳдудиятҳои саломатӣ роҳу равиши инфиродии омӯзиш бо истифода аз методҳо ва технологияҳои замони муосир бояд пешниҳод гардад.

“Истифода аз усули тафриқа ва интихоби методи таълим аз дараҷаи душвории фанни омӯзишӣ вобаста буда, равиши дарс, пайвастагӣ ва муттасилии қисматҳои гуногуни мавод бо дарназардошти хусусият ва мазмуну мундариҷаи мавзӯҳо мураттаб мегардад. Дар ин росто яке аз масъалаҳои муҳим дастрасии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба сарчашмаҳои иловагӣ барои таъмини фаъолияти мустақилона, омодагӣ ба рафти дарсҳои иловагӣ барои тоифаи алоҳидаи муҳассиллин ва назорат аз болои сифати азхудкунии мавзӯҳо мебошад” [4, 142].

Дар доираи истифода аз усули тафриқавии таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ба таҳсили махсус ниёздошта роҳандозии чунин роҳу тарзи таҳсил пешниҳод мегардад:

1. Гузориши амиқ ва саҳеҳи ҳадафи таълим, ки ба сатҳу дараҷаи идрок ва тафаҳҳуми бачагони дорои нуқсон ва норасоиҳои саломатӣ ва талаботи махсусдошта мувофиқат мекунад.

2. Таъмини омӯзгорон ва муҳассилин бо дастуру воситаҳои таълимӣ-методӣ ва маводҳои дигари ёрирасону захиравӣ, ки ба пешрафт ва муваффақиятҳо дар ҷодаи таҳсили фарогир мусоидат мекунад.

3. Коркарди роҳу усули босамари баёни маводди таълим ва тарзу тариқи пурсиши муҳассилин бо мақсади бедор кардани завқу шавқ ва майлу рағбати онҳо ба раванди омӯзишу парвариш.

4. Шарҳу баёни мавзӯи дарс тариқи таваҷҷуҳ ба татбиқи амалии ҳар як масъала, то бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аз уҳдаи кор бо ҳама гуна ашёву олоти зиндагӣ баромада тавонанд (аз ҷумла, барои духтарон пухтани хӯрок ва дӯхтани либос; барои писарон ёрӣ расондан ба корҳои хонагӣ, кор дар участкаи наздиҳавлигӣ ва ҳоказо).

5. Таълими инфиродӣ ва таҳсил дар ҳайати гуруҳҳои майда бо мақсади ҷалб кардани бачагони дорои нуқсон ва норасоиҳо ба ҷараёни омӯзиш ва парвариш дар синфҳи умумӣ ва инклюзивӣ.

6. Бо хонандагони нисбатан пешрав ва фаъоли имкониятҳои маҳдуддошта ташкил намудани машғулиятҳои иловагӣ бо мақсади ташаккули маҳорату малакаҳо дар доираи фанҳои асосии таҳсил дар шароити инклюзия.

7. Таҳлили хатоҳои муҳассилин, фаҳмондани сабаб ва моҳияти ғалатҳо, то ки онҳо минбаъд дар омӯзиши мавзӯъҳои нисбатан мураккаб душворӣ накашанд.

8. Рушди муносибатҳои “шарикӣ” ва “рафиқона” дар низоми таҳсилоти фарогир: хонандагони пешрави низоми анъанавӣ бо ҳамсолони дорои талаботи махсус ба таҳсил ҳангоми машғулиятҳои иловагӣ ва, хоса, дар ҳайати гуруҳҳои майда кӯмак мерасонанд.

Қобили зикр аст, ки дар рафти таҳқиқот мо ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё бобати истифода аз технологияҳои муосири инклюзивӣ, методҳо, моделҳое назари таҳлил ва омӯзиш кардем, ки ба шароити таҳсилоти фарогир имкони мутобиқат дорад. Чунончи, таҷрибаи таҳсилоти фарогир дар Русия бо назардошти такя ба фаъолияти мактабҳои инклюзивии ИМА ва Британияи Кабир бештар ду равиши санҷидашударо роҳандозӣ мекунад: ***мейнстриминг*** (ҳамгироӣ ва фаъолияти якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва бачагони

солим) ва ***синфҳои ресурсӣ*** (модели таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус бо педагогҳои соҳибтаҷриба).

Ҳар ду модел ҳам афзалиятҳои хоси худро дошта, дар доираи на танҳо таҳсили фаъоли ҳамгиро, балки ба василаи таҳияи барномаҳои махсус омодагӣ ва имкониятҳои бачагони дорои норасоӣ ва нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли онро бо ҳадафҳои иҷтимоишавии онҳо ҳангоми дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ таъмин месозанд. Бино бар гуфтаи муҳаққиқон, дар ҷараёни фаъолияти якҷояи бачагони солим ва маҳдудиятдошта доираи робитаҳои иҷтимоӣ вусъат ёфта, рафтор ва кирдори онҳо беҳтар гардида, раванди ба таълим ва тарбия фарогирии онҳо рӯ ба осонӣ ва сабукӣ меоварад.

Муҳимтар аз ҳама, чунин модели таҳсилоти фарогир таълимро тавассути татбиқи амали фаъолият рӯйнамо мекунад. Аз ҷумла, бачагон сохтани ҳар гуна ашёу предметҳоро бо дастони худ ёд мегиранд, афзалияти дар ҳайати гуруҳ кор карданро ҳис мекунанад. Боз як хусусияти барҷастаи чунин модели таҳсилоти фарогир дар он зуҳур меёбад, ки ҳангоми фаъолияти якҷоя бачагон ҷиҳатҳои мусбӣ ва камбудию норасоиҳои якдигарро дарк ва қабул карда, дар ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ, сабру тамкин, сабру тоқат қадамҳои устувор мегузоранд.

Модели дигари ташкили раванди таълим дар шароити таҳсилоти фарогир синфҳои ресурсӣ (таълими бачагони дорои нуқсонҳо дар синфҳои махсус ҳини дастгирӣ ва пуштибонии педагогҳои соҳибтаҷриба) мебошад. Ин навъи усул ва ташкили муҳити иклюзивӣ ба солҳои аввали 2000-уми асри 21 рост меояд. Аслан модели мазкур бобати таҳсили бачагоне роҳандозӣ гардидааст, ки иллати аутизм доранд. Аз ҷумла, дар кишвари Русия синфҳои ресурсӣ пас аз таъсиси “Маркази проблемаҳои аутизм” дар доираи корҳои лоиҳавӣ созмон ёфта, баъдтар бо номи “Молекулаи инклюзивӣ” машҳур гардид, ки ҳадафи асосии он дастгирии иҷтимоии бачагонест, ки ба табоҳии модарзоди рушди системаи асаб гирифторанд.

Тазаккур медиҳем, ки дар шароити муосири таҳсилоти фарогир дар ҷумҳурӣ дар бар гирифтани бачагони дорои нуқсони аутизм ба таълим ва тарбия кори басо мушкил ва душвор аст. Барои муваффақ шудан ба раванди фарогирии чунин ашхоси дорои харобии модарзоди низоми асаб як силсисла корҳоеро бояд ба анҷом дод. Дар навбати аввал таҳияи барномаҳои таълимии махсуси мутобиқшуда ба имкониятҳо ва талаботҳои фардии бачагони дорои бемории аутизм тақозо мегардад. Масъалаи дигари муҳим омода кардани синфхонаҳои махсус ва омӯзгорони соҳибтахассус мебошад. Дар чунин синфҳо барои хонандагон шароит ва имконияти таълими ҳам инклюзивӣ ва ҳам инфиродӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти мазкур мо тасмим гирифтем, ки оид ба вазъи таълими бачагони дорои бемории аутизм дар шаҳру навоҳии Панҷакент маълумот дошта бошем. Табиати бемории аутизм дар он аст, ки он ба рушди руҳии (психикӣ) халал расонида, пеши роҳи инкишофи равонии бачагонро бозмедорад. Чунин афроди дорои бемории аутизм асосан дар синфҳои махсус ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, вале имкони муошират ва ҳамроҳ будан бо ҳамсолони худро доранд, ҳангоми чорабиниҳои беруназсинфӣ якҷоя бо бачагони солим ширкат меварзанд. Хусусияти асосии кор бо чунин тоифаи бачагон дар он аст, ки дар раванди таълим муносибати инфиродӣ истифода карда мешавад.

Ҳангоми суҳбат бо дастандаркорони идораи маорифи шаҳру навоҳии Панҷакент ба мо муяссар гардид, ки оид ба таъсиси синфҳои ресурсӣ ва ба таҳсил фаро гирифта шудани бачагон дорои бемории аутизм фикру мулоҳизоти хешро баён дошта бошем. Ҳамчунин андешаҳо бобати фаъолияти ҷолиб ва муассири Маркази тавонбахши “Рахшон” дар шаҳри Панҷакент, ки барои ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва руҳӣ хидмати шоиста дорад, мубодилаи афкор баргузор гардид.

Инчунин фаъолияти ташкилоти ҷамъиятии Маркази дастгирии «Нури умед» дар шаҳри Панҷакент (Ҷамоати деҳоти Саразм, деҳаи Чимқалъа) қобили эътироф ва эҳтиром аст. Ташкилоти ҷамъиятии «Нури умед» ҳамчун маркази тавонбахшии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб дар шаҳри Панҷакент аз санаи 10.08.2009 таъсис ёфта, 19.09.2014 ва соли 2020 бинобар васеъ шудани фаъолияти ташкилот ва мақоми ҷумуриявиро соҳиб шудани он аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба қайд гирифта шуд. ТҶ «Нури умед» ба мақоми ҷумҳуриявӣ соҳиб гашта, дар самти маъюбият, дастгирии занони танҳо ва табақаи осебпазири аҳолӣ фаъолият менамояд.

ТҶ «Нури умед» дар асоси Оиннома ва Низомномаи Маркази тавонбахшӣ барои кӯдакони маъюб амал менамояд ва чунин ҳадафҳоро дорост:

- дастгирӣ оид ба ҳифзи саломатии кӯдакони маъюб ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат;

- кӯмакрасонии ҳаматарафа ба маъюбон, пиронсолон, ҷавонон, оилаҳои осебпазир, фаъолиятҳо доир ба дастгирии кӯдакон ва оилаҳои дар шароити вазнин зиндагӣ қарордошта, оилаҳое, ки саробони худро аз даст додаанд;

- ба амал баровардани дигар намудҳои фаъолият, ки ба қонунгузории ҷории Ҷумхурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Маркази тавонбахшии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб дар ш. Панҷакент, аз соли 2015 дар асоси Тендер бо маблағгузорӣ аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст. Тазаккур бояд дод, ки Марказ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ”, “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ, “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”, Фармоишҳои

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 489 ва дастури методии “КЕЙС-МЕНЕҶМЕНТ” (технологияи роҳнамоии истифодабарандаи хизматҳои иҷтимоӣ) кор мебарад.

Мувофиқи нақшаи тасдиқшуда ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” танҳо дар соли 2026 ба 150 нафар ниёзмандон - кӯдакони маъюб, хизматрасонии иҷтимоии ройгон расониданро ба нақша гирифтааст. Барои саривақт оғоз намудани фаъолият ва дар сатҳи лозимӣ расонидани хизматрасониҳои ройгон ба истифодабарандагони хизмати иҷтимоӣ корҳои таъмирии босифат гузаронида шуд. Инчунин дар асоси Шартнома бо Ташкилоти байналмиллалии “Миссияи Шарқ”, Пудратчӣ - ҶДММ “ПМК-278” корҳои таъмиру сохтмониро бо дар назардошти талаботи Барномаи давлатии “Муҳити дастрас” (дарҳои васеътар, сохтмони пандус ва мавҷудияти рангҳои зарди равшан дар зинапояҳо) ба сомон расонида, ҳуҷраи алоҳидаро ҳамчун синфи ресурсӣ ба истифода дода шуд.

Аз хизмати ин ҳуҷра кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ, зеҳнӣ, руҳӣ, инчунин ашхоси маъюби қобилиятдошта истифода мебаранд. Аз моҳи январ то июни соли 2026 ба 80 нафар кӯдакон, аз ҷумла 50 нафар писарон ва 30 нафар духтарон хизматҳои иҷтимоӣ расонида шудааст. Марказ ба 37 нафар кӯдакони муҳити инклюзия ва ба 28 нафар кӯдакони дар шароити хона таҳсилкунанда хизматрасонии ройгон расонида, ба 15 нафар волидони кӯдакон машваратҳо ва тавсияҳои методӣ дода шуд.

Барои кӯдакон ва бачагони маъюб дар ш. Панҷакент баҳри ташаккул додани малакаҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва пурзӯр намудани хусусиятҳои худидоракунии кӯдак чунин намуди хизматҳо расонида мешаванд:

- машқҳои ҷисмонӣ;

- машғулиятҳо барои рушди ақлонии кӯдак;

- машғулиятҳо барои рушди малакаҳои муоширатии кӯдак (нутқ);

- дарсҳои мусиқӣ барои инкишофи нутқ ва муайян намудани қобилияти мусиқии кӯдак ва ором намудани кӯдак.

Гурӯҳи мутахассисони байнисоҳавӣ ҳар се моҳ бачагони дорои имконияташон маҳдудро аз муоина мегузаронанд. Нақшаи инфиродии хизматрасонии иҷтимоӣ барои ҳар як кӯдак дар якҷоягӣ бо духтурон, кормандони иҷтимоӣ, намояндаи кӯдак ва худи кӯдак тартиб дода, ҳар семоҳ аз нав дида баромада шуда, ба нақшаи корӣ тағироту иловаҳо ворид мекунанд.

Нақшаи инфиродии таълим ва хизматрасонии иҷтимоӣ барои ҳар як ашхоси дорои нуқсонҳои гуногун дар якҷоягӣ бо педагогҳо, духтурон, кормандони иҷтимоӣ, намояндаи кӯдак ва худи кӯдак тартиб дода мешаванд. Гирду атроф ва дохили синфхонаҳо ва ҳуҷраҳои махсус барои таълиму тарбияи бачагон ва омӯзгорону кормандон бехатар мебошанд. Синфхонаҳо ва ҳуҷраҳо барои гузаронидани корҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ бо таҷҳизотҳои зарур ва махсуси нерӯбахшӣ таъмин мебошанд. Мувофиқи Барномаи “Муҳити дастрас” барои бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ пандус бо дастқапакҳо сохта шудаанд. Бо ташаббуси роҳбарият ва бо дастгирии шахсони саховатпеша ва ихтиёриёни ТҶ “Нури умед” барои кӯдакон ва шахсони ниёзманд Гӯшаи “Либосҳои дасти дуюм” ташкил карда шудааст ва ниёзмандон метавонанд мувофиқи табъ ва андозаи худ аз он истифода баранд.

Бо мақсади фарогирии маъюбон ба таҳсил ва иҷтимоишавӣ ТҶ “Нури умед” кӯшиш менамояд, ки дар сатҳи баланд шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шаванд. Ҳангоми вохӯрӣ бо аъзоёни Гурӯҳҳои дастгирии волидони кӯдакону бачагони имконияташон маҳдуд дар деҳаҳо оиди зарурияти пандус дар даромадгоҳҳои муассисаҳои таълимӣ

ва табобатӣ барои шахсони маъюб мунтазам сӯҳбатҳо гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, дар мактабҳои деҳаи Қумоқ бо тавсияи кормандони Маркази нерӯбахш ва маблағгузории гурӯҳи хайриявӣ ва фаъолони деҳа барои бачагони маъюб пандус сохта шуда, айни ҳол дар истифода аст.

Санаи 17 феврали соли 2026 дар шаҳри Панҷакент Шӯрои ҳамоҳангсозии семоҳаи аввал бо иштироки васеи намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, роҳбарони Гурӯҳҳои дастгирии волидайн ва ҷавонони имконияташон маҳдуд, Ассотсиатсияи волидайн - намояндагони ҷамъияти дастгирии ҳамаҷонибаи кӯдакони дорои нуқсонҳо ва хонаводаҳо баргузор гардид.

Дар раванди кори Шӯрои мазкур директори ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” оид ба фаъолиятҳои Маркази нерӯбахшӣ дар соли 2026 маълумот пешниҳод намуд. Ӯ қайд намуд, ки бо ҷалби шахсони саховатпеша имконияти дастрас намудани аробачаҳои махсус барои маъюбон пайдо шуд.

Бо мақсади омӯхтани ҳунарҳои мардумӣ, рушди қобилиятҳои инфиродӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои бачагону кӯдакони маъюб маҳфили махсуси ҳунармандӣ ташкил карда шудааст. Дар доираи ин маҳфил 8 нафар кӯдакони дорои нуқсонҳои саломатӣ ба омӯзиши намудҳои гуногуни ҳунар – дӯзандагӣ, гулдӯзӣ ва корҳои дастӣ фаро гирифта мешаванд. Омӯзишҳо аз ҷониби мутахассисони ботаҷриба гузаронида шуда, муҳити дӯстона ва рӯҳбаландкунанда барои ҳар як ашхоси дорои маҳдудият шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Ногуфта намонад, ки аксарияти бачагон ва кӯдакон вобаста ба хусусият ва табиати нуқсонҳои саломатӣ ва ҷисмонӣ бо таҷҳизотҳои ёрирасон ва воситаҳои техникии инфиродии тавонбахшӣ (роҳравакҳо, мизу курсичаҳои махсус барои нигоҳдории ҳолати бадан, матҳои

гимнастикӣ, истгоҳҳои махсус, тӯбҳои андозаашон гуногуни муолиҷавӣ, таҷҳизотҳои мувозинавӣ) таъмин мебошанд.

Волидайни кӯдакон ва намояндагони онҳо дар рафти машқу машғулиятҳо иштирок менамоянд ва малакаҳои тавонбахширо азхуд мекунанд. Дар асоси хоҳишу дархостҳои волидайн барои боз ҳам беҳтар шудани вазъи саломатии кӯдакон барои истироҳат ва гирифтани табобати махсуси ройгон дар осоишгоҳҳо шароит муҳайё карда мешавад. Дар 6 моҳи соли 2026 аз ҷониби кормандони ТҶ “Нури умед” ва Маркази тавонбахшии иҷтимоӣ барои 32 нафар кӯдакони маъюб дар шаҳри Панҷакент хизматрасонии тавонбахшии ҷисмонӣ расонида шудааст.

Ба 28 нафар кӯдакони имкониятаашон маҳдуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷамоатҳо ва деҳаҳои дурдаст таҳсил мекунанд ва имконияти фарогирӣ дар ҳудуди шаҳр надоранд, сараввал волидонашон машқу машғулиятҳоро меомӯзанд, то дар шароити хона бо фарзандон мустақилона кор баранд. Ҳамчунин дар синфхонаҳо ва ҳуҷраҳои махсус бо иштироки кӯдакон машғулиятҳои шавқовар аз ҷониби кормандони иҷтимоӣ барои беҳтар шудани моторикаи панҷаҳо, бо истифодаи маҳсулотҳои донагӣ (лӯбиё, наск, нахӯд, биринҷ) апликатсияҳо тайёр карда мешавад.

Ҳамзамон вазъи бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд тавассути истифода аз таҷҳизотҳо (курсии секунча, тӯби хордор, пойбандак, лӯлачаи ёрирасон), паҳлӯгардӣ (барои ҳаракатҳои дасту пой ва тахтапушт барои пайдо шудани рефлексҳо), нишастан, рост истодан (барои идора намудани мувозинати кӯдак, барои росткунии мушакҳои кӯтоҳшуда), роҳ гаштан (идораи буғуми пой бо мувозинати дуруст кадаммонӣ) пайваста машқ ва дар ҷараёни ҳаракат сафарбар мешаванд.

Дар раванди машқҳо курсии махсус, тӯби калони суфта ва хордор, норбонча, истгоҳи махсус, зинапоя, велосипед, тӯби волейбол, маводҳои

таълимӣ, ашёҳои рангаи гуногун истифода бурда мешаванд. Боиси хушнудист, ки ба бачагону кӯдакони дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои ҷисмонӣ, ақлӣ ва руҳӣ малакаҳои иҷтимоӣ: хӯрокхӯрӣ, хӯрокдиҳии дуруст, либоспӯшӣ, либоскашӣ, қазои ҳоҷат, шустушӯй, шустани дандон, худхизматрасонӣ парвариш карда мешавад. ТҶ “Нури умед” бо Маркази тавонбахшии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб, бо Маркази саломатии шаҳр, бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳо, Ҳукумати шаҳр, идораи маорифи шаҳр, муассисаи давлатии “Маслиҳатгоҳи психологӣ – тиббӣ педагогӣ”, Ассотсиатсияи кумитаи волидони кӯдакони имконияташон маҳдуд” ва Шӯъбаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ пайваста дар ҷараёни ҳамкорӣ оид ба фарогирии онҳо ба муҳити инклюзивӣ мебошанд.

То ҳол 22 нафар кӯдакони дорои бемории аутизм ба мактаб ва 8 нафар ба боғчаи кӯдакона мераванд. Педагогҳо ва кормандони иҷтимоӣ бо кӯдаконе, ки мушкилоти нутқ доранд, машқу машғулиятҳои логопедӣ мегузаронанд. Нақшаи инфиродии таҳсили кӯдакон вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо барои инкишофи зеҳнӣ, эҷодӣ, малакаҳои муошират, малакаҳои худхизматрасонӣ, рафтор дар зиндагӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ таҳия мегардад. Инчунин аз ҷониби кормандони иҷтимоӣ машғулиятҳои гурӯҳӣ бо кӯдакони имконияташон маҳдуд бо назардошти имкониятҳои ҷисмонӣ ва қобилияти зеҳнии онҳо гузаронида мешавад. Барои гузаронидани машғулиятҳои гурӯҳӣ утоқи махсус ҷиҳозонида шуда маводҳои лозима дастрас мебошад.

Номгӯи бемориҳо ва гурӯҳбандии шумораи бачагон ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ҳудуди шаҳри Панҷакент дар марҳилаи ба анҷомрасии таҳқиқот:

- Фалаҷи майнавии кӯдакона - 8 нафар
- Аломатҳои Даун - 6 нафар
- Бозмонии инкишофи ақлонӣ - 2 нафар

• Бозмонии инкишофи нутқӣ - 3 нафар

• Бозмонии инкишофи ақлонӣ ва нутқӣ - 2 нафар

• Бемории саръ - 3 нафар


• Лакнати забон - 5 нафар

• Оқибати осеби тавлидӣ - 3 нафар

• Сустақлӣ - 4 нафар

• Каррию гунгӣ - 1 нафар

Диаграммаи 1



Бо муайян намудани мушкилоти кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои гуногуни саломатӣ, ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ ва амсоли он дар ҳамкорӣ бо кормандони соҳаи тиб дар шаҳру деҳот дар шароити хонавода пайваста ёри волидон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ расонида мешавад.

Бо фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” дар давраи 5 соли охир шинос шуда, яқин кардем, ки таъмини муҳити мусоид барои кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои мухталифи саломатӣ ва мутобиқати барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои амалкунанда аз назар гузаронида шуд. Маълум шуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълими бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд назди ТҶ “Нури умед” ва беҳтар намудани баъзе ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти он мо тавсияҳои методӣ ва машваратҳои касбӣ пешниҳод кардем. Тавсияҳои пешниҳодшудаи мо

барои баррасӣ қабул шуда, баҳри иҷрои онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Маълумотҳо оид ба иҷроиши нақша – чорабиниҳо тибқи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ оид ба иҷрои дастуру паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ нишон дод, ки дар ТҶ “Нури умед” ва маркази тавонбахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюби шаҳри Панҷакент корҳои муайян ба роҳ монда шудаанд. Бояд қайд кард, ки ташкилоти ҷамъиятии мазкур бо волидайни бачагону кӯдакони дорон нуқсонҳои мушаххас дар робитаи ҳамешагӣ буда, тавассути кӯмак ва дастгирии муштарак дар иҷрои нақшаю чорабиниҳои пешбинишуда фаъолияти самаранок мебаранд.

Дар доираи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» бо волидайни бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мунтазам суҳбату машваратҳо гузаронида шуда, оид ба баланд бардоштани масъулияти оила дар тарбияи фарзанд, ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб, фароҳам овардани муҳити мусоиди рушди онҳо ва пешгирии ҳолатҳои номатлуб корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода мешаванд. Ҳамзамон, раванди иҷрои нақшаи чорабиниҳои дохилии муассиса пайваста мавриди назорат қарор дошта, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кормандон баррасӣ гардида, барои беҳтар намудани сифату баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассиса тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Алъон ТҶ “Нури умед” дар роҳи ташкили машғулиятҳои фосилавӣ ҳалли як қатор масъалаҳоро пешбинӣ намуда, оид ба харидорӣ кардани компютерҳо, веб-камераҳо, сканер, принтер ва амсоли он, ки робитаи педагогҳо, волидон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро мураттаб мегардонад, чораҳои зарурӣ меандешад. Дар ҷараёни таълим иртиботи

педагог бо бачагон, иҷрои супоришҳо аз ҷониби омӯзандагон тавассути хам тариқи дарсҳои Онлайн ва ҳам васоити фосилавии иртиботӣ-иттилоотӣ, амсоли почтаи электронӣ, телефон, мессенҷерҳои амалкунанда: WhatsApp, Viber дар шакли электронӣ ба амал оварда мешавад. Чунин шаклу усули ташкили дарсҳои фосилавӣ аз чанд ҷиҳат мусбӣ арзёбӣ мегардад:

- бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар шароити хонавода имкони бе монеа ба таълиму парвариш фаро гирифта шуданро пайдо мекунанд;

- дарсҳо метавонанд тариқи инфиродӣ низ баргузор гарданд ва дар татбиқи он мувофиқати вақту соати дарс байни педагог ва волидон аниқ карда мешавад;

- барои бачагони дорои маҳдудиятҳои ҷиддӣ ба тариқи имтиёз ҷадвали махсус таҳия гардида, бо роҳу равиши ба онҳо писанд машғулиятҳо дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти фарогир доир мегардад;

- хусусияти афзалиятноки чунин дарсҳои фосилавӣ боз дар он аст, ки бачагон дар самти мустақилона рушд ёфтани фаъолияти зеҳнӣ-маърифатӣ қадамҳои устувор гузошта, барои ба таҳсил фаро гирифта шудани худ шарооити мувофиқ фароҳам меоранд.

Албатта, таҳсили фосилавӣ ҷиҳатҳои манфии худро низ дорад. Аз ҷумла, он имконияти иртиботи “зинда”-и бачагонро маҳдуд месозад, дарсҳои анъанавиро иваз намекунад ва дар роҳи пайваст шудан ба муҳити таҳсилоти фарогир мушкилот эҷод мекунад. Шояд ТҶ “Нури умед” дар робита бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба фаъолияти муштарак дар самти ҳам дарсҳои фосилавӣ ва ҳам анъанавӣ дар доираи таҳсилоти фаъоли фарогири бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд чораю тадбирҳои мушаххас меандешанд. Доир ба ин масъала мо тавсия ва андешаҳои худро пешкаш кардем.

Дар робита ба фаъолияти ТҶ “Нури умед” афзудан мехоҳем, ки соли 2012 аз ҷониби ташкилот дар ҳамкорӣ бо ташкилоти

байналмиллалии “Миссияи Шарқ” дар 20 деҳа тадқиқот оиди муайян намудани кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд (иллатдор, бемор, маъюб ва ҳоказо) гузаронида шуда, 410 кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногун муайян гардида буд. Дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла КАТС, Шӯъбаи маорифи ш. Панҷакент ва ҷамоати деҳот барои ба таҳсил фаро гирифтани бачагони дорои имконоти маҳдуд як қатор чорабиниҳо гузаронида шуд, ки он дар ин ҷода натиҷаи хуб нишон дод.

Акнун чанд сухан оиди “Маркази Тавонбахшӣ” гуфтан мехоҳем, ки барои кӯдакони имконяташон маҳдуд моҳи ноябри соли 2012 бо дастгирии Ҳукумати шаҳри Панҷакент ва бо дастгирии ташкилоти байналмиллалии «Миссияи Шарқ» ба фаъолият шурӯъ намуда буд.

Барои кормандони Маркази тавонбахшӣ аз мутахассисони соҳибтаҷрибаи маҳаллӣ аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Иттиҳоди Аврупо омӯзишхо гузаронида шуданд. Кормандони ичтимоӣ дорои сертификат ва малакаи хизматрасонӣ буда, ҳамарӯза ба кӯдакон ва бачагони дорои нуқсонҳои саломатӣ хизмат мерасонанд.

Дар Маркази Тавонбахшӣ кӯдакону бачагони бемор муддати то се соат аз хизматрасониҳои тиббӣ баҳраманд мешавад. Вобаста ба нақшаи инфиродӣ ҳар як кӯдак дар хучрахои лозимӣ аз хизмати тиббӣ истифода мебарад. Дар ҷараёни хизматрасонӣ волидайни ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд иштирок менамояд, машқ ва машғулиятҳои гузаронидашударо азхуд менамоянд, зеро кулли фаъолиятҳо дар шароити хона аз ҷониби волидон давом дода мешаванд.

Мониторинг ва баҳодиҳӣ ба фаъолияти кормандони Марказ оиди хизматрасонӣ аз ҷониби кормандони масъули Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин роҳбарияти ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” гузаронида мешаванд.

Дар Марказ барои рушди тараққиёти ҷисмонӣ ва ақлонии кӯдак тавассути машқҳои ҷисмонӣ, машғулиятҳои зеҳнӣ, инкишофи нутқ кор бурда мешавад. Бо истифода аз таҷҳизотҳои лозима бозичаҳо, ашёҳои ҳуҷра амалиётҳои хизматрасонӣ иҷро мешаванд, инчунин маслиҳат ва супориш ба волидони кӯдакон дода мешавад.

Инчунин бо кӯдаконе, ки мушкилоти иртиботӣ-иттилоотӣ доранд, ҳарфҳоро дуруст талаффуз намекунанд, нутқи нопурра доранд (пас аз ҷарроҳии заргӯшлаб), маркази нутқиашон осеб дидааст, асоратҳои осеби тавлидӣ, лакнати забон, сустақлӣ доранд, хизматрасонӣ гузаронида мешавад. Бо мақсади мустаҳкам намудани хотираи кӯдакон, барои рушди моторикаи хурд, барои ворид шудан ба муҳити ҳамсолонашон, омода шудан ба мактаб, боғча, баён намудани фикри худ бо ҳарф ё бо аломатҳои ишоравӣ машғулиятҳо гузаронида мешавад.

Намудҳои хизматрасонӣ вобаста ба қобилият инҳоанд:

1. Машқҳои ҷисмонӣ, ёзиши мушакҳо, ҳолати дурусти ҳаракат, малакаҳои ғелидан, гавак кашидан, рост истодан, роҳ гаштан, нишастан, ҳаракати дастон, идораи дурусти дастон, идораи сару бадан.

2. Машғулиятҳои педагогӣ ва психологӣ барои рушди диққат, шавқ, нутқ, муносибат ва малакаҳои омӯзишии кӯдак.

3. Бозиҳои гурӯҳии мақсаднок. Аз ҷумла, омӯзонидани малакаҳои рӯзмарра - раванди хӯрокхӯрӣ, либоспӯшӣ, либоскашӣ, ҷобаҷогузории либосҳо, шустушӯйи дасту рӯй, дандон, ҷобаҷо намудани ҷойгаҳ, худхизматрасонӣ, иҷроиши эҳтиёҷоти зарурӣ.

4. Ба модарон оиди омода намудани хӯроки солим ва серғизо дар ошхона маслиҳат дода, дар амал нишон дода мешавад.

5. Маслиҳатҳои ҳуқуқӣ баҳри ҳалли мушкилотҳои кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва хонаводаҳо.

6. Маслиҳатҳо оиди донистани ҳуқукҳои бачагон ва кӯдакони имконияташон маҳдуд, ба таҳсил фаро гирифта шудани онҳо дар МТМУ ва муассисаҳои томактабӣ.

Дар қисмати ниҳоии рисола тасмим гирифтем, ки дар робита ба омодагии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Панҷакент ва ТҶ “Нури умед” дар шароити таҳсилоти фарогир, омодагии онҳо барои фаъолият ҳамчун педагог-раҳнамо санҷиш ва озмоиши таълимӣ гузаронем. Асоси методологии санҷиш ва озмоишро муносибати босалоҳият ба таълим ва ҳамчунин равиши аксиологӣ (арзишҳои моддӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ) ташкил намуд. Санҷиш дар тӯли солҳои 2024-2025 бо иштироки 20 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

Қабл аз оғози кори санҷишӣ-озмоишӣ ташхиси пешакӣ ва семинари илмӣ-методии “Таҳсилоти фарогир: тренинг бо волидон” баргузор гардид. Ҳадаф ташаккули дониш, маълумот ва таассуроту тасаввурот бо роҳи санҷиш ва озмоиши фаъолияти омӯзгорон оид ба арзишҳо, моҳият (ҷанбаи фалсафӣ) ва принсипҳои таҳсилоти фарогир, шиносоӣ бо усулҳои кор бо волидон дар шакли тренинг (методи интерфаъол бо мақсади рушди муттасили малака, маҳорат ва сифатҳои инфиродӣ) мебошад.

Санҷиши технологияи тренингӣ тавассути усулҳои фаъол дар самти робитаи омӯзгор бо волидон дар шароити таҳсилоти фарогир бо чунин роҳҳо амалӣ карда шуд:

1.Омодагии пешакии ҳайати омӯзгорони интихобшудаи муассисаҳои таҳсилот ва ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” ва Маркази нерӯбахшӣ, ки барои баргузории санҷиш-озмоиш (эксперимент) ва тайёр будани худ бобати коркарди роҳу усули кор бо волидон изҳори розигӣ карданд.

2. Интихоби мазмун ва мундариҷаи тренингҳо, ки барои ташаккули дониш ва салоҳияти волидон дар робита ба роҳандозии

муносибати хайрхоҳона, таҳаммулпазирона бо дарназардошти хусусиятҳои фарқкунанда ва инфиродии бачагону кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд.

3. Ташкили муназзам ва мураттаби кори ҳайати иштирокчиёни санҷиш-озмоиш оид ба омодагӣ дар баргузории босамари тренингҳо.

Арзёбии натиҷаҳои фаъолияти санҷишӣ-озмоишӣ таҳлил ва омӯзиши сифати салоҳиятмандии омӯзгоронро оид ба омодагии инклюзивӣ бобати фаро гирифта шудани кулли бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва руҳию равонӣ ба раванди санҷиш ва озмоиш бо дарназардошти азхуд кардани роҳу равиши кор бо волидон.

Ҳамчун воситаи ташхиси арзёбии натиҷанокии фаъолияти санҷишӣ-озмоишӣ супориши хаттии вариативӣ (пурсишнома тариқи вариантҳои гуногун) истифода бурда шуд. Яке аз меъёрҳои натиҷанокии кори санҷишӣ-озмоишӣ ба салоҳияти касбии омӯзгорон вобаста дониста шуд. Чунин гузориши масъаларо аз чунин имконият ва маҳорати касбии онҳо муқаррар кардем:

- *салоҳияти шахсӣ:* дарки арзишҳои таҳсилоти фарогир ва маҳорати иштироки фаъол дар раванди таълим ва тарбияи бачагони имконияташ маҳдуд, гирифтани пеши роҳи ҳама гуна муҳокимаю айбмонӣ нисбат ба бачагони дорои нуқсонҳои гуногуни саломатӣ, маъюбӣ, камшунавоӣ, камбиноӣ, зеҳнӣ, ақлӣ ва ҳоказо;

- *салоҳияти ташкилӣ-методӣ:* маҳорати интихоби муошират нарму мулоим, рағбатангез, мушоҳидаи раванди пешравии бачагони дорои имконияташ маҳдуд, огоҳ будан аз кайфият ва руҳияи онҳо, азхуд кардани малакаҳои кор бо гуруҳҳои алоҳида, қабули қарори муштарак ва амсоли он;

- *салоҳияти методӣ:* шиносоии наздик бо моҳият ва асолати тренинг, воридшавии комил ба фазои он ҳамчун шакли маъмули кор бо волидон, аз ҷумла, ташаккули маҳорату малака дар самти фаъолияти

муштараки педагог бо волидон ҳамчун субъектҳои раванди таҳсилоти фарогир.

Ҳангоми коркарди анкета (пурсишнома) се гунаи (вариант) он ба назар гирифта шуд ва онро шартан “А”, “Б” ва “В” номгузорӣ кардем. Мазмуни саволҳои ҷузъи “А” имкон дод, ки салоҳияти зеҳнӣ-маърифатӣ, мотиватсионӣ (майлу рағбат) ва ҳиссиётӣ-эмотсионалии омӯзгорон бобати афзалиятҳои таҳсилоти фарогир ва ҷалби бачагони дорои имкониятташон маҳдуд ба таълиму парвариш муқаррар карда шавад. Аз ҷумла, огоҳии комили омӯзгорон оид ба таҳсилоти фарогир ҳамчун модели (намуна) таълими якҷоя (бо ҳам, дар якҷо), муносибати бошуурона ба ғояҳо ва арзишҳои таҳсилоти фарогир, дарки нуфузи равандҳои инклюзивӣ ба сифати таълиму парвариши кулли муҳассилин, рушди зеҳнӣ-маърифатии онҳо, ташаккули хислатҳои ҳамидаи шахсӣ, хусусияти касбӣ ва ниёзҳои ботинии омӯзгор.

Мазмуну мундариҷаи саволҳои ҷузъи “Б” имконият бахшид, ки тасаввуроти омӯзгорон оид ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳсилоти фарогир, пеши назар овардани душворию мушкилоти бачагони дорои имкониятташон маҳдуд дар раванди таҳсили якҷоя бо бачагони солиму тавоно, ниёзҳои махсуси таълимии ашхоси бонуқсон, эътимодӣ дар интихоби навъи муассисаи таҳсилот, натиҷаҳои интизории таҳсили бачагони дорои имкониятташон маҳдуд аниқ ва муайян карда шавад.

Мазмуну мундариҷаи саволҳои ҷузъи “В” имкон бахшид, ки тавсифи умумии мактабҳое, ки омӯзгорон фаъолият мебаранд, бо дарназардошти мавҷудият ва ё набудани синфҳои инклюзивӣ ба амал оварда шавад. Мувофиқи саволҳои мушаххас оид ба ному макони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои ибтидоӣ) шумораи умумии бачагони дорои имкониятташон маҳдуд (ДИМ), шароити мактаб барои тахсилоти фарогир, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дараҷаи таъминӣ бо дастурҳои методии махсус оид ба таҳсилоти фарогир, иштироки омӯзгорон дар тренингҳо, мавҷуд будани штати равоншинос

ва педагоги махсус ба мо муяссар гардид, ки арзёбии масъалаи мавриди таҳқиқ имконпазир гардад.

Аз ҷумла, тавсифи умумии мактабҳои дорои синфҳои инклюзивӣ нишон дод, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилот, ки мавриди санҷиш қарор ёфтаанд, синфҳои инклюзивӣ мавҷуданд, вале мавҷудияти шароити мусоид барои бачагони дорои имконияташон маҳдуд беҳбудӣ мехоҳад. Хушбахтона, аксари мактабҳо бо Ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” ва Маркази нерӯбахши ш. Панҷакент робитаи зичи ҳамкорӣ доранд, бо дастуру тавсияҳои методии донишмандони ватанӣ Каримова И.Х., Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Байзоев А. ва дигарон шинос мебошанд.

Ҷадвали 1. Тавсифи умумии мактабҳои дорои синфҳои инклюзивӣ дар шаҳр ва ноҳияи Панҷакент

Мактаб	Шумораи умумии БТМ	Шароити мактаб барои таҳсилоти фарогир	Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ)	Таъминот бо дастурҳои методии махсус	Иштироки муаллимон дар тренингҳо	Таъминот бо равоншиносон ё педагогҳои махсус
МТМУ № 6	16	Синфи захиравӣ барои истироҳат	ТҶ «Нури умед»	Ба забони русӣ	+	Аз ТЧ буданд
МТМУ №12	14	Шароити махсус надорад	Маркази нерӯбахшӣ	Ба забони тоҷикӣ	+	+
МТМУ № 24	9	Синфи захиравӣ барои истироҳат	ТҶ «Нури умед»	Ба забони тоҷикӣ	+	Аз ТЧ буданд
МТМУ № 35	6	Шароити махсус надорад	-	-	+	-
МТМУ № 39	7	Шароити махсус надорад	-	-	-	-
МТМУ № 41	11	Шароити махсус надорад	ТҶ «Нури умед»	-	+	-

Мактаб	Шумораи умумии БТМ	Шароити мактаб барои таҳсилоти фарогир	Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ)	Таъминот бо дастурҳои методии махсус	Иштироки муаллимон дар тренингҳо	Таъминот бо равоншиносон ё педагогҳои махсус
МТМУ № 4	5	Шароити махсус надорад	-	-	-	-
МТМУ № 13	10	Шароити махсус надорад	-	Ба забони русӣ	-	-

Мувофиқи ҷавобҳои омӯзгорон ба саволҳои пурсишнома ба мо муяссар гардид, ки якчанд масъалаҳоро дақиқ ва саҳеҳ арзёбӣ намоем. Масъалаи аз ҳама муҳим муносибати омӯзгорон ба шарту шароитҳои таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, таҳлили маълумотҳое, ки мувофиқи пурсишнома дастрас шуд, собит месозад, ки хулосаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

а) аксари омӯзгорон дар маҷмӯъ оид ба моҳият ва афзалияти низоми таҳсилоти фарогир огоҳанд ва арзишҳои аслии онро ҷонибдорӣ мекунанд;

б) омӯзгорон (100%) дар ақидаанд, ки муассисаҳои таҳсилот хусусият ва талаботҳои махсуси таълимии ҳар як бачагони дорои имконияташон маҳдудро ҳатман бояд ба инобат гиранд;

в) тақрибан 50-55%-и омӯзгорон мутмаинанд, ки бачагони дорои имконияташон маҳдуд бояд дар мактабҳои махсус ва синфҳои ресурсӣ ба таҳсил фаро гирифта шаванд, зеро ашхоси дорои нуқсонро аз вазъи ногувори хиҷолатӣ, психологӣ ва ҳиссиётӣ-эмотсионалӣ озод мегардонад;

г) гуруҳи дигари омӯзгорон (30-35%) дар чунин андешаанд, ки бачагони дорои имконияташон маҳдуд бояд ба талаботи муассисаи таҳсилот мувофиқ ва мутобиқ бошанд;

д) қисми дигари омӯзгорон (атрофи 50%) муҳиммият ва афзалияти таҳсили якҷояи бачагони дорои икониятҳои маҳдуд ва солимро дастгирӣ намуданд.

Таҳлили ҷавобҳо аз рӯйи саволҳои пурсишнома мавқеи омӯзгоронро нисбати таҳсилоти фарогир дар ташаккули қобилияти зеҳнӣ-маърифатӣ ва сифатҳои шахсии бачагони дорои икониятҳои маҳдуд то андозае мушаххас карда, собит сохт, ки ҷалби ашхоси дорои нуқсонҳо ва норасоиҳои ҷисмонӣ, ақлӣ, руҳӣ ва амсоли он ба раванди таълиму тарбия дар робита ба ҳуқуқ ва меъёрҳои иҷтимоишавии онҳо аҳаммияти бузурги гуманистӣ ва инсондӯстиро тақвият мебахшад.

Ҳангоми суҳбат бо кулли омӯзгорон, равоншиносон ва мутахассисони соҳаи таҳсилоти фарогир паҳлуҳои ҷолиб ва мубрами онро ошкор ва рашан сохт. Қабл аз ҳама, эътироф гардид, ки таҳсили инклюзивӣ (якҷоя, бо ҳам) ба рушду такомули ахлоқӣ-маънавии бачагони дорои имконияташон маҳдуд такони бузург мебахшад, ба ташаккули ҳисси эҳтиром, шафқат, дилсӯзӣ, меҳрубонӣ ва ҳамраъйӣ мусоидат мекунад. Таҳсили якҷояи бачагони дорои маҳдудиятҳо ва комилан солим раванди муошират ва омӯзишу парваришро осон гардонида, ба ашхоси руҳафтода ва ноумед роҳи васеи умед ва ормонҳоро пешорӯ мекунад. Ногуфта намонад, ки бархе аз омӯзгорон (20-25%) таҳсили якҷояи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва солиму тавоноро бо сабабҳои мухталиф (хавфи суст шудани майлу рағбати хонандагони пешрав) чандон тарафдорӣ накарданд.

Таҳлили натиҷаҳои ба дастомада (аз рӯйи саволҳои пурсишнома) як чизи муҳимро низ аён намуд, ки он ҷузъи хоҳишмандӣ, рағбатнокии (мотиватсионӣ) салоҳияти касбии омӯзгоронро дар самти таҳсилоти фарогир аён ва ошкор сохта, аз мавҷудияти майлу ҳаваси мусбии онҳо дарак медиҳад.

Дар навбати худ, аз таҳлили ҷавобҳои пурсишнома маълум шуд, ки аксари омӯзгорон аз набудани дониш ва маҳорату малакаҳои кор дар шароити таҳсилоти фарогир изҳори нигаронӣ карданд. Аз ин лиҳоз, онҳо омодагии худро бобати такмили самараноки ихтисос, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ изҳор намуданд.

Бешубҳа, яке аз масъалаҳои асосии санҷиш-озмоиш ва дастрас шудани маълумотҳои дақиқ дар ин самт таҳлили натиҷаҳои пурсишнома дар робита ба методикаи кори омӯзгорон бо волидон тавассути тренинг буд. Дар ин росто мехостем дониш, маҳорат ва малакаи омӯзгоронро дар шаклу намудҳои гуногуни фаъолияти муштараки онҳо муайян созем. Мутаассифона, ошкор гардид, ки қариб ҳамаи омӯзгорони ба санҷиш-озмоиш даъватшуда эътироф карданд, ки аз методикаи ташкили тренингҳо бо волидони бачагони дорои имконияташон маҳдуд хабар надоранд.

Мутмаин шудем, ки салоҳияти ибтидоии омӯзгорони ба таҳсилоти фарогир мутаваҷҷеҳшуда дар зинаи нахуст ва аз нигоҳи салоҳияти касбӣ ҳануз ташаккулнаёфта қарор дорад. Муқаррар карда шуд, ки донишу маълумоти асосӣ (назария, факту рақамҳо), маҳорату малака (татбиқи амалии донишу маълумот), омадагӣ ба рушди салоҳияти касбӣ (қобилияти азхуд кардани донишу маълумоти саҳеҳ ва дақиқ) дар вазъи паст қарор дорад. Аксари омӯзгорон хоҳиш карданд, ки бобати ташкили босамари низоми таҳсилоти фарогир аз маълумотҳои дақиқи ибтидоӣ шурӯъ бояд кард.

Аз ин лиҳоз ба мо зарур омад, ки корро аз ташхиси маҷмӯии салоҳияти омӯзгорон дар самтҳои калидии мотиватсионӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ ва фаъолмандӣ оғоз намоем. Аз ҷумла, ҷузъи мотиватсионӣ аз омодагии психологӣ ва муносибати омӯзгорон нисбати таълиму тарбияи бачагони имконияташон маҳдуд хабар медиҳад. Бори дигар яқин мегардад, ки омодагии омӯзгор шарти асосии ташкили методии таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад. Зери ифодаи “омодагии омӯзгор” ба ҷузъ азхуд намудани донишҳои самти инклюзия қобилияти корбасти технологияи махсуси таълим ва татбиқи он дар амалия пеши назар меояд.

Бо ин мақсад мо тасмим гирифтем, ки пурсишномаро таҳти унвони “Омӯзгор дар фазои таҳсилоти фарогир” роҳандозӣ намоем. Вазифаи

асосӣ дар ин самт муайян кардани муносибати педагог ба моҳият ва асолати инклюзия мебошад. Яъне сухан бобати мавқеи шахсӣ ва касбии омӯзгор меравад. Ғояи асосии пурсишномаро муносибати омӯзгор дар татбиқи самараноки таҷрибаи инклюзивӣ ташкил менамояд ва собит месозад, ки он аз мавҷудияти донишҳои махсус болотар меистад.

Дар рафти санҷиш-озмоиш тариқи пурсишнома ташхиси омӯзгорон дар самтҳои зерин ба амал оварда шуд:

- муносибати омӯзгор ба бачагони дорои имконияташ он маҳдуд;

- муносибат ба таҳсили якҷояи муҳассилини солим ва дорои нуқсонҳо;

- омодагии омӯзгор дар самти оғози фаъолият дар муҳити таҳсилоти фарогир;

- ҳисси эътимод ва боварии комили омӯзгор ба фаъолияти инклюзивӣ;

- арзёбии салоҳияти шахсӣ аз ҷониби омӯзгор.

Сохтори анкета:

Бахш	**Чиҳо санҷида мешавад?**
арзишмандӣ	қабули ғояи инклюзия
ҳиссиётӣ	боварӣ, тарс, андеша
муносибат	омодагии фаъолият дар муҳити ТФ

Бартарии чунин методика бо он ифода меёбад, ки хеле осон дарк гардида, барои гирифтани ҷавобҳои мушаххас ва қонеъкунанда мусоидат мекунад. Дар навбати худ роҳу усули мазкур маҳорати воқеии касбии омӯзгор, азхудшавии технологияи инклюзивӣ, қобилияти тарҳрезии раванди таълимро нишон намедиҳад. Ҳарчанд ба саволи “Оё ман дар шароити таҳсилоти фарогир кор карданро мехоҳам?” ҷавоби аниқ гирифта мешавад, вале ба суоли “Оё аз уҳдаи кор мебароям?” ҷавоби комилан дақиқ ва саҳеҳ имконнопазир гардид.

Дар рафти таҳқиқот мо кӯшиш кардем, ки масъалаи омодагии омӯзгорро ба фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир пурратар ташхис намоем. Дар ин росто якчанд ҷузъҳои омодагии омӯзгорро муқаррар кардем. Аз ҷумла:

Ҷузъ	**Мазмун**
мотиватсионӣ	майлу рағбати касбӣ
когнитивӣ (зеҳнӣ)	дониши педагогикаи инклюзивӣ
амалӣ	маҳорату малака
шахсӣ	таҳаммулпазирӣ, ҳамраъйӣ
рефлексивӣ	қобилияти ба худ баҳо додан

Чуноне, ки мебинем, дар мавридҳои зикршуда на ташхиси муносибати омӯзгор ба асолати таҳсилоти фарогир арзёбӣ мегардад, балки сатҳу дараҷаи омодагии касбии ӯ муайян карда мешавад. Ба андешаи мо, омӯзгор худро вақте шомили и муҳити воқеии таҳсиооти фарогир эҳсос мекунад, агар дар ӯ маҷмӯи чунин қобилиятҳо ташаккул ёфта бошад: дониш, майлу рағбат, таҷриба ва арзёбии шахсӣ.

Дар раванди озмоиш яқин кардем, ки мафҳуми “омодагии инклюзивии омӯзгор” ҳамчун салоҳияти касбӣ рӯйнамо мегардад. Яъне ин мафҳум муносибати босалоҳият ба таълимро пеши назар аён месозад. “Омодагии инклюзивии омӯзгор” тавассути чунин ҷузъҳо ва рукнҳои пайванд, амсоли аксиологӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ, фаъолмандӣ, коммуникативӣ (иртиботӣ) ва рефлексивӣ равшан ва мушаххас мегардад.

Акнун чанд сухан оид ба муқоисаи ғояҳо ва хулосаҳои ташхиси омодагии омӯзгор дар робита бо хонавода (волидон) пешниҳод мегардад. Мусаллам шуд, ки меъёри асосии фаъолияти омӯзгор дар доираи муносибати босалоҳият дар ҳамбастагӣ бо омодагии касбӣ ва салоҳияти касбӣ зуҳур мешавад. Самти асосӣ – риояи арзишҳои шахсии бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд маҳсуб меёбад.

Кулли муҳаққиқон ва омӯзгорони соҳибтаҷриба чунин мешуморанд, ки таҳсилоти фарогир бе эҳсос ва дарки арзишҳои зеҳнӣ-маърифатӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ, эҳтироми шахсияти дорои имконияташ маҳдуд, омодагии психологии омӯзгор, донишҳои махсуси инклюзивӣ, ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун (тиб, равоншиносӣ, логопедҳо, сурдопедагогҳо ва амсоли он), рушди пайвастаи касбӣ имконнопазир ва тасаввурнашаванда аст.

Аз ин лиҳоз, саволҳое пайдо мешаванд, ки аз ҷавоби дурусти онҳо низоми таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи баланди густариш, таҳаввул ва корбаст қарор хоҳад ёфт.Пеш аз ҳама:

- Оё педагог худро барои фаъолияти касбӣ дар муҳити инклюзивӣ омода ҳисоб мекунад?

- ба мазмун ва мундариҷаи омодагӣ чиҳо дохил мешавад?

- ташаккули салоҳияти касбӣ чӣ гуна сурат мегирад?

Чуноне, ки мебинем, гузариш аз як модел ба модели дигар дар доираи **“муносибат – омодагӣ – салоҳиятмандӣ”** ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин радиф ҳамаи ҷузъҳои модел - муносибати бошууронаи омӯзгор, омодагӣ ба низоми таҳсилоти фарогир ва салоҳияти касбӣ ҳамчун далели боэътимоди ташхиси салоҳиятмандии педагог зуҳур мекунад. Дарк ва эҳсоси падидаи (феномен) омодагии инклюзивӣ ҳамчун рукни асосии шахсияти касбии омӯзгор бо назардошти кулли афзалиятҳои таҳсилоти фарогир, аз ҷумла, мотиватсионӣ (майлу рағбат, хоҳиш, устувории мақсад ва матлаб), зеҳнӣ-маърифатӣ, рефлексивӣ, таҳлилӣ роҳандозӣ мегардад. Тазаккур бояд дод, ки кулли рукнҳои зикршуда дар пайвастагии мантиқӣ қарор ёфта, якдигарро пурра мекунанд.

Дар робита ба ташхиси салоҳияти касбии омӯзгорони муҳити инклюзивӣ бо волидон дар доираи “технологияи тренингӣ” бояд гуфт, ки он ҳануз дар сатҳи начандон дилхоҳ қарор дорад. Бештари омӯзгорон шакли монологии робитаро бо волидон афзал мешуморанд ва аз воситаҳои маъмули даъват, амсоли “чунин бояд рафтор кунед”; “ба

фарзандатон бояд фаҳмонед”; “бояд аз болоятон кор кунед”; “ба адабиёти илмӣ-методӣ ворид шавед” ва андарзу насиҳатҳои зиёд истифода мебаранд. Мусаллам аст, ки истифода аз технологияи тренингӣ на танҳо донишҳои қавии соҳаи таҳсилоти фарогир, балки таҳаввули тафаккури касбӣ-педагогии интиқодӣ, ба назари эътибор гирифтани андешаю қарори волидонро дар самти мавқеи шахсӣ тақозо мекунад.

Барои санҷидани роҳу равиши технологияи тренингӣ муассисаҳои таҳсилоти ноҳияи Панҷакент низ ба доираи таҳлил ва мушоҳидаю омӯзиш ворид карда шуда, ҳамкории волидон ва омӯзгорон низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт. Ҳамаи 62 нафар бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва ҳамроҳи ҳамсолони худ аз рӯйи нақшаи махсуси таълимӣ дарс мехонанд, аз назари санҷиш ва озмоиш гузаштанд. Вазифаи асосии волидон аз он иборат буд, ки пас аз машғулиятҳо мувофиқи тавсияи омӯзгорон бо фарзандони дорои нуқсонҳои гуногун аз бололи онҳо назорат баранд ва дар иҷрои супоришу вазифаи хонагӣ кӯмак кунанд. Дар зер рӯйхати бачагони ДИМ-ро пешниҳод менамоем (ҷадвали 2):

Ҷадвали 2

Рӯйхати бачагони дорои имконияташон маҳдуд, ки дар МТМУ ноҳияи Панҷакент таҳсил мекунанд (маълумот аз моҳи декабри соли 2025)

р/т	Ному насаб	Ҷинс	Синф, синну сол		Муассисаи таълимӣ	Сурогаи хонанда
1	Шарифова Мадина	духтар	с.4	01.06.2014	МТМУ № 28	Ҷ/д.Моғиён д. Сор
2	Ҳикматзода Исо Фирӯз	писар	с.2	21.10.2016	МТМУ № 45	Ҷ/д.Моғиён д. Ғезани поён
3	Бафоев Самир	писар	с. 9	22.04.2010с	МТМУ №20	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Гусар
4	Тураев Мунис	писар	с. 6	31.01.2008с	МТМУ №20	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Гусар
5	Розиков Сулаймон	писар	с. 11	18.06.2014с	МТМУ №20	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Гусар
6	Турсунзода Ҷонибек Шодибек	писар	с. 3	01.10.2012	МТМУ № 6	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Гусар

						Давоми ҷадвал
7	Саъдуллоев Самадҷон	писар	с. 6	08.09.2014	МТМУ №33	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Навобод
8	Ниёзи Акбар	писар	с. 1	20.12.2012	МТМУ №6	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Ғӯсар
9	Сангинова Савдо	духтар	с. 5	29.04.2012с	МТМУ №82	Ҷ/д. Лоиқ Шералӣ д. Баҳор
10	Дӯсиназаров Муҳаммадҷон	писар	с. 6	27.11.2015	МТМУ № 29	ш. Панҷакент к. Баққолӣ 6
11	Оқилова Парвона	духтар	с. 5	27.05.2012	МТМУ № 47	ш. Панҷакент к. Баққолӣ 14
12	Қодирова Сумая	духтар	с. 3	30.03.2011	МТМУ №30	ш. Панҷакент к. С. Шерозӣ 8
13	Начмиддинов Бехруз	писар	с. 7	29.03.2016	МТМУ №1	ш. Панҷакент к. Ҷ. Румӣ 4/8
14	Рахимов Суруш	писар	с. 7	17.02.2018	МТМУ №15	ш. Панҷакент к. Терешкова 20/7
15	Баҳромзода Самира	духтар	с. 3	27.03.2013	МТМУ №15	ш. Панҷакент х. Рӯдакӣ 13/20
16	Ашӯрзода Суҳайб	писар	с. 1	04.11.2016	МТМУ №71	Ҷ/д. Х. Хасан д. Девештич
17	Отабоев Анисҷон	писар	с. 4	16.12.2014	МТМУ №1	ш. Панҷакент к. Ҷомӣ
18	Муҳаммадзода Умар	писар	с. 2	30.11.2018	МТМУ №111	м. Меҳробод
19	Ғолибова Фариштамоҳ	духтар	с. 4	10.12.2016	МТМУ №30	ш. Панҷакент к. Шерозӣ 81
20	Атоев Озар	писар	с. 1	17.12.2013	МТМУ №1	ш. Панҷакент к. Л.Шералӣ-76
21	Султонзода Самирбек	писар	с. 1 8-соат	09.05.2011	МТМУ №3	ш. Панҷакент к. Рӯдаки -18
22	Абдуллоев Қудратилло	писар	с. 6	27.09.2014с	МТМУ №56	Ҷ/д. Х. Хасан д.Суфиён
23	Ҳасанова Зарёна	духтар	с.8	07.01.2016	МТМУ № 56	Ҷ/д. Х. Хасан д.Суфиён
24	Махмадризоева Асила	духтар	с. 5	03.06.2015	МТМУ №17	Ҷ/д. Х. Хасан д. Шурча
25	Бегов Умар	писар	с. 3 8-соат	01.01.2010	МТМУ № 2	Ҷ/д. Х. Хасан м. Обшорон
26	Ғаниева Мадинабону	духтар	с. 4	19.05.2015с	МТМУ №14	Ҷ/д. Х. Хасан д. Кабудсанг
27	Шарипов Ҷаҳонгир	писар	с. 9	30.08.2015с	МТМУ №17	Ҷ/д. Х. Хасан д. Шурча
28	Наҷибуллозода Маҳина	духтар	с. 5	09.09.2018	МТМУ №14	Ҷ/д. Х. Хасан д. Кабудсанг
29	Боев Муҳаммадазиз	писар	с. 1	05.08.2008с	МТМУ №90	Ҷ/д. Косатарош д. Косатарош

						Давоми ҷадвал
30	Субҳонзода Юсуф	писар	с. 1	10.10.2018с	МТМУ №83	Ҷ/д. Косатарош д. Хумгарон
31	Хӯҷамзода Фарзона	духтар	с. 1	08.05.2018	МТМУ №108	Ҷ/д. Косатарош д. Ҷимчашма
32	Тошев Шокир	писар	с. 7	01.09.2011с	МТМУ №77	Ҷ/д. Косатарош д. Филмандар
33	Исмоилов Аслам	писар	с. 6	25.10.2014	МТМУ №70	Ҷ/д. Ворӯ д. Порвен
34	Карими Меҳрварз	духтар	с. 1	23.12.2011	МТМУ №9	Ҷ/д. Ёрӣ д. Ёрӣ
35	Сафарзода Табассум	духтар	с. 1	19.10.2010с	МТМУ №9	Ҷ/д. Ёрӣ д. Ёрӣ
36	Раҳматов Абдурофи Баҳронович	писар	с. 8	19.02.2014	МТМУ № 101	Ҷ/д. Саразм д. Шурноваи поён
37	Сувонов Бӯрибой	писар	с. 1	19.01.2007	МТМУ № 103	Ҷ/д. Саразм д. Бостондеҳ
38	Қаҳҳорова Маҳина	духтар	с. 7	25.12.2014	МТМУ № 106	Ҷ/д. Саразм д. Шӯрнова
39	Туракулова Саодат	духтар	с. 8	19.10.2010с	МТМУ № 72	Ҷ/д. Саразм ш. Саразм
40	Саидов Ҳасан	писар	с. 3	16.10.2013	МТМУ № 4	Ҷ/д. Саразм д. Чимкалъа
41	Сиёвуши Раҳимқул	писар	с. 11	30.10.2016	МТМУ № 72	Ҷ/д. Саразм ш. Саразм
42	Сатторов Иброҳим	писар	с. 4 8-соат	21.09.2016	МТМУ № 43	Ҷ/д. Саразм д. Камар
43	Саидов Ҳусен	писар	с. 3	11.10.2010с	МТМУ № 4	Ҷ/д. Саразм д. Чимкалъа
44	Тураев Муҳаммадҷон	писар	с. 8	19.06.2010	МТМУ № 72	Ҷ/д. Саразм ш. Саразм
45	Меликулзода Қаҳрамон	писар	с. 4	10.07.2012с	МТМУ № 16	Ҷ/д. Саразм д. Шурнова
46	Мухторова Моҳинисо	духтар	с. 3	01.09.2014	МТМУ № 16	Ҷ/д. Саразм Д. Шурнова
47	Баҳодурзода Шаҳзода	духтар	с. 3	12.01.2013	МТМУ № 16	Ҷ/д. Саразм д. Шурнова
48	Акрамов Иззатилло	писар	с. 7,	14.09.2014	МТМУ №88	Ҷ/д. Амондара д.Хӯҷапанҷ
49	Муҳаммадиева Сурайё	духтар	с. 9	27.07.2011	МТМУ №88	Ҷ/д. Амондара д.Хӯҷапанҷ
50	Шарипова Фотима	духтар	с. 7	10.03.2014	МТМУ №41	Ҷ/д. Рудаки д. Шашкат
51	Хӯҷамов Суннатулло	писар	с. 2	12.07.2017	МТМУ №41	Ҷ/д. Рудаки д. Шашкат
52	Акрамов Заршед	писар	с. 5	21.11.2015	МТМУ №13	Ҷ/д. Рудаки д. Некнот

						Давоми ҷадвал
53	Бегимиён Дилшод Иршодзода	писар	с. 5	21.02.2016	МТМУ №13	Ҷ/д. Рудаки д. Некнот
54	Розиқова Дурахшон	духтар	с. 8	09.02.2011	МТМУ №50	Ҷ/д. Рудаки д. Яккахона
55	Усмонов Сорбон	писар	с. 5	13.11.2018	МТМУ №50	Ҷ/д. Рудаки д. Яккахона
56	Норбойзода Меҳвар	писар	с. 1	01.01.2008	МТМУ №53	Ҷ/д. Рудаки д. Марғедар
57	Хӯҷамов Уткурҷон	писар	с. 4	12.08.2017	МТМУ №97	Ҷ/д. Хурмӣ д. Сарикамар
58	Ҷӯраев Салоҳиддин	писар	с. 3	21.02.2016	МТМУ № 31	Ҷ/д. Хурмӣ д. Озодагон
59	Назаров Зокирҷон	писар	с. 7	09.02.2011	МТМУ № 31	Ҷ/д. Хурмӣ д. Озодагон
60	Насриддинзода Насриддин	писар	с. 1	13.11.2018	МТМУ № 11	Ҷ/д Шинг Д. Шинг
61	Абдураҳмонова Севинч	духтар	с. 1	01.01.2008	МТМУ № 37	Ҷ/д Чинор
62	Арслонзода Умеда	духтар	с. 1	12.08.2017	МТМУ № 37	Ҷ/д Чинор

Аз омӯзгорон талаб карда шуд, ки оид ба муносибати босалоҳият ба ба таълиму тарбияи бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд вобаста ба саволҳои гузошташуда маълумоти дақиқ ҷамъ оваранд, бобати дар мактабҳо ва синфхонаҳо мавҷуд будани шароити мусоиди таълим маълумот пешниҳод намоянд. Инчунин супориш дода шуд, ки муносибати волидон нисбат ба таҳсили фарзандонашон, дастгирӣ, кӯмак ва умуман муносибати онҳо ба таҳсили фарогир муайян карда шавад.

Натиҷабарорӣ аз маълумотҳои дастрасшуда моро ба чунин хулоса овард:

1. Дар аксари мактабҳо барои таълими бачагони дорои имконияашон маҳдуд шароити мусоид мавҷуд нест.

2. Бобати ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Маркази нерӯбахшӣ ва мавҷудияти синфхонаҳои захиравӣ ҳочати сухан нест (дар шароити деҳот синфхои захиравӣ барои расонидани ёрии терапевтӣ, омӯзишӣ, истироҳати сенсорӣ, машғулиятҳо бо мутахассисон барои мутобиқшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба муҳити мактаб ва омӯзгорон комилан вуҷуд надоранд).

3. Таъмини омӯзгорон бо дастурҳои методӣ оид ба таҳсилоти фарогир беҳбудӣ мехоҳад, зеро дар ин самт танҳо баъзе аз омӯзгорон дар китобхонаи шахсӣ ва электронӣ маводҳои зарурро ҷамъ овардаанду истифода мебаранд.

4. Ҳамкории баъзе аз мактабҳои ноҳия бо ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” фақат ба хотири ҷудо кардани аробача барои бачагони маъюб маҳдуд асту халос ва он ҳам бо ташаббус ва азамату ҳиммати тарафайн амалӣ мегардад.


5. Шумораи бештари бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар онҳо эҳсос шудани нуқсонҳои рушди ақлонӣ-зеҳнӣ (интеллектуалӣ) мебошад (тақрибан 50 нафар аз миқдори умумӣ (82). Гуруҳи дигарро бачагоне ташкил мекунанд, ки норасоиҳои рушди ҷисмонӣ доранд (фалаҷи сутунмуҳра (ФС), маслух, ношунавоӣ/камшунавоӣ, биноӣ).

Ҷадвали 3

Ҳамагӣ	**Дорои нуқсонҳои ақлӣ**	**Шунавоӣ**	**Биноӣ**	**ФС**	**Маслух**
82	60	5	3	4	10

Натиҷабарорӣ аз маълумотҳои дастрасшуда дар шакли диаграмма

Диаграммаи 2



6. Муайян гардид, ки ҳангоми ба мактаб қабул кардани бачагони дорои имконияташон маҳдуд мушкилоти гуногун аз ҷониби ҳам БТМ ва ҳам волидон ба амал меояд. Махсусан, ҳисси нобоварӣ ва хиҷолатии бачагону волидон, бархе аз мушкилоти моддиву молиявӣ (харҷи роҳ, мунтазам ҳамроҳӣ кардани нафаре аз хонавода) ва амсоли он.

Бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти гузориш ва ҳаллу фасли масъала тасмим гирифтем, ки бо ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти ноҳияи Панҷакент пурсишнома гузаронем. Суолҳо пешакӣ омода шуда, бештар ба ҷанбаи мусбӣ ва проблемаҳое, ки дар ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд мавҷуданд, равона гардид. Аз ҷумла:

1. Назари Шумо ба ташкил ва густариши таҳсилоти фарогир чӣ гуна аст?

2. Кадом гуруҳи бачагони дорои имконияташон маҳдуд дар муассисаи Шумо таҳсил мекунанд?

3. Ҷанбаҳои мусбии таҳсилоти фарогир зиёданд, ё манфӣ?

4. Муносибати хонаводаҳо, махсусан, волидон ба ҷалби фарзандони дорои норасоӣ ва нуқсонҳои мухталиф ба ҷараёни таълиму тарбия чӣ гуна аст?

5. Оё ҳамкории волидон ва мактабро дар ин росто мусбӣ гуфтан салоҳ аст?

6. Мавқеи касбии омӯзгорон ва омодагии онҳо ба раванди таҳсилоти фарогир дар кадом вазъ қарор дорад?

7. Барои мураттаб сурат гирифтани низоми таҳсилоти фарогир чӣ гуна монеа ва мушкилоти моддӣ-молиявӣ мавҷуд аст?

8. Оё дар муассисаи Шумо дастур ва тавсияҳои методӣ оид ба хусусиятҳои таълими бачагони дорои имконияташон маҳдуд мавҷуд аст?

9. Оё Шумо дар ягон семинар, тренинг ва курси махсус дар робита ба моҳият, аслият ва табиати низоми таҳсилоти фарогир иштирок кардед?

10. Пешниҳодҳои мушаххаси худро бобати афзалият ва норасоиҳои таҳсилоти фарогир баён намоед.

Натиҷаҳои пурсишро тавассути таҳлил ва омӯзиши ҷиддии ҳар як саволу ҷавоб аз назар гузаронидем. Онро дар доираи **диаграммаи** зерин вобаста ба саволҳои 1-9 пешниҳод менамоем:

Саволи 1 – мусбӣ; саволи 2 – бештар маъюбон; саволи 3 - мусбӣ; саволи 4 – мусбӣ; саволи 5 – 70-75%; саволи 6 – 55-60%; саволи 7 – моддӣ-молиявӣ; саволи 8 – қисман; саволи 9 – не (80%); ҳа (20%).

Савол	**Натиҷа**
Саволи 1	мусбӣ
Саволи 2	бештар маъюбон
Саволи 3	мусбӣ
Саволи 4	мусбӣ
Саволи 5	70–75%
Саволи 6	55–60%
Саволи 7	моддӣ-молиявӣ
Саволи 8	қисман
Саволи 9	Не – 80%; Ҳа – 20%

Оид ба саволи 10 маълум шуд, ки кулли сарварони муассисаҳои таҳсилот ва омӯзгорон аз ғояҳои консептуалии таҳсилоти фарогир огоҳии комил доранд. Онҳо падидаи гуманистии “Таҳсил барои ҳама”-ро ҳамчун арзиши бузурги инсонӣ ва умумибашарӣ қабул намуда, ҷалби кӯдакону бачагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ, ақлӣ, зеҳнӣ, руҳӣ ва амсоли онро ба раванди таълиму тарбия кори зарур, амали хайр ва вазифаи муқаддаси ҳар як мактаб, хонавода ва ҷомеа қабул карда, худро узви баробарҳуқуқи ҷамъият маҳсуб донанд. Чунин иҷтимоишавии бачагони дорои имкониятаашон маҳдуд онҳоро пайваста ба фазои иртибот ва муошират иттилоот ворид месозад, эътимоду бовариро ба худ ва атрофиён ҷилвагар месозад.

Иштирокдорони пурсиш якдилона изҳор карданд, ки таҳсили якҷояи бачагони солим бо ашхоси дорои норасоӣ ва нуқсонҳои маъмул муҳассилинро ҷониби таҳаммул, сабр, бардошт ва ҳисси эҳтирому навозиш даъват мекунад. Дар муддати кутоҳ бачагон ба ҳам унс гирифта, фарқияти байни онҳоро аз байн мебардорад ва ба як рӯйдоди муқаррарии ҳаёт ва зиндагӣ табдил медиҳад. Махсусан, агар омӯзгорон аз даъватҳои шоирону мутафаккирони давру замонҳои гуногун оид ба асолати инсонӣ, меҳру муҳаббат, раҳму шафқат мисолҳо овардаю андешаҳои баланди инсониро таннум карда бошанд:

Мардӣ набувад фитодаро пой задан,

Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ! (Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ).

То тавонӣ дӯстонро гум макун,

Дӯстони меҳрубонро гум макун.

Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,

Мушкилосонкункасонро гум макун! (Мирзо Турсунзода).

Дар раванди таҳлил ва ҷамъбасти хулосаҳо оид ба мушкилот ва ҷиҳатҳои манфии таҳсилоти фарогир яқин гардид, ки омӯзгорон ҳангоми кор бо бо бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ бештар ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Мусаллам аст, ки қудрат ва нерӯи дарки иттилоот (маводи дарсӣ) аз ҷониби чунин афрод суст буда, маҳз ҳамин хусусияти фардӣ онҳоро зуд-зуд асабонӣ мекунад, ҳиссиёти манфии худро пинҳон карда наметавонанд, ҳамеша омодаи гиряанд. “Ҳатто баъзе омӯзгорон ба ин ақидаанд, ки асабонияти бачагоне, ки норасоии рушди ақлонӣ доранд, гоҳо сабабгори ба вуҷуд омадани ҳисси хушунату бадбинӣ нисбат ба дигарон мешавад” [143, с.25].

Хулосаҳои ба дастомада моро водор месозанд, ки камбудиҳои аксари омӯзгоронро дар самти омодагии касбӣ ба низоми таҳсилоти фарогир шарҳу эзоҳ дода бошем:

1. Кулли омӯзгорон салоҳияти мутобиқ сохтани маводи таълимиро ба қудрату нерӯи заифи бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ надоранд.

Сабаби асосӣ дар омода набудани онҳо дар самти таҳсилоти фарогир, сари вақт нагузаштани курсҳои такмили ихтисос, дар мақомоти идораи маориф мавҷуд набудани мутахассис-методисти босалоҳият бобати таҳсилоти фарогир маҳсуб меёбад.

2. Ташкили самараноки низоми таҳсилоти фарогир аз омилҳои гуногун сарчашма мегирад:

- мавҷудияти мушовирон-ёварон аз ҷумлаи тюторҳо, волидон, мутахассисони соҳаҳои тиб, равоншиносӣ, ҳуқуқшиносӣ;

- махсусан, фаъолияти равоншиносон дар ин самт барҷаста ба назар мерасад, зеро онҳо бештар ба дили бачагон роҳ меёбанд, мутмаин месозанд ва қудрати ба кор андохтани неруҳои ақлӣ ва зеҳнии онҳоро доранд;

- ҳамкории пайваста ва ҷиддии омӯзгорон ва волидон дар густариши оқилонаи ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ба таълим ва тарбия;

- “дили бачаро бача медонад”- гуфтагӣ барин мақоми ҳамсинфони солимро дар ёрӣ, кумак ва дастгирии бачагони дорои нуқсонҳои мухталиф набояд сарфи назар кард. Таҷриба нишон медиҳад, ки кулли бачагон тез ба имдоди якдигар мерасанд ва сухану даъваташон қобили қабул ҳам мегардад;

- маҳорати омӯзгор дар арзёбии дониши бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ. Мутаассифона дар ин росто омӯзгорон ҳар яке ба таври худ, бо меъёрҳову ченакҳои хоси интихобкардаи хеш амал мекунанд ва дар аксари ҳолатҳо бачагони носолим на ҳамеша аз баҳои гирифтаи худ розӣ ва хурсанд шуда метавонанд.

3. Проблемаи дигаре, ки мо дучор омадем, бештар ба маҳорат ва салоҳияти касбии омӯзгор робита дорад. Гап сари он меравад, ки на ҳамаи омӯзгорон дар лаҳзаҳои асабонӣ шудани бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ чӣ гуна рафтор кардан ва ором сохтани онҳоро медонанд. Баъзан муносибати худи омӯзгорон боиси бештар асабонӣ

шудани ашхоси дорои нуқсонҳои маъмулиро ба амал меорад. Чунин лаҳзаҳо аз мавридҳои муташанниҷи робитаи омӯзгору бачагони дорои норасоиҳо буда, дили онҳор аз таҳсил ва омӯзишу рушд хунук мекунад. Мутаассифона, ин ҳолат ғайримуқаррарӣ нест,зеро робита бо бачагони дорои имконияташон маҳдуд кори басо душвор ва серташвиш маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи таҳсилоти фарогирро бо дарназардошти ҳам афзалиятҳо ва ҳам монеаҳои воқеӣ рӯйнамо кард. Кулли омӯзгорон ва дастандаркорони ин падида норасоӣ ва мушкилоти асосиро аз мавҷудияти иттиллооти пурра дар самти дониш ва маълумоти амиқу аниқ вобаста медонанд. Бештар хусусиятҳои равонии (психологӣ) бачагони дорои имконияташон маҳдуд нақши муҳим мебозад ва дар ин росто роҳу равиши кор бо чунин афроди ҳассос ва нозуктабъ мавқеи аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ҳамзамон фароҳам овардани муҳит ва шароити мусоиди таълиму тарбия, ташкили синфхонаҳои ресурсӣ, таъмин бо адабиёти методӣ ва дастурҳои таълимӣ аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳини таҳлили пурсишнома маълум гардид, ки солҳои охир хонаводаҳо ва, хоса, волидон хоҳиши калони таълиму тарбияи фарзандони дорои нуқсону норасоиҳоро изҳор медоранд, тез-тез ба мактабҳо омада, аз рафти муносибат ва рафтору кирдори онҳо хабардорӣ мекунанд. Бархе аз волидон ба унвони ташкилоти ҷамъиятии “Нури умед” (шаҳри Панҷакент) мурочиат карда, оид ба баргузории конфронси минтақавӣ дар мавзӯи “Мактаб, хонавода, ҷомеа ва роҳҳои бартараф кардани монеаҳои таҳсилоти фарогир” таклиф ба миён оварданд. Дар назар аст, ки нимаи аввали соли 2027 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо дастгирии Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон чунин чорабинӣ бо иштироки созмонҳои байналмиллалӣ, мактабҳои олии самти педагогӣ баргузор хоҳад шуд.

Хулосаи боби сеюм

Аз рафти таҳқиқот дар боби сеюми рисола яқин гардид, ки таҳсилоти фарогир аз падидаҳои беназир ва хайрхоҳонаи ҷалби бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таълим ва тарбия маҳсуб меёбад. Кулли муҳаққиқон ва омӯзгорони соҳибтаҷриба чунин мешуморанд, ки таҳсилоти фарогир бе эҳсос ва дарки арзишҳои зеҳнӣ-маърифатӣ ва ахлоқӣ-маънавӣ, эҳтироми шахсияти дорои имконияташ маҳдуд, омодагии психологии омӯзгор, донишҳои махсуси инклюзивӣ, ҳамкорӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун (тиб, равоншиносӣ, логопедҳо, сурдопедагогҳо ва амсоли он), рушди пайвастаи касбӣ имконнопазир ва тасаввурнашаванда аст.

Таҳқикот ошкор сохт, ки таълим дар мактабҳои махсуси фарогир ва дар синфҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар сурати мавҷуд набудани мактабҳои махсуси фарогир) ҳам барои кӯдакону бачагони солим ва ҳам дорои нуқсонҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ, солимӣ аз аҳаммият холӣ нест, зеро таҳсили якҷоя бо хонандагони солим ва пешқадам рағбати ашхоси дорои имкониятҳои маҳдудро, андаке ҳам бошад, меафзояд. Чунин усули кор ва муносибати баробар бо хонандагони солим ва бонуқсон муҳити гуворои гуманистӣ ва эътимодро эҷод намуда, махсусан, барои онҳое, ки байни ҳамсолони пешқадам худро ноҳинҷор эҳсос мекунанд, боварӣ ва ҷуръатро ба вуҷуд меорад ва рушд медиҳад.

Таҳқиқот собит сохт, ки ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ноқисиҳои саломатӣ (зеҳнӣ, ҷисмонӣ) мутавассит шудан ва роҳ ёфтан ба низоми таҳсилоти фарогир дар мактабҳо ва синфхонаҳои махсус бобати пешрафти онҳо, баланд шудани сифати омӯзиш ва парвариш мусоидати комил менамояд. Хоса, баробарҳуқуқии бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта риоя гардида, рағбат ва шавқу завқи онҳоро ба донишандӯзӣ, иштироки фаъол ва муштаракро дар чорабиниҳои гуногуни мактабӣ ва минтақавӣ бедор ва афзун месозад.

Мушкилоти дигаре, ки дар самти таҳсилоти фарогир вуҷуд дорад, дар он аст, ки маълумоти воқеии оморӣ оид ба миқдори бачагони дорои нуқсон ва иллатҳои гуногун, ки ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шомил шудаанд, мавҷуд нест. Вазъи ҳол аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди фарогирии бачагони дорои талаботи махсус ба таҳсил бидуни ташкили муназзам мураттаб ёфта, ба принсипҳо ва асосҳои инклюзивии таълим ҷавобгӯй нест. Дар ҳоле, ки масъала рушди ботартибро бо риояи қоидаву қонунҳои таҳсилот фарогир тақозо мекунад.

Дар робита ба масъалаи ҳамкории омӯзгорон ва волидони бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳандозӣ намудани принсипи “робитаи муттасил ва ногусаста” бағоят муҳим ва зарур дониста мешавад. Дар ин росто вазифаи волидон аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон пайваста аз вазъи саломатии фарзандони дорои имконияташон маҳдуд маълумот пешкаш намоянд.

Таҳқиқоти мазкур равшан сохт, ки яке аз масъалаҳои муҳимми таълими босифат тавассути фарогирии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд аз салоҳияти касбии омӯзгор вобастагӣ дорад. Салоҳияти омӯзгор дар самти таҳсилоти фарогир, пеш аз ҳама, дарки арзиш, мазмун ва асолати он, омодагии касбии омӯзгор ба ҷалби бачагони дорои нуқсонҳои гуногун ба ҷараёни таълим ва парвариш, раванди муошират ва муносибат, таъмини муҳити психологии орому осудаи кулли муҳассилин аз омилҳои муассири таҳсилоти босифати фарогир маҳсуб меёбад.

Бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти гузориш ва ҳаллу фасли масъала бо ҳайати роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти ноҳияи Панҷакент ва омӯзгорони пешқадам пурсишнома гузаронида шуд. Суолҳо пешакӣ омода шуда, бештар ба ҷанбаи мусбӣ ва проблемаҳое, ки бобати ҷалби бачагони дорои имконияташон маҳдуд ва иҷтимоишавии онҳо мавҷуданд, равона гардид.

Хулосаҳои ба дастомада моро водор месозанд, ки камбудиҳои аксари омӯзгоронро дар самти омодагии касбӣ ба низоми таҳсилоти фарогир шарҳу эзоҳ дода бошем:

1. Кулли омӯзгорон салоҳияти мутобиқ сохтани маводи таълимиро ба қудрату нерӯи заифи бачагони дорои нуқсонҳои ақлӣ ва зеҳнӣ надоранд.

2. Ташкили самараноки низоми таҳсилоти фарогир аз омилҳои мушаххаси ташкилӣ, методӣ, омодагии педагогҳо, равоншиносон, мутахассисони соҳаи тиб, таъмини моддӣ-молиявӣ сарчашма мегирад.

3. Проблемаи дигар ба маҳорат ва салоҳияти касбии омӯзгор робитаи қавӣ ва ногусастанӣ дорад.

4. Фароҳам овардани муҳит ва шароити мусоиди таълиму тарбия, ташкили синфхонаҳои ресурсӣ, таъмини адабиёти методӣ ва дастурҳои таълимӣ аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

ХУЛОСАИ УМУМӢ

Ҳамин тариқ, дар рисола ба пажӯҳиш ва баррасии масъалае ручуъ кардем, ки дар илми муосир, минҷумла, педагогикаи ватанӣ аз тадбирҳои босамари роҳандозии падидаи наву тоза – таҳсилоти фарогир қарор мегирад.

